# НУР

## ДАР ҶУСТУҶӮИ РУШНОӢ



СТИВЕН МАСЪУД

© 1986 by Steven Masood.
Published originally in English as *Into the Light*

© 2001 for the Tajik edition. Printed by permission. All rights reserved.

# Изҳори миннатдорӣ

Аз замоне, ки ман ба кашфи ҳақиқати Ис ам, аз ман бештар ин саволро мепурсанд: „Чаро ва чӣ тавр Шумо масеҳӣ шудаед?“. Ман бо шавқ қиссаи худро баён мекардам, вале муддати дарозе навиштани онро хусусан ба забони англисӣ, ҷуръат намекардам.

Дар охир, дӯстони ҷамоати масеҳии ман дар Абу Забӣ Билл Ҳемпсон, Иветт Улбрехт ва Бириус маро ба иҷрои ин амал маҷбур карданд. Ман мехостам, ки миннатдории худро ба онҳо ва ҳамчунин ба Роҷер ва Колет Баклӣ, ки бо ёрдам ва дуояшон маро дастгирӣ мекарданд, баен намоям. Ҳамчунин ман ба Ден Вудинг ва Ҷефф Ричардхонум, ки қайдҳои парокандаи маро ба тартиб дароварда, дар тасмаи магнитӣ сабт карданд, эҳтиромона ташаккур мегӯям.

Ҳамчунин мехоҳам, эҳтироми худро ба Ли Тернер, Алан Ашерст ва махсусан ба Маргарет ва Оскар баён намоям.

Аз он ҷумла миннатдории худро ба ҳамаи масеҳиён ва мусулмононе, ки маро дар мубориза барои расидан ба ин мақсад тарафдорӣ мекарданд, равона мекунам.

Стивен Масъуд

# 1 Хоб дидан

Ман бачаи раҳгумкардаи гирён, ба чорроҳа мебароям. Ман аз роҳгузарон мепурсам, кадоме аз ин роҳҳо ба хонаи мо мебарад, вале ягон нафари онҳо ба ман ҷавоб намедиҳанд. Хулоса, ман роҳеро таваккалан интихоб карда тоқаву танҳо, бебахт меравам.

Ман бисёр гурусна шудам ногоҳон боғе аҷоиберо мебинам, ки шохаҳои дарахтонаш аз вазнинии меваҳо хам шудаанд. Боғ бо деворҳои баланд иҳота шудааст ва дар рӯ ба рӯи ман дарвозаи калоне намудор мешавад. Дарвоза маҳкам аст. Ман кӯшиш кардам,ки онро кушоям, вале кӯшиши ман барбод меравад.

Ман дод мегӯям: „Илтимос мекунам, дарро кушоед! Ман бисёр гурусна мондаам. Ман мехоҳам камтар мева харам. Ман пул дорам! Илтимос дарвозаро кушоед!" Дарвоза беовоз дар рӯ ба рӯи ман кушода мешавад.

Дар боғ кӯдакон бозӣ мекунанд. Ман ба онҳо наздик мешавам. Онҳо маро дида бозиро бас мекунанд. Ман ба онҳо мегӯям: „Ман роҳро гум кардаам. Агар ба хона бевақт биёям, падару модарам маро мезананд". Яке аз бачаҳо пораеро аз себ газида мегирад. Инро дида, ман боз мегӯям: „Ман бисёр гурусна мондаам!"

Бачаҳо ба касе дод мезананд: „Падар, бинед кӣ омадааст?!" Баргашта аз миёни шохаҳои буттаҳо одамеро мебинам, ки ба сӯи мо меояд. Ӯ калонсол аст, вале сиҳату бардам менамояд. Нохост ман ҳис мекунам, ки ӯ падари ман ҳам ҳаст! Маро тарсу ваҳм фаро мегирад ва ман мехоҳам, ки гурезам. Овози ӯ маро нигоҳ медорад: „Писарам! Фарзанди ман! Ман ба ту хашм надорам. Ту, мисли дигар бачагон аз они ман ҳастӣ".

Овози ӯ монанди овози падари ман нест ва ман ба тарафи ӯ бармегардам... ва кайҳо дар бағали вай ҳастам. Бачагон моро гирд карданд. Онҳо маро мебӯсанд ва аз сабадчаҳои худ мева дода, изҳори дӯстдории падар мекунанд. Ман аз онҳо иҷозати дар пеши онҳо монданро мепурсам, чунки ман ба хонаи бобоии худ баргаштан намехоҳам, зеро ки он ҷо ҳисси дӯстдорӣ надорам.

„Иҷозат диҳед, ки ман бо Шумо зиндагӣ кунам. Бо шумо ба мактаб меравам ва бовари дорам, ки муаллим маро чун Муҳаммад Исмоил ҷазо намедиҳад!"

Падар ба ман табассум карда гуфт: „Писарам, ман аз Муҳаммад Исмоил аллакай хоҳиш кардам, ки дигар туро назанад. Ман ба ӯ гуфтам, ки вай бояд ғамхори ту бошад“.

Ман ба ӯ мечаспам ва рӯи худро дар қабати пӯшоки сафеди ӯ пинҳон мекунам.

„Не падарҷон ман мехоҳам ки ин ҷо бо ту зиндагӣ кунам“.

„Писарҷон, ҷавоб медиҳад ӯ бо меҳрубонӣ, ту писари хуб ҳастӣ, писарони хуб падари худро гӯш мекунанд. Ба мактаб баргард, ва чун хонданро ба анҷом расондӣ, ман туро ба пеши худам мегирам. Ҳоло, биё равем. Ман туро ба хона мебарам“.

2

# Аёми кудакӣ миёни аҳмадиён

Ман ҳангоми намози субҳ таваллуд шудаам. Мувофиқи анъанаи динии мо ин хосияти хуб дорад.

Ҳангоме, ки падарам маро дар дастонаш дошта, ба гӯшам намози махсус ки ҷои маро дар олами мусулмонии аҷдодони ман мустаҳкам мекард, мехонд ва худро хушбахт ҳисоб мекард. Дар ин ҷо, дар хонаи падару модари худаш,чун инро анъанаи аҷдодӣ талаб мекард, ҳамсари дигари вай боз як писар барояш тӯҳфа намуд! Модарам низ бо ҷои муҳим ишғол намудааш фахр мекард, ки ба шавҳараш писареро тӯҳфа намуд, чунки дар олами ислом таваллуди писар қиммати баланд дорад. Бисёреҳо дар намоз аз Худованд хоҳиш менамоянд, ки ба онҳо писарро бахшад; лекин хеле кам воҳ мехурад, ки аз Худованд талаби духтар кунанд.

Маро Масъуд Аҳмад Хон номгузорӣ карданд. Аҳмад-ин номи дуюми Муҳаммад пайғамбар аст.Аз ин ном номи ҷамияти мо таркиб ёфтааст, ки равияи аҳмадия мебошад. Дар ин шароит доштани исми Аҳмад шарафи бузург аст.

Дар Тарноб, шаҳраке дар шимоли Покистон, дар масофаи 30 мил аз Пешовар, субҳи 30 ноябри соли 1951 хеле хунук омад. Волидайни модари ман деҳқонони заминдор буданд ва заминҳои худро ба иҷоракорӣ медоданд. Ба сифати музди иҷора деҳқонон қисме аз ҳосили худро ба бобоям медоданд. Мутаассифона бобои ман шахси хирадманду дурандеша набуд ва дар оқибат тамоми мулки худро аз даст дод, вале ин қиссаи дигар аст.

Ҳангоми таваллуди ман бобоям сардори хоҷагии калони оилаи бисту панҷнафара буд. Ӯ чанд духтар ва ҳамагӣ як писар дошт. Чор соли аввали ҳаёти ман дар хонаи ӯ гузаштааст, ки дар кудаки ба ман хеле калон менамуд. Хонаи ӯ низ чун хонаҳои дигар аз ғиштӣ каҳгили сохта шуда буд ва дарунаш хеле хунук буд. Ҳавлӣ даҳ – понздаҳ хона дошт, ки ҳавлии дарунро иҳота мекарданд. Долони васеъ, ки бо токи ангур печонида шуда буд, дар ҳавои гарм хонаҳоро аз офтоб панаҳ мекард.Тарк кардани ин хонаи аҷиб ғамангез буд. Бори охирин ман дар он ҷо дар синни ҳафтсолагиам будам.

Бобои ман мисли дигар деҳқонони бой, масҷиди хусусии худро дар он замон дошт. Ҳар рӯз панҷ маротиба аз манораи вай азон садо медод, яъне диндорон барои намозхонӣ даъват карда мешуданд. Ин гуна ҳолатро имрӯз ҳам дидан мумкин аст. Мо бояд ҳама кори худро партофта ба Худо рӯй оварем.

Оллоҳу Акбар, Оллоҳу Акбар...
Худо бузург аст, Худо бузрг аст...
Ашъаду анна Муҳаммадан Расулулоҳ,...
Ман шаҳодат медиҳам,
ки Муҳамад фиристодаи Худованд аст.
Ҳама ба намоз оед.
Касе ҷуз Худованд ба саҷда сазовор нест....

Овози шахсе, ки азон мегӯяд, мусулмонони эътиқодмандро ба намоз даъват мекунад, дар ҳавои ороми хунуки пагоҳирӯзӣ паҳн мешуд. Тасаввур мешуд, ки акси садо гаштаву баргашта садо медод.

Барои кӯдак ин муҳити бисёр мувофиқ буд. Ман ки дар иҳотаи муҳаббати оилаи калон ба фаро расида будам, ташвишеро намедонистам. Мисли ҳар кӯдаки дар олами мусулмонӣ таваллуд шуда, солҳои аввали зиндагии худро ман дар иҳотаи занҳо гузаронидам. Танҳо дертар мардон дар зиндагии ман нақшае гузоштанд. Аксар вақт падарам дар хона набуд. Чунон менамуд, ки ӯ ҳамеша дар сафар аст, вале касе намедонист, ки ӯ ба куҷо меравад ва гарчанде ман ӯро дӯст медоштам, дар тифлӣ ӯ ҷои муайянеро дар зиндагии ман ишғол намекард.

Падари ман дар Афғонистон таваллуд шудааст. Оилаи вай дар ҳаёти деҳа мақоми муҳим дошт, бобои падарии ман дар он ҷо имоми муллоҳо буд. Ӯ замоне ки падари ман ҳамагӣ якчанд моҳа буд, вафот кард. Дере нагузашта бибиам ҳам аз дунё гузашт. Чанд сол падарам дар ҳамон қишлоқ бо ҳамроҳии тағояш зиндагӣ мекард, вале вақте, ки ӯ сенздаҳсола шуд, воқеае рӯй доду ҳаёти ӯро тамоман дигар кард.

Бобоям баъди вафоташ ба падарам ҳиссаи калони заминро ба мерос гузошт, ки дар пуштибонии тағоям буд. Вақте ки синну соли падарам ба навҷавонӣ мерасад, ба назди ӯ одамони ношинос омада мегӯянд, ки тағояш ӯро бо мақсади аз худ намудани замини меросиаш қасди куштан дорад. Падарам аз ин гапҳо метарсад ва танҳо баъди ду сол қарор медиҳад, ки аз он ҷо гурезад.

Вай ба шаҳри Кветт, ки дар тарафи ҷанубу шарқии сарҳади Афғонистон воқеъ аст меояд. Баъдтар ин шаҳр ба ихтиёри Ҳиндустон дохил мешавад ва пас аз тақсимоти соли 1947 ба давлати Покистон мегузарад. Дар он ҷо падарам бо шахси некхоҳе вомехӯрад, ки вазифадорӣ тариқати аҳмадия буд ва ба падарам раҳмаш омада ӯро ба

хонааш мебарад. Баъди чанд вақт падарам ба духтари ин шахс хонадор мешаваду аз онҳо якчанд фарзанддор мешавад.

Дар яке аз шабҳои соли 1935 дар шаҳри Кветт заминҷунбие ба амал омада, шаҳр тамоман вайрон шуда, 60 ҳазор одам нобуд мешаванд. Байни онҳо оилаи падарам ва ду фарзанди ӯ низ буданд. Хушбахтона падарам ҳангоми афтидани деворҳо ба болояш тасодуфан дари хона меафтаду ҷонашро ҳимоя мекунад. Бо шарофати ин ман ҳоло умр ба сар мебарам.

Вақте ки ман таваллуд шудам, падарам муҳофизи халифа, сардори равияи Аҳмадияи исломӣ буд. Вале ин ягона сарчашмаи даромадаш набуд ва ӯ боз дар якчанд корҳои гуногун имкониятҳои худро санҷид. Чанд муддат ӯ соҳиби мағозаи олоти барқӣ буд ва баъди он фабрикаи пойафзолдӯзӣ кушод. Инро ӯ дар Кветт омӯхт, чунки [1]мубаллиғони Аҳмадия возифадор буданд, ин касбро омӯзанд.

Ҷӯраҳоям баъзан маро ба ғазаб овардани шуда, мӯзадӯзбача меномиданд.

Равияи дини аҳмадия, ки онҳо худро чунин меномиданд, қариб дувоздаҳмилион нафарро дар бар мегирад. Аксари онҳо дар Покистон зиндагӣ мекунанд, гарчанде ҷамоъаҳои нисбатан калон дар дигар ҷойҳо низ вуҷуд доранд ки тарғиботчиёни аҳмадия таълимоти асосгузори худ Мирзо Ғулом Аҳмадро дар онҷо паҳн намуданд; аз ин ҷумла дар Африқои ғарбӣ ва Ҷанубу шарқи Осиё.

Ғулом Аҳмад тахминан соли 1835 дар Қодион ном шаҳри Ҳиндустон дар масофаи ҳафтод мил аз Лоҳур дар шарқи сарҳади ҳозираи бо Покистон таваллуд шудааст. Ӯ мусулмони худотарс буд ва исломро пур аз зиндагии тарзи нав дидан мехост. Дар соли 1880 ӯро дар хоб, одамони бузургмартаба зиёрат мекарданд ва ӯ тасдиқ мекардагӣ шуд, ки Масеҳи ваъдашуда мебошад, ки дар китоби дини ҷаҳонӣ зикр шудааст, аз ҷумла дар Китоби Муқаддаси масеҳиён.

Ӯ эълон кард,ки бо рӯҳ ва қувваи Исои Масеҳ омадааст, вале ба ин нигоҳ

Назариёти Аҳмадия дар фаҳмиши масъалаҳои асосӣ, ба ғайр аз ду ақида, ба назариёти исломии эътиқодманд мувофиқат мекард. Фарқияти аввалини онҳо аз он иборат аст, ки мусулмонон Муҳаммадро чун пайғамбари охиразамон мешиносанд, вале дар айни замон аҳмадия тасдиқ мекунад, ки Ғулом Аҳмадро бояд, ки чун фуруд омадани пешво, ва мақоми махсусе дошта бошад, ки бе он таълимоти назарӣявӣ пурра, намешавад. Дуввум аз он иборат аст, ки мӯъминони боэътиқод боварӣ доранд, ки Исо дар салиб намурда, ба осмон рафтааст. Аҳмадиён дар ин масъала чуқуртар фурӯ рафта, ақида доранд, ки Исо дар Кашмир

[1] мубаллиғ – миссионер
накарда нисбат ба масеҳиён, ки пайравони Исои Масеҳ мебошанд,
чандон эҳтиром надошт.

вафот карда, мазори ӯро имрӯз ҳам дидан мумкин аст. Ғулом Аҳмад таълим медиҳад, ки Исо таслиб шуда буд, вале пеш аз маргӮро аз салиб фаровroute ва, бо ёрии равғани махсус зинда кардаанд баъд Ӯ ба Кашмир рафта, то синни 120 солагӣ дар он ҷо зиндагӣ кард.

Маҳз ин асосҳои назарии Аҳмадиён роҳнамои ман дар Ҷустуҷӯи ҳақиқат гардиданд.

Баъди марги Ғулом Аҳмад дар миёни пайравони ӯ зиддият ба вуҷуд омад. Баъзеҳо мегуфтанд, ки ӯ ислоҳпарасте аст, ки омадааст исломро аз олудагиҳо пок созад; дигарон бовар доштанд, ки ӯ пайғамбар ва ҷӯяндаи ҳақиқат, Масеҳи ваъдашуда мебошад. Дар соли 1914 баъди шаш соли вафоти Ғулом Аҳмад ҷудошавии ошкоро ба миён омад. Пайравони нуқтаи назари дуюм, ки аксарият буданд, писари Ғулом Аҳмад Башируддинро халифаи дуюм дониста, дар ватани Ғулом Аҳмад шаҳри Кодион қарор гирифтанд. Ин ҷамоаи парокандае буд, ки душманонашон онҳоро „қодионӣ“ меномидагӣ шуданд. Рақибони онҳо ба Лоҳур, дуюмин шаҳри калони Покистон гурехта, чун гуруҳи Лоҳур машҳур шуданд.

Падари ман бо ҷисму ҷонаш ба қодиониҳо тааллуқ дошт. Ӯ ба назди Қодион баъди вафоти зани якумаш омад. Чи тавре ба ман маълум аст, ӯ дар солҳои чилум боз ду бор хонадор шуда буд. Вақте ки дар соли 1947 Ҳиндустон соҳиби истиқлол шуд ва Покистон аз ӯ ҷудо шуд, падари ман чун дигар аҳмадиёни зиёде, ба Лоҳур кӯчид, то дар Покистон зиндагӣ кунад. Онҳо чун мусулмон дар Ҳиндустон мондан метарсиданд. Ҳақиқатан ҳазорҳо мусулмонон ҳангоми гурехтан ба Покистон кушта шуданд. Ва Худованд бори дуюм падари маро нигоҳ дошт. Дар арафаи соли 1950, вақте ки падар ба модарам хонадор шуд, ӯ аллакай соҳиби оилаи калон буд. Эҳтимол ин ташвиши калонтарине дар ҳаёти падарам буд. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ ҳамеша умедвор буд ки аз нав, хонадоршави тақдири ӯро дигар мекунад ва оқибат бой мешавад. Вале ин умедаш амалӣ нагашт.

Дар кӯдаки албатта ман ҳамаи инро намефаҳмидам. Замоне ки ман даҳсола будам, мо ба Рабваҳ, ки он вақт маркази аҳмадиёни ҳизби қодионӣ гардида буд, кӯчидем. Рабваҳ шаҳри наве буд, ки соли 1951 ташкил ёфтааст, таъсири қодиониҳо ба дараҷае баланд шуда буд, ки то соли 1974 мардумоне, ки ба аҳмадия тааллуқ надоштанд, дигар дар он ҷо зиндагӣ карда натавонистанд. Ман дар ин шаҳр ба воя расидам.

Аз аввал таҳкурсии дониши ман Қуръон буд. Мусулмонон аз ёд намудани китоби муқаддасро шараф медонистанд. То даҳсолагиам ман порчаҳои дарози Қуръонро аз ёд медонистам. Ҳама фарзандони мусулмон Қуръонро ба забони арабӣ меомӯзанд, зеро фикр мекарданд, ки маҳз бо ин забон Қуръон ба Муҳаммад (с) дода шуда буд, забони модарии ман бошад урду аст.

Китоби муқаддас барои мусулмонон Таврот, Забур, Инҷил ва Қуръон мебошанд. Қиссаҳо аз ин китобҳо барои ман аз хурдсолӣ шинос буданд; Нӯҳ ва Иброҳим барои ман чун дӯстони қадимӣ буданд. Ҳамаи зиндагии мо аз тартиботи ҷиддии намозхонии ҳатмии ҳарруза иборат буд; ин маро ба тартиб даровarда динро қисми муҳимтарини ҳаёти ман кард.

Ман ба Худованд эътиқод дорам; пайғамбаронро эҳтиром мекунам; ба фариштагон боварӣ дорам; китобҳояшро муқаддас мешуморам; ба наздик будани рӯзи худованди ҷазо боварӣ дорам Ба Худованд ташакур мегӯям, ки Худованди коинот аст. Ӯ ба мо акбар ва раҳим аст. Ӯ дар рӯзи ҷазо аъмоли моро доварӣ мекунад. Ба мо роҳро нишондеҳ, ки бо он одамоне мерафтанду соҳиби дуои хайри Ту шудаанд. Худовандо нагузор ки мо роҳро гум карда кофир шавем.

Худовандо ин дуоямро қабул намо. Омин.

Бегоҳирӯзиҳо ман одатан бо модарам ё ҳатто бо падарам намоз мехондам. Ман хурд будам, бинобар ин дар хонаи худ ё хонаи падару модар ибодат мекардам.

– Модарҷон, ман хобидан мехоҳам. Вақти намоз шуд.

– Хӯш писарҷон, ман намози туро гӯш мекунам, – ҷавоб медод модар.

Баъзан барои намозхондан ба хонаи падару модарам омада медидам, ки онҳо ҷанҷол доранд. Аксар вақт ба ин масъалаҳои пул ва дар хона набудани падарам сабаб мешуданд.

Боре бегоҳӣ ман шунидам, ки падару модарам ба сабаби занҳои дигари падарам ҷанҷол мекунанд ва ман фикр кардам, ки „вақте ки калон шавам аз як зан зиёд намегирам!“

Намозҳо зиндагии моро ба соатҳои муайян тақсим карда буданд. Ҳар субҳ то баромадани офтоб моро даъват мекарданд, ки Худовандро ба ёд оварем. Баъд нимирӯзӣ намози пешин рафти рӯзро бо ташвишҳояш қатъ менамуд. Як соат пеш аз фаромадани офтоб моро ба намоз даъват мекарданд Вақте, ки офтоб пинҳон мешуд мо боз намоз мехондем. Ҳамин ки, офтоб фурӯ рафт, мо боз намоз мехондем ва намози охирини рӯз тақрибан соати ҳашти бегоҳ хонда мешуд, вақти ин намоз мисли намозҳои дигар ҷиддан аниқ нест.

Як чиз ҳамеша маро аз хурдӣ ҳангоми намоз ба ташвиш меовард. Ва дар синни даҳсолагӣ ҳис намудам, ки чӣ маро ба ташвиш

меоварад. Маро ёд медоданд,ки ҳангоми намози хуфтан аз Худованд барои Муҳаммад (с) баракат пурсам: „Ай Худованд, баракат те ба Муҳаммад ва ба авлодони ӯ“.

Чаро? – ман фикр мекардам, – агар Муҳаммад худаш муқадастарин одами тамоми ҷаҳон бошад, чаро мо аз Худованд баракат ӯро талаб мекунем? Ҳатто дар кудаки ин маро ба ҳайрат меоварад, чунки ман дар он мазмуни устуворро намедидам.

Дар ҷои дигари намоз Муҳаммадро ёдовар шуда, мо илова мекардем: „он, ки дар сулҳу осоиштаги бошад“, пас фикр мекардам, ӯ дар сулҳу осоиш нест, чун мо инро барои ӯ талаб мекунем? Пас агар ӯ бехатарии надошта бошад, дар чунин ҳолат кӣ соҳиби сулҳу осоиштагии Худованд шуда метавонад? Ман тамоман роҳгум шудам.

Қисматҳои зиёди Қуръонро аз ёд намуда, ман бештари вақти худро дар масҷиди аҳмадиён мегузаронидам, ба сӯҳбатҳои калонсолон гӯш дода, мехостам аниқ намоям,ки мо ҷамоаи аҳмадияи мо аз дигар мусулмонон чӣ фарқ дорем. То он вақт ман аллакай вуҷуд доштани фарқиятро медонистам. Дар деҳаи ҳамсоя, ки мусулмонони эътиқоддор зиндагӣ мекарданд, ман бо дӯстонам борҳо мешунидам, ки „Дафъ шавед аз ин ҷо маразон ! Кофирон! Нопокҳо!“

Аҷоиб нест, ки мо кӯшиш мекардем, ки дар доираи маҷмӯъаи худ бошем. Дар он ҷо мо бе ташвиш будем.

Шаҳри мо Рабваҳ дар соҳили дарё дар шимолу ғарбии Лоҳур ҷойгир шуда буд. Падарам дарёро бисёр дӯст медошт ва бисёр вақт моҳидорӣ мекард. Ба андешаи ман барои вай ин воситаи беҳтарин, барои аз ёд барвардани мушкилотҳо ва нохушиҳои зиндагӣ буд. Ман медидам, ки ӯ бо қадамҳои устувору кушод бо музаҳои баланд, дар либоси тира, ки чирк ва ифлосӣ камтар намоён аст, мерафт. Ӯ соатҳои дароз дар соҳили дарё ғайб мезад. Дар чунин ҳолатҳо ӯ чӣ андеша дошт? Оё шубҳаҳои дар ман вуҷуд дошта, дар ӯ ҳам пайдо мешуданд? Инро ман фаҳмида наметавонистам, зеро дар Покистон одати писар ба падар андешаҳои худро баён намудан дар расмият набуд.

Боре вақте, ки ман даҳсола будам, дар масҷид нишаста, сӯҳбати мардеро бо муаллим гӯш мекардам. Сӯҳбат дар бораи қувати намоз, он чикӣ диққати маро ба худ мекашид, мерафт. Ин гуфтор баъд аз намози нисфирузи буд. Ман мешунидам, ки яке аз мардон мегуфт: „Агар одами дар соҳил истода ба калима эътиқодманд бошад, ӯ дар болои об чун дар хушкӣ гашта метавонад.

Тапиши дили ман сахттар шуд. Наход намоз дар ҳақиқат ба ин қодир бошад?! Мисли дигар мусулмонон ман калимаро (унвони ибодат) аз кӯдакӣ медонистам. Ман оҳиста аз ҷой бархоста, ноайён аз масҷид берун шудам.

Ман ба соҳили дарё, ки тахминан дар масофаи якуним километр аз масҷид дуртар воқеъ буд саросима шудам. Аз давидан нафасгир шуда, ман дар соҳил ором гирифта, ба дарё нигоҳ кардам, ки оромона дар пеши пой ҷорӣ буд. Дуртар чанд қаиқи моҳидорони деҳаи ҳамсоя буданд. Ба атроф назар кардам, касе намудор набуд. Бо тамоми овоз калимоти муқаддаси калимро такрор намудам: „Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон, шаҳодат медиҳам, ки худое нест, ба ғайраз Худо ва Муҳаммад пайғамбари вай мебошад“.

Ман либоси хокистарранги мактабӣ доштам, ки аз шалвор, камзӯл ва куртаи дарози ноҳамвор иборат буд.

Ман ба андеша фурӯ рафтам, ки либосамро берун кунам, вале ба хотирам расид, ки на барои оббозӣ балки барои дар руи об гаштан омадам. Фикр карда пойафзоламро аз пой баровардам.

Буздилона ва тарсон ба об қадам мондам. Вақте, ки ман ҳис намудам, ки об мисли соҳил сахт набуд боварием аз миён рафт, вале ман бисёр фикр накарда, ба пеш ба дарё рафтам. Об ба зонувонам баробар шуд. Ман бори дигар калимаро хондам ва қадамгузориро давом медодам ва дар андешае будам, ки ҳоло дуоям таъсир мекунад ва ман дар болои об роҳ меравам. Қадами навбатиро гузошта, ҳис намудам, ки замин аз зери поям дур шуда, ман дигар қарор шудан наметавонам. Ман дар об ғарқ шудам, ваҳм гулӯи маро фишурд, ман шино карда наметавонистам! Ҳис кардам, ки тамоман ғарқ мешавам, таваккалӣ фарёд задам.

Оҳ, чӣ хел хурсанд шудам, вақте ки, дастони пурқуввате маро доштанд. Бо қувваи кимкадом мӯъҷизае моҳидорон овози маро шунида, ба назди ман шино карданд, то ки маро аз марг халос кунанд. Вақте ки маро ба киштӣ кашида бароварданд, ман аз тарс ва ғам гиря кардам.

Баъди он ки ман каме ором шудам, яке аз онҳо аз ман пурсид: – Ин чи рафтори аҷибе нишон медиҳӣ? Чаро бо либосат ба об даромадӣ?

Ба хотир овардам, ки қариб буд ман мемурдам, ман аз нав ба гиря даромадам. Илова бар ин ман хело тарсида будам ва қарор додам, ки беҳтар мешавад, агар ба онҳо ҳақиқатро гӯям. Ба моҳидорон нигоҳ накарда, ман қоил шудам:

– Ман фикр кардам, ки агар эътиқодмандона калимаро такрор кунам,дар болои об роҳ гаштан метавонам.

Ин боварибахш садо надод. Онҳо чӣ фикр мекарда бошанд? Онҳо ҳама бо ҳайрат ба ман нигоҳ мекарданд ва яке аз онҳо хондаи баланди бемеҳрона карда гуфт:

– Оҳ, ту кофирбача! Падари ту кофир, модари ту кофир, оилаи ту кофир – бутпараст, қодионӣ, мараз! Чӣ хел ту нопок, бовар кардӣ, ки Худованд туро мешунавад? Ту дар ҳақиқат боварӣ дорӣ, ки калимаи муқаддасро хонда, аз рӯи дарё чун аз хушкӣ мегузарӣ? Аз ин ҷо тезтар дафъ шав, кофир ва ба хешу таборат гӯй, ки исломро қабул кунанд ва баъд ба ин ҷо баргашта, санҷида бин! Дафъ шав, вагарна туро ғарқ мекунам!

Вай нигоҳи ваҳмангезе дошт, ки маро ба худ овард. Чун каме киштӣ ба соҳил наздик гардид, ман аз ӯ лағжида фаромада, ба соҳил баромада,саросема ба қишлоқ давидам. Маро шарм фаро гирифта буд ва акнун аз тарс раҳо шуда, ғазаби бепоён нисбат ба Худованд дар вуҷудам бедор шуд, ки чаро ӯ ибодати манро беҷавоб монд. То давида ба хона расиданам, ин андеша маро азоб медод. Ман кафшамро гум карда

будам ва пойҳоям харошида шуда буданд, илова бар ин ман медонистам, ки падарам барои гум шудани кафшҳоям дар ғазаб мешавад. То ин вақт либосам хушк шуда буд, вале чӣ тавр гум шудани пойпӯшамро мефаҳмонам? Ин бароям даҳшатнок буд ва ман танҳо будам.

Ҳама чиз тавре ки ман тасаввур мекардам, сурат гирифт. Чун ба хона расидам, модарам ба ман дарафтод:

– Ту куҷо будӣ, Масъуд? Чаро ту инқадар дер кардӣ?

Ман чизе ба ӯ ҷавоб дода натавонистам, ва ӯ маро сахт кӯфт. Чун падарам ба хона омад, модарам аз набудани ман чанд вақт ба ӯ нақл кард ва падарам ба сари ман дод заданро сар кард. Ҳоло ҳам дар ёд дорам, ки овози пурғазаби баланди вайро шунида, ман худамро гум кардам. Доғҳои пӯшоки ман чун доғҳои дар ҷонам буданд. Аз ин сабаб ман ҳодисаи гузаштаро ба онҳо нақл кардам. Хоҳарам ва модарам ҳикояти маро шунида ба ҳолам хандиданд лекин, падарам бо ҷиддияти том ба ман назар мекард, ман ба ӯ гуфтам:

– Вале, падар мо ку мусулмонем, дуруст? Чаро онҳо моро бутпараст меноманд? Бутпарастон дар вақти Муҳаммади Расулуллоҳ буданд; дар Қурон гуфта шудааст ки онҳо ба Ӯ халал мерасонданд. Мо ку мисли онҳо нестем. Мо ба Қуръон боварӣ дорем, панҷ бор дар як рӯз намоз мехонем. Чаро вай мард моро бутпараст номид?

Ман бо овози баланд гиря мекардаму падарам назарашро намеканд. Ман ҷавоб нагирифтам, вале далертар шуда гуфтам:

– Ман мехоҳам ин масъаларо худам ҳал кунам, падар. Ман бояд бисёр тар хонда дар бораи ин ҳама чизаро омузам.

Падарам саргаранг хӯрда менамуд. Ниҳяот вай гуфт:

– Масъуд, ту ҳоло барои ин бисёр хурд ҳастӣ. Чун ба воя мерасӣ, кушодани ин масъаларо ёд мегирӣ. Пагоҳ ман бо устоди ту гапзанон мекунам. Акнун рафтем, вақти хоб шуд.

Ӯ бе ягон ғазаб инро гуфт, вале ман тамоми шаб фикр мекардам, ки падарам ба муаллимам Муҳаммади Исмоил шикоят мекунад ва ӯ маро мезанад.

Ман тамоман бемадор хоб рафтам. Ман хеле гапдаро будам ва ин ҳодиса аҳволамро сахт парешон намуд. Калимаи „бутпараст“ дар гӯши ман садо медод ва хорҳои тези тарс дар вақти ба хотир овардани ғазаби муаллим, дар бадани ман мехалиданд. Ман ҳама сураҳои медонистаамро аз ёд хондам, вале маро бештар на тарс балки ғазаб ба Худованд азоб медод! Чаро ӯ маро тарафдори накард? Чаро ба дуои ман ҷавоб надод? Шояд маро фиреб мекунанд?

„О, Худо, – ман гуфтам ба ӯ бо масхара, – шояд ту ғайри арабӣ дигар забонро намедонӣ? Бинобар ин ибодатро ба ӯрду ё пушту қабул намекунӣ? Барои ҳамин надонистӣ, ки ман чӣ мехоҳам? Е Ту маро шунидан намехоҳӣ? Ё Ту ба ғазаб омадаӣ, чун падару модарам?“ Ман

рӯямро тарафи девор карда, орзуи амалӣ нагаштаамро ба хотир оварда хеле гиристам.

Маҳз дар ҳамин шаб хоб дидам,ки ба чорроҳа баромадааму роҳро гум кардам ва баъд падарам пайдо шуданду маро бағал гирифта навозиш карда ба хона оварданд.

То соли 1972, ки ҳамаи мактабҳои мазҳаби Аҳмадия миллӣ кунонида шуданд ва ба идораи мактабҳои Покистон илова карда шуданд, пайравони аҳмадия дар маълумот ҳам асосҳои таълимоти худро пайравӣ мекарданд. Дар кӯдакӣ ба мактаби аҳмадия мерафтам. Ман мактабро хеле дӯст медоштам ва Мирзо Муҳаммади Исмоилро, ки устоди ман буданд, бисёр эҳтиром мекардам.

Муҳаммади Исмоил мӯйсафеде буд, ки риши дароз дошт. Аксари аҳмадиён, мисли падари ман ришҳои кӯтоҳи хуб оро дода доштанд, вале риши Муҳаммади Исмоил ба сари синааш мерасид. Ӯ хеле азобдида буд ва дар Рабваҳ чун китобдӯст шӯҳрат дошт, чунки китоби бисёре дошт. Вай марди бомаърифат буда, дониши васеи исломӣ дошт. Эҳтимолан замонҳое буд, ки вуҷуди шогирдон барои ӯ мӯъҷизоте беш набуд.

Дар рӯзи дуюми кӯшиши дар рӯи об гаштан намуданам, ман дар синфхона тарсону ларзон менишастам. Падарам ба Муҳаммади Исмоил чӣ гуфта бошад? Чун ҳаррӯза муаллим ҳозирғойиб намуда, баъди қайди талабагоне, ки дар дарс иштирик мекунанд муаллим талаб кард, ки ман пеш бароям.

– Масъуд, падарат аз ту шикоят дорад. Туро бояд минбаъд пеш аз ба ҷое рафтан онҳоро огоҳ намоӣ. Онҳо ба чӣ ҳол меафтиданд, агар ту ғарқ мешудӣ? Аз ин баъд эҳтиёткор буданат лозим.

Инро гуфта, ӯ маро ҷавоб дод. Ман калимаи раҳматро оҳиста гуфта, лекин аз ҷоям наҷумбидам, зеро мехостам ба ӯ хобамро нақл кунам. Ниҳоят гуфт:

– Дигар чӣ гап дорӣ, Масъуд?

– Муаллим, – ҷавоб додам ман, – ман имшаб... хобе дидам...

ӯ андешамандона ба ман назар кард.

Хоб? – талаффуз намуд ӯ оҳиста, мисли он ки ӯ ба худаш муроҷиат мекарда бошад. – Ва ту ҳам ... Ман аз шодӣ ба таппиш даромадам. Ӯ ҳам хоб дидаст! Мӯйсафед бо вай гуфтугӯ мекунад! Оё ин мумкин аст?... Ва илова намуд: – Ту чиҳо дидӣ, писарам?

Ӯ маро ба канор бурд ва ман хобамро нақл кардам. Ӯ ба андешаи чуқуре рафта, баъди чанде гуфт:

– Масъуд, ба ҳеҷ кас инро нагӯй! Фаҳмидӣ?

Ман фармонбардорона сарамро ҷунбондам; Дили ман аз шодӣ хурсанд гашта буд. Гарчанде ман намедонистам, ки чӣ тавр, вале ҳис намудам, ки Худованд ғамхори ман аст. Ба воқеаи дирӯза гирявуҷазо нигоҳ накарда, Ӯ дар инҷо аст...

# 3
# Калон шудани ман

Падару модарам аз нав ҷанҷол карданд. Ман овози баланди модарамро, ки бо суханҳои дағал падарамро ҳақорат медод, шунида мехостам бо дастонам гӯшҳоямро махкам кунам. Чун пештара ӯ падарамро бо он муттаҳам мекард, ки ба ким куҷо ба муддати дароз нест мешуд. Ба ӯ овозаҳое расиданд, ки ӯ ба ким кадом шаҳри дигар пеши занон мерафтааст. Ва ман бори аввал ба ин андеша наомадаам, ки аз як зан зиёд доштан, бори вазнинест, ки ман онро ба гардан гирифтан намехоҳам.

Ман дӯстам Сайидро ба хотир овардам. Дар хонаи ӯ нисбат ба оилаи мо вазъият дӯстона буд. Падару модари ӯ мисли падару модари ман ҷанҷол намекарданд. Онҳо даромад доштанд ва метавонистанд ба Сайид либосҳои зебо харанд, он чиро ки падару модари ман барои ману хоҳару бародарам карда наметавонистанд. Ман ҳатто намедонистам, ки падарам аз занҳои дигараш чӣ қадар фарзанд дошт ва ба ман чунин менамуд, ки зиндагии оилавӣ бояд ин хел набошад.

Аҷибааш ин аст, ки ман гумон мекардам, ки пайғамбари мо Муҳаммад (с) низ ташвишҳоеро дошт, ки падари ман дорад! Ислом ба занҳо бартари медиҳад, вале табиати рашкини инсонӣ ҳеҷ вақт намегузорад, ки бо он муросо кунад, ки ба яке занҳо назар ба занҳои дигар зиёдтар аҳамият дода шавад. Ба замми ин намераин, на ҳамеша маблағи оилавӣ кофӣ аст. Ман медонистам, ки баъзан модарам аз падараш, ки дар Тарноб зиндагӣ мекард, пул мепурсид, бо вуҷуди ин зиндагӣ душвор буд. Бо ҳар роҳ падарам муғамбирона ҳамеша кӯшиш мекард, ки ҳама чизе ки мо доштем сарф шавад. Ӯ дӯстонашро бисёр эҳтиром мекард ва ҳама маблағи доштаи моро ба зиёфат ва дилхушии онҳо фикр накарда, ки мо имкон дорем ё не, сарф мекард. Боре модарам нисбат ба ӯ чунон ба ғазаб омад, ки дар долон ба сари ӯ бо насоси велосипед зад. Ӯ ба замин ғалтид ва чанд муддат беҳаракат хобид. Ман фиғон бардоштам: – Оча, хоҳиш мекунам, падарамро назан! Бас аст, ҷанҷол кардан, ҳамсояҳо чӣ мегӯянд?

Инак, ман аз он шарм медорам, ки дар бораи номи неки оилаамон нисбати саломатии падарам ман бештар ғамхорӣ кардам. Ва падари ба ғазаб ва даҳшат омада аз ҷой бархеста ба ман дод зад:

Дамата гир! Инро дидани ту шарт нест. Ин кори ту нест!

Ман бо рӯи даргирифта истода, аз долон гурехта рафтам. Шояд ман бештар ҳассос мебурдам, ки ба назарам чунин менамуд, ки модарам хоҳарам Ҷамиларо аз ман бисёртар дӯст медошт. Модарам ба Ҷамила, ки ба мактаб намерафт, забони ӯрдуро ёд медод ва дар муносибат бо ман кам меҳрубонӣ зоҳир мекард, бо вуҷуди он ки, ман инро бисёр мехостам. Эҳтимол ӯ метарсид, ки ман ба падарам монанд мешавам ва ё ҳамаи модарон ба духтаронашон наздиктаранд.

Ман бештар дар ташвиши он будам, ки пули модарам барои ғизои мо намерасад. Боре ман аз назди хуҷраи онҳо гузашта истода, шунидам, ки модарам мегуфт: – Дар хона хӯрока нест. Барои ман панҷ рупия танҳо барои биринҷ ва загора (ноне, ки аз лубиё ё дигар кишти ғаллагӣ тайёр карда мешавад) зарур аст! Ман кӯдаконро ба он пуле ки ту медиҳи хуронда наметавонам. Падарам бо дили нохоҳам ба ӯ чанд суме дод, вале ин хеле кам буд ва модарам ғазабашро аз мо гирифта, моро зада мегуфт: – Шумо ҳам мисли падаратон мешавед!

Албатта, барои модарам хеле душвор буд ва ман ҳис мекардам, ки ба вай бояд ёрӣ расонам. Ман кори сабукеро иҷро мекардагӣ шудам, ки ба ман музди ночизе медоданд. Ман дар ошхонаи хурде косашӯӣ мекардам ва дертар дар бозор ба мевафурӯше ёрӣ дода, меваҳоро шуста, ба тартиб мегузоштам. Вақте ки ман дастмузди аввалинамро ба модарам овардам, вай дар ҳайрат монд, гумон доштам, ки вай хурсанд мешавад, вале ин тавр нашуд.

Ва дар ин муддат ман бештар ибодат мекардам. Акнун ба назарам мерасад, ки ин хоҳишро дар дили ман Худо гузошта буд. Ҳатто вақте ки муносибати оила бо ман хеле бад мешуд, ман ибодатро бас намекардам ва Худованд хоҳиши маро мукофот медод.

Боре соли 1963 баъди ҷанҷоли навбати падару модарам, ба хотирам расид, ки барои ман дафтари фанни ҳисоб зарур аст, зеро дафтари кӯҳнаам тамом шуда буд.

„Ман бояд чӣ кор кунам? – мепурсидам ман худ ба худ, – падарам ҳоло дар ғазаб аст. Чи хел ман аз вай дафтари дигар мепурсам?“ Беихтиёрона ман ба дуогӯӣ сар кардам: „Худовандо, ғазаби падари маро фурӯ бар, то ман ба ӯ рафта, аз вай пул барои дафтар пурсам“. Афсӯс, ки чунин нашуд. Падари ман ғазаболуд баромада рафт.

Шармовар аст иқрор шудан, вале дар рӯзи дигар ман аз дафтари яке аз рафиқонам чанд саҳифа дуздидам. Ман гумон кардам,ки ин барои ғунҷоиши ҳалли масъала кофӣ аст, вале вақте ки қариб ҳалли масъала ба охир мерасид, варақи ман пур шуд. Ман ба хонае рафтам, ки модарам бо Ҷамила дарс дошт. Ман пул пурсидам, вале вай нашунид ва фаҳмидам, ки бо қатъият пурсидан лозим нест, зеро ин вайро асабӣ мекунад.

Дар ноилоҷӣ хостам, ки сумкаи хоҳарамро ёбам, вале вай медонист,ки ба ман қоғаз лозим мешавад, сумкаашро пинҳон кардааст. Ман аз тарси он ки вазифаи хонагиам иҷро нашуда мемонад, қарор додам, ки то омадани падарам намехобам. Ман нишаста ба китобхонӣ сар кардам, вале баъди чанде хобам бурд...

Ман гумон кардам, ки дақиқае беш нагузаштааст. Ман ҳис кардам, ки касе дағалона маро тела медиҳад ва овози модарамро шунидам:

– Аллакай соат яки шаб асту ту дар болои китоб хобидаӣ, чароғро хомӯш накарда! Ту мисли падарат ҳастӣ, маълумот гирифтан намехоҳӣ! Хез, бачаи танбал, ба ҷоят рафта хоб рав! Ӯ чароғро хомӯш карда рафт.

Субҳи рӯзидигар аввалин фикри ман тамом нашудани вазифаи хонагӣ буд. То мактаб масофа беш як мил буд ва тамоми роҳ ман Худоро дуо мекардам, ки „Худовандо, имрӯз муаллими мо бемор шуда бошад!“

Вале ман дарав фаҳмидам, ки муаллим ҳамеша бемор шудан наметавонад ва мазмуни дуоро дигар кардам: „Худоё, илоҳо ман дар роҳ як рупия дарёбам, то ки ду дафтар, қалам ва қаламтезкунак аз мағозаи мактаб харам“.

Боварии ман комил буд ва ман бо диққат ва боварӣ ба зери поям нигоҳ мекардам, ки ҳоло чизе ки дилам мехоҳад, меёбам. Дар ними роҳи мактаб андеша кардам, ки шояд талаботи ман аз ҳад зиёд бошад, бинобар ин аз сар чунин дуоро сар кардам: „Хуб, Худовандо, агар як рупия аз ҳад зиёд бошад, бигузор тангае бошад, панҷоҳ пайса (ним рупия ).

Дарвозаи мактаб намоён шуд ва ман талабамро кам карда то 25 пайса ва дертар 10 пайса намудам, вале дар замин ягон тангае намудор намешуд. Ман тамоман ғамгин шуда ба дарвоза наздик шудам. Ҳамин вақт овози шиносеро шунидам: – Писарам, фарзанди ман! Дили ман сахт ба таппиш даромад. Ман зуд баргашта дар либоси сафед ҳамон марди дар хобам бударо дидам. Ман аз ҳайрат ва тарс ба ларзидан даромадам. Ва ҳамчунон овозаш аз дур шунида мешуд: – Натарс. Ин рупияро гир. Ҳама чизҳои зарурииро бихар ва вазифаи хонагиатро ба анҷом расон, то занг вақти зарурӣ аст.

Овоз хомӯш шуд ва ман ба ҳайрат омада будам, ки хӯҷаини мағоза пурсид: – Канӣ ба ту чӣ даркор? Ман ҳайрон карахт будам. Ман дар мағоза истода, дар дастам тангаи якрупиягӣ медурахшид. Худамро ба даст гирифта, ба соҳиби дӯкон хоҳишамро гуфтам, баъд дар курсии наздиктарин нишастам, то ки корамро ба охир расонам. Ҳамин, ки корамро ба охир расондам, занги ба дарс даромадан баланд шуд.

Баъди гузаштани чанд дақиқа, вақте ки муаллим пурсид, ки оё мо вазифаи хонагиро кардаем, ҷавоби „ҳа“-и ман аз ҳама шавқовар ва ғулғуладор буд.

Дар сенздаҳсолагӣ ман синфи ҳафтро тамом кардам. Дар ин давра ман бо писарбачае бо номи Аҳмад дӯстӣ доштам, ки дар синфи нӯҳум мехонд. Ӯ бачаи хеле оромтабиат ва ба ҳама чизи дини ҳавасманд буд. Ман хушбахт будам, ки чунин дӯст дорам. Вай қомати баланд дошт ва синну солаш ҳам калонтар буд ва назар ба ман донотар буд. Дар тайёр намудани дарсҳо ба ман ёрӣ мерасонд.

Падари Аҳмад возифадори аҳмадиён буд. Дар равияи аҳмадия ҳамеша ба кори хабаррасонии тарғибон диққати зиёдтар медоданд, бинобарин таълимоти Мирзо Ғуломи Аҳмад дар тамоми ҷаҳон паҳн мешуд. Падари Аҳмад дар колиҷи ташвиқотчӣ Рабваҳ дарс медод ва чун муаллими хуб ва панду насиҳаткунанда овозадор буд. Ман ба хонаи онҳо рафтанро дӯст медоштам, чунки онҳо ба ман меҳрубонона муносибат мекарданд.

Дар як рӯзи хунуки зимистон ман ба пеши Аҳмад омадам. Мо якҷоя бозӣ мекардем ва нохост суруди муназзами хубе ба гӯшам расид, гумон кардам, ки радио хонда истодааст, вале Аҳмад гуфт:

– Не, ин [1]фаррошон месароянд. Биё рафта, гӯш мекунем. Ӯ аз дасти ман гирифт ва мо бо зина ба рӯи бом баромадем. Хонаи Аҳмадино бо чанд хонаҳои дигар пайваст буд. Аз ҷое, ки мо истода будем ба даруни ҳавлии ин хонаҳо назорат кардан мумкин буд. Дар яке аз ин ҳавлиҳо мардон, занон ва кӯдакон нишаста суруд мехонданд. Сояҳои мо ба сангҳои ин ҳавлӣ афтиданд ва баъзеи онҳо сар боло карда моро диданд. Мо онҳоро наҷунбида нигоҳ мекардем. Ҳанӯз ман он вақт намедонистам, ки ин аввалин сурудҳои масеҳии шунидаам буданд.

Яке аз одамон бархоста, сарашро хам карда ба нишастагон муроҷиат карда, чизе гуфт. Онҳо бо диққат гӯш мекарданд, вале дурии масофа ба мо имкон намедод, ки чӣ гуфтанашро фаҳмем. Ҳамин хел бошад ҳам тамошои ин саҳна бароям хеле шавқовар буд. Инак, Аҳмад дасти маро ҷунбонда, гуфт:

– Масъуд, рафтем, модарам моро ҷеғ мезанад. Биё поён мефуроем. Модари Аҳмад ба мо чой тайёр карда буд ва баъд Аҳмад гуфт: – Рафтем, ман китобҳоямро ба ту нишон медиҳам.

Аҳмад бо китобҳояш бисёр фахр мекард. Ман низ китобро дӯст медоштам ва бо маҷмӯъи китоби ҳикоятҳои хурди худам барои бачаҳо фахр мекардам. Ман одатан онҳоро вақте ки киссапулӣ медоштам ё ба музди хизмате, ки барои ҳамсояҳо мекардам, мехаридам. Ман ҳам

мисли Аҳмад китобҳоро аз қиссаҳои пайғамбарон ва қаҳрамонони мусулмонон дӯст медоштам.

Дар миёни китоб ва маҷаллаҳои Аҳмад, нохост ман китоберо бо номи „Инҷили Юҳаннои набӣ“ дидам. Номаш аҷиб садо медод ва ман гумон кардам, ки ин китоб барои бачаҳо аст. Ба забони урду „Инҷил“

[1] фаррош – мусоршик

ном дошт, ва ба хотири ман мерасид, ки ин яке аз Китобҳои Муқаддас аст. Ман номҳои чор Китоби Муқаддасро медонистам:

Таврот (қонун) барои Мӯсо;
Забур (Псалтир) барои Довуд;
Инҷил (Евангелие) барои Исо;
Қуръони Шариф барои Муҳаммад (с)

– Агар ин китоби Инҷил, ки барои Исо равона шудааст, барои чӣ ба забони арабӣ нею ба забони ӯрду навишта шудааст? – пурсидам аз Аҳмад. Пеш аз ин ки Аҳмад ба саволам ҷавоб диҳад, модари ӯ ба хона даромада бо овози ларзон гуфт:

– Ин фаррошон ба ӯ китобашонро додаанд. Ман ба ӯ фармудам, ки ин китобро дар хона нигоҳ надорад, вале ӯ маро фиреб дода, гуфта буд, ки вайро ба онҳо баргардонидааст. Ин китобро ба ман деҳ, ҳозир вайро месӯзонам!

Маро тарсу ваҳм фаро гирифт. – Не, холаҷон (мо чунин ҳангоми сӯҳбат ба модарони якдигар муроҷиат мекардем), – гуфтам ман,

– Илтимос мекунам, вайро ба ман диҳед.

– Ҳа, модарҷон, – ба сухан илова шуд Аҳмад, – Бигузор вай инро гирад, чунки ӯ бисёр кам китоб дорад.

– Модари Аҳмад хел мулоим шуд.

– Майлаш, вале ман дигар инро дар хона дидан намехоҳам.

Баъди чанде ман бо Аҳмад хайрухуш карда, бо чанд банд журнал ва боигарии навам китоби Инҷил ба хона баргаштам. Вақте ки ман ба хона омадам, Ҷамила бо дугонаҳояш бозӣ мекард. Шояд ба онҳо бозиҳои доимии духтарона бо лӯхтак дилгир шуда буд, ки маро бо маҷаллаҳо дида, якбора аз дасти ман зада гирифтанд ва Инҷили хурдакаки ман ба замини хона афтид. Ман аз хоҳарам дар қаҳр шуда, хостам ӯро якто занам, чунки бо айби ӯ китоби муқаддаси Исо пайғамбар ба замин афтид, вале на он қадар дур модарам нишаста, чизе медӯхт. Ман китобро аз замин зуд бардошта, ба хонаи худ даромадам, ки тезтар ба хонданаш сар кунам.

Он бегоҳ ин китоб барои ман ҷаҳони дигареро кушод. Ман то хонда тамом карданам хобам набурд; сари ман аз фикрҳои навеки ба ман воҳ хурданд чарх мезад. Оё Исо дар ҳақиқат Масеҳ буд? Ман хуб медонистам, ки аҳмадиёни қодионӣ боварӣ доранд, ки Мирзо Ғулом Аҳмад, низ Масеҳ аст. Ман донистам, ки Исо пайғамбарро Калима – сухан ё суханшинос меноманд. Ӯ руҳ'Оллоҳ буд. Қуръон низ ӯро ибни Марям меномад (вале аз Худо не) ва Исо.

Ман медонистам, ки мувофиқи таълимоти Қуръон Исо мӯъҷизаҳо мекард. Ҳамсоя ва дӯсти мактабии ман Сайид маҷмӯи китобчаҳои хурд дар бораи пайғамбарони муқаддас дошт ва яке аз онҳо ба Исо бахшида

шуда буд. Ман аз Сайид ин китобро гирифта, тамоми рӯз ин ду сарчашмаро бо ҳам муқоиса намудам. Ман бисёр фарқиятро дар миёни онҳо пайдо кардам.

Бо андешамандии чуқур ман ба масҷиди маркази барои намози ҷумъа рафтам.Дар миёни намозгузорон ман устоди аввалини худ Муҳаммад Исмоилро дидам; ӯ низ маро дида табассум кард, шод аз он буд, ки маро байни саҷдакунандагони Оллоҳ мебинад. То ҷое ман огоҳ будам, ӯ дар дил орзу дошт, ки рӯзе ман мубаллиғи равияи аҳмадиён гардида, таълимоти исломиро ба ҷаҳон мебарам. Баъди намоз ӯ ба назди ман омада, мо якҷоя баргаштем. Ба сари ман фикре омад, ки ӯ ба баъзе саволҳои ман метавонад ҷавоб диҳад.

– Муаллим, – ман нобоварона сар кардам.

– Чӣ Масъуд? Чизеро пурсидан мехоҳӣ?

Ман сар ҷунбонда, хаёлолуд гуфтам:

– Ин дуруст аст, ки Худо падари мо ва мо фарзандони Ӯ мебошем?

Ӯ аз ҳаракат боз истода, ба ман чи тавре ки ба ман намоён шуд, хеле ҷиддӣ назар кард.

– Кӣ инро ба ту гуфт? – ҳайрон шуда пурсид ӯ.

– Ман инро дар Инҷил хондам, – ҷавоб додам ман.

– Дар Инҷил? Ту ин китобро аз куҷо пайдо кардӣ? Кӣ ба ту вайро дод? Ин китоб ҳоло дар куҷост?

Ман аз ин саволҳо худамро гум кардам, вале қувват пайдо карда, ҷавоб додам.

– Ман ин китобро аз Аҳмад гирифтам, ҳоло бошад дар хонаи ман аст.

– Ӯ аз нав нисбат ба пештара зудтар қадам гузошта, ба ман гуфт:

– Фикр мекунам, беҳтар аст, ки ту бо ман равӣ, Масъуд. Ман кӯшиш мекунам, ки ба саволҳои ту ҷавоб диҳам.

Ман бошам, аз қафои ӯ бо шитоб ба умеди он ки ба зудӣ ҷавобҳои заруриро пайдо мекунам, равон шудам.

Маро ба хонааш дароварда. Дар ҷое шинонид ва худаш рафт то ки китобҳоеро биёрад. Зани ӯ ба хона даромад. Ман аз ҷой бархоста, бо эҳтиром гуфтам: „Ассалому алайкум". Ӯ маро бо табассум бӯсид.

– Номи ту чист? – пурсид вай. – Ту яке аз шогирдони шавҳари ман ҳастӣ?

Ҳанӯз ман ба ӯ ҷавоб надода, муаллим бо як тӯпи китобҳо даромада омад.

– Марҳамат карда, ба мо чой монед, – гуфт вай ба занаш. – Вай ба мо зарур мешавад, зеро ин навҷавон бисёр саволҳои мураккаби барои замони ӯ барвақтро медиҳад...

Ҳамсари ӯ меҳрубонона ба ман табассум намуд:

– Ҷавононе чун ӯ метавонанд илми моро то ба канораҳои замин баранд... Ман ин суханони ӯро хеле дертар ба хотир овардам...

То даме ки мо чой менӯшидем, муаллим китоби калони сиёҳеро гирифта кушод.

– Ин Китоби Муқаддаси масеҳӣ аст, – гуфт вай. – Таврот, Забур ва Инҷил ҳастанд. Ман китобро аз дасти ӯ гирифта, бо шавқи калон варақ гардондам. Устод Инҷили Юҳанноро пайдо кард. Ва қайд кард, ки ин шумораи охирон аз чор Инҷил мебошад. Ман бо ҳайрат ба муаллим нигоҳ кардам.

– Не, Масъуд, инҳо чор Инҷили гуногун намебошанд. Ин як китоб аст, вале чор қисм дорад, зеро вайро чор шахси гуногун навиштаанд.

Бисёр аз он чи муаллим дар ин рӯз гуфт фаромӯш шуда вале инро хуб дар хотир дорам, ки гуфта буд:

– Мо мусулмонон боварӣ дорем, ки Таврот, Забур ва Инҷил китобҳои муқаддаси осмонианд, вале бе Қуръон камолот нест. Инҷили худро офарида, масеҳиён се китоби аввалро вайрон вабадшакл намуданд. Авал танҳо як Инҷил буд акнун он чор қисм дорад. Ҳамчунин ваҳйҳое кашфиётҳо дигар низ вуҷуд доранд, вале масеҳиён аз онҳо хотиррасон намекунанд. Дар ин шакл, – вай Китоби Муқаддасро тап-тап зад, – ин китобҳо туро бештар саргум мекунанд. Танҳо як Худо вуҷуд дорад. Чи тавре, ки дар Қуръон гуфта мешавад: „Қулҳуваллаҳи аҳад, аллаҳу самаду Лам яалид ва йулад ва лам яакунлаҳу куфуван аҳад“. (Бигӯ: ӯ Худованд якаву ягона аст: Худованд мустақил, бениёз ва ҳамаҷӯ. На фарзанд ораду на аз касе зоида шудааст. Ва ӯро ҳеҷ кас монанд нест. С. Н. Б.) . Мо чигуна метавонем гӯем, ки Худо падар ва мо фарзанди вайем, дар сурате, ки ӯ худаш мегӯяд: „На фарзанд дораду на аз касе зоида аст“?

Ман оҳиста сар ҷунбондам. Вале пеш аз рафтан, пурсидам:

– Муаллим, магар дар он ҷо қиссаи чӣ гуна дар рӯи об гаштани Исо нест? – ҳатто баъд аз се сол воқеаи бебарори ман дар хотирам тару тоза буд!

Муаллим бо меҳрубони ҷавоб дод:

– Чунин қисса ҳаст, писарам, вале қувваи мӯъҷизаиофаринӣ ба пайғамбарон ва ҳавворийён дода шудааст, ту на ҳавворӣ ҳастӣ, на пайғамбар. Ҳатто дини содда ҳам қобилияти фикриро талаб мекунад.

Ӯ барои гусел кардани ман баромад ва дар торикии бегоҳии фарорасида дар назди дарвоза истода, ман ба ӯ ваъда додам, ки Инҷили Юҳаннои валиро ба ӯ медиҳам ва дигар ҳаргиз дар бораи ин фикр намекунам.

# 4 Наздикшавӣ ба Ӯ

Боз ду сол гузашт, ман ба понздаҳ даромадам. Вазъияти хона рӯз аз рӯз бадтар мешуд, аҳволи иқтисодии падарам рӯз ба рӯз вайронтар шуда, падару модарам ҷанҷолро давом медоданд. Ин ҳолат мо фарзандонро бисёр бадбахт мекард. Шавқи донишомӯзии ман суст нашуда буд, вале аз нарасидани маблағ, додани пули таҳсил душвор мешуд. Бинобар ин ба ман лозим меомад, ки дар хонаи ҳамсояҳо, ки пули таҳсили маро медоданд, кор кунам. Ҳар бегоҳ либосшӯӣ мекардам, ҳавлиҳояшонро рӯбучин, барои онҳо ҳар хел харид карда меовардам. Дар ин давра гумон мекардам, ки Худо ба ман хеле наздик аст. Акнун фаҳмидам, ки Худо барои ман ҳеҷ гоҳ бешахс набудааст ва ҷудогона чӣ хеле, ки ислом таълим медиҳад, набуд; ман ибодат намуда, интизори он будам, ки Худо маро мешунавад ва бо иштирокаш, дар корҳои шахсии ман ҷавоб медиҳад. Ман дӯстони ҳақиқии кам доштам. Бинобар ин ман бештар ба Худо рӯ меовардам.

Ба ғайри ин ман мисли падарам ба моҳидорӣ шавқ доштам, бештар вақт бе ӯ ман ба дарё мерафтам. Ҳоло ман беҳад шарм мекунам ки он вақт баъзан аз бобҳои моҳи дории падарамро бе иҷозат мегирифтам.

Дар ин соатҳо ман дар соҳил бо Худо гуфтугӯ мекардам. Боре ман чунин дуо кардам: „Худовандо, имрӯз ба ман ду-се моҳича бидеҳ, чунки ин барои хӯрокии оилаи мо зарур мебошад“. Баногоҳ шаст ба ҷунбиш даромаду дар рӯи об моҳии калоне пайдо шуд! Нафасам гирифту қариб буд, ки ба об афтам, Ман тарсидам, ки ресмони шаст меканад, ин барои ман аз моҳиро ба об сар додан воҳиманоктар буд, чун медонистам, ки ресмонро аз падарам напурсида гирифта будам ва ӯ инро ҳеҷ вақт намебахшид. Хушбахтона марде мубориза маро бо моҳӣ дида ба ман ёрӣ дод. Бо кӯшиши умумӣ мо тавонистем, ки моҳии вазнаш 10 фут буд ба соҳил барорем. Чунин моҳии калонро ман пеш надошта будам ва ҷавоби гарму самимии Худоро барои дуоҳоям ҳис намудам. Бо вуҷуди ин қудрати ман ба он нарасид то ба падарам гӯям, ки шасти ӯро напурсида гирифтам. _

Дар сари ман саволҳои бисёре буданд. Ман инро намефаҳмидам, ки чаро пайравони равияи аҳмадия бо дигар мусулмонон кам муносибати

додугирифтӣ мекунанд, масалан бо онҳое ки дар соҳили дигар дар Шиноат зиндагони мекарданд. Ҳаёти мо дар назарам хеле якранг буд. Ҳамчун мисли бисёр дигар ҷавонон маро ҳам ҳисси норозигӣ фаро мегирифт. Ман аз он фахр мекардам, ки ба калонсолон баъзе саволҳое медодам, ки ҷавоби қаноатбахш дода наметавонистанд. Дар он давра, барои ман аз ҳақиқат ҷустан, дар баҳсҳо ғалаба кардан муҳимтар буд. Барои ин ман бештари вақти худро бо китобхонӣ гузаронида, ба қавли худ, „тадқиқот мебурдам".

Аҳмадиён бо принсипҳои ахлоқии тартиботи сахти худ фахр мекарданд. Чун ҳамаи мусулмонон онҳо душманони оштинопазири май ва ҳатто тамоку мебошанд: барои онҳое, ки аз ҳад мегузаронанд, онҳо ҷазоҳои бераҳмона доранд. Албатта, чунин одамоне ёфт мешаванд, ки ҳавою ҳаваси худро пинҳонӣ қаноатманд карда мегаштанд, вале рӯйрост инро нишон дода наметавонистанд.

Дар шаҳри мо телевизион ва кинотеатр вуҷуд надошт. Мо танҳо дар мавзӯъҳои динӣ сӯҳбатҳо мекардем. Вале ҷавонони Рабваҳ бо шавқ кӯшиш мекарданд, ки дар бораи олами атроф бештар донанд ва ман аз онҳо ҷудо набудам. Боре чанд нафар аз дӯстони ман ғайрат намуда, пинҳонӣ ба Шиниот барои тамошои филм рафтанд, ки дар масофаи панҷ мил дуртар аз мо воқеъ буд, вале онҳоро дастгир кардан ва бераҳмона кӯфтанд. Маркази худидоракунии равияи аҳмадия гуруҳи муҳофизати тартиботи худро дошт, ки тартиботи дохилиро идора мекард ва аксар вазифаҳои милисара бар ӯҳда мегирифт. Ин даста Муҷоҳид ном дошт, ва ҳар писарбача баъди дувоздаҳсолагӣ мебоист дар он ҷо таёрии махсус мегузашт.

Баъдтар ман аз тарбияи шахсии худ донистам, ки ин чи гуна аҳамият дошт! Падару модарам ҷиддӣ талаб мекарданд, ки ман атрофи Рабваҳро тарк накунам, бо вуҷуди он ки барои ман донистани ҳаёти атроф ва чӣ тавр зиндагӣ кардани мусулмонон шавқовар буд. Ман бо шавқ мехостам бо онҳо гуфтугӯ кунам ва бо онҳо баҳс намоям. Вале ҳамаи орзуҳои ман бефоида буданд. Падару модари ман тағйирнопазир буданд, аммо ман ҳам якрав будам.

Ду бор ман тавонистам, ки бо дӯстонам ба Шиниот ба кино равам. Шиниот барои ман ҷаҳони дигар намуд ва аз кино кайфияти ҳақиқӣ бардоштам. Филмҳое, ки ман тамошо мекардам, маро лаҳзае аз мушкилотҳоям дур мекарданд. Ман худро чун иштироккунандагони онҳо ҳис мекардам. Филмҳо халқи Покистонро номдор карда, қаҳрамонони онҳо шахсони нек буданд ва тайёр буданд, ки барои инкишофи ватани худ ҷонашонро қурбони кунанд. Худқурбонкунии онҳо дар қалби ман нохун мезад. Душманони онҳо шахсони бахил тасвир мешуданд, ки танҳо барои манфиати шахсӣ ва ҷамъ кардани боигариву сарват дар ташвиш буданд. Азбаски сохти сахти

мустамликадории бритонӣ ҳанӯз аз хотири мардум пок нашуда буд, „душман“ аксар дар намуди бритонҳо намоён мешуд. Боре дӯстшавандагони ман дар бораи ба тамошои филм рафтанам ба дастаи Аъмолуломма хабар доданд, аммо маро барои ин ҷазо надоданд. Чун ин ба гӯши муаллимони аҳмадия расид, онҳо бовар накарданд, ки ман ба Шиниот танҳо барои кино рафта бошам.

– Ин хел шуданаш мумкин нест, – гуфтанд онҳо, – Агар дар ҳақиқат Масъуд ба Шиниот рафта бошад, вай барои баҳс кардан бо мусулмонон рафтааст.

Онҳо ба ҳақиқатро дар бораи ман бовар намекарданд! Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Худо боре маро танҳо намондааст. Боре падарам ду рупия дода, ба бозор барои харидани равған фиристод. Дар роҳи бозор ман тӯдаи начандон калонро дидам, ки дар атрофи одаме бо маймуни машқдодашуда меистоданд. Маймун ҳар гуна ҳилаву найранг мекард ва ман чун ошиқшуда меистодам. Ман то имрӯз фаҳмида наметавонам, ки ин чӣ тавр руӣ дод, вақте ки ман аз онҳо ҷудо шуда, ба худ омадам, ду рупиям дар дастам набуд! Ман ба ваҳм афтида, фарёд задам: „Худовандо, пулро ба ман баргардон!“. Ман тамоми роҳ ба хона гиря кардам, зеро хӯҷаини мағоза ба ҳама зораву таваллоам нигоҳ накарда бепул равған надод. Ман аллакай аз дарвоза даромадам ва медонистам, ки маро мезананд ва ногоҳ назди дар пулеро дидам. Ду тангаи нуқрагӣ дар офтоб хобида рӯшанӣ мекарданд. Чӣ хел онҳо дар ин ҷо пайдо шуданд, ман фаҳмонда наметавонам. Мумкин ин ягон ҷавоби оддие буд, аммо ин барои ман мӯъҷиза буд. Худо бори дигар ба дуои ман ҷавоб дод.

Дар он вақт ман бегоҳиҳо дар хонаи Сайид хизмат мекардам. Муносибатҳои шахсии ман бо Сайид хеле бад шуда буданд. Падари вай бештари вақт дар хона набуд ва ба ӯ бародари калониаш сахт таъсир мекард. Ӯ майдаҳаки калонкоре буд, ки бо бадӣ машҳур шуда буд. Сайид аз шавқи ман ба хондан ғазабнок мешуд, зеро вай бад мехонд. Ӯ маро асабӣ мекардагӣ шуд. Ҳангоми бозӣ ӯ кӯшиш мекард, ки маро бо тӯб занад ва дод мезад:

– Ку, хизматгорча анҷомҳои маро биёр. Канӣ, зудтар бош!

– Ман ба ӯ чунин ҷавоб гуфта наметавонистам, зеро медонистам, ки агар падару модари ӯ пули таҳсили маро надиҳанд, ман бемаълумот мемонам. Вале ба ин тоқат кардан ҳам хеле вазнин буд.

Боре Сайид хеле аз ҳад гузашт. Ӯ саҳифаҳои дафтари маро бо вазифаи хонагиаш пеш аз санҷидани муаллим дарронд. Вақте ки ман дафтарро барои нишон додан ба муаллим кушодам, саҳифаҳои вазифадораш набуданд! Сайид вазифаи тайёр кардаи маро, гӯё аз номи худаш ба муаллим нишон додааст. Муаллим чун дид, ки дафтари ман дарронда шудааст, зуд аз воқеъаи рӯйдода бохабар мешавад. Айби

Сайид ошкор мешавад ва ӯ барои кори кардааш ҷазо мегирад. Ӯ аз ин ба ғазаб омада, баъди дарс маро зад. Ман намедонистам, чӣ кор кунам.

Маросими Идалазҳо (иди Қурбон), ки ман бесаброна интизораш будам, наздик мешуд. Ин яке аз беҳтарин идҳои солшумории исломи буда, баъд аз Рамазон ҷашн гирифта мешавад. Ин ба муносибати он ид карда мешавад, ки Исмоили писари Иброҳим бояд қурбонӣ карда мешуд. Албатта, таълимоти яҳӯдиён дар он аст,ки Худо ба ҷои Исҳоқ фармон дод, ки барра (Ҳастӣ 22) қурбон карда шавад, вале ба ақидаи мусулмонӣ ба ҷои Исҳоқ бояд Исмоил қурбонӣ карда мешуд. Таърихи ин қӯрбонӣ дар сураи 37 – и Қуръон қисса шудааст, вале дар Қуръон Исмоил ном бурда нашудааст.

Дар рӯзи ид модари Сайид маро пешаш таклиф кард. Ман хурсанд будам, ки шояд ба муносибати ид ба ман ҳамчун идона, чанд пуле медода бошад. Пеш аз ин ӯ чанд либоси Сайидро ба ман дода буд ва ман онҳоро пӯшида будам. Вай маро барои харид ба бозор фиристод. Вақте ки ман баргаштам, Сайид бо модараш дар ошхона буданд. Маро дида,Сайид дағалона аз остинам дошта, ба сарам дод зад:

– Пӯшокҳои маро каш!

Модараш дар ғазаб шуда, ба ӯ гуфт, ки либосҳоро вай додааст, вале Сайид ӯро гӯш намекард. Он дам модараш фармон дод, ки ӯ аз ошхона баромада равад. Вай бо дили нохоҳам аз он ҷо рафт.

Модари Сайид ба ман панҷ рупия дод, то ки чортоашро ба модарам ва яктоашро ба худам монам. Илова бар он ӯ як дегча пур аз биринҷи пухтагӣ дод, ки ба модарам барам. Ман ба ӯ раҳмат гуфта, ҳамаро гирифта ба хона равона шудам.

Аз хона баромада, Сайидро бо як дӯсташ дар кӯча дидам. Ман кӯшиш намудам, ки аз пеши онҳо гузарам, вале онҳо ба дегча часпиданд. Кашокаш сар шуд ва дегча ба замин афтиду биринҷаш рехт. Ман қариб буд, ки гиря кунам. Баъд онҳо ба худи ман дарафтода хостанд, либосҳоямро аз танаам кашида гиранд. Ман бо тамоми қувва кушиш мекардам, ки халос шавам, вале онҳо маро сахт дошта буданд.

– Ин хизматгорбачаро бин, – ғурунгос мезад Сайид, – либоси дигаронро мепӯшад.

Ӯ худашро ба болои ман партофта, мехост аз миёнбандам дорад, ман хам шуда, дегчаро гирифта, ба рӯи Сайид задам. Вай бо фиғони сахт ба замин афтид. Ман бачаи дуюмро ҳам задам. Ӯ ба ҳимоят гузашт ва ман бо тамоми қувва ба сӯи хона давидам.

Ҳангоми ҷанҷол ман пули он зани меҳрубонро гум карда будам. Чун пештара аз тарс дар ҳоҷатхона пинҳон шудам. Ба зудӣ дар тақ-тақ шуд, инҳо ҳамсояҳо буданд, барои ҷанҷоли моро ба падару модарам хабар додан омада буданд. Падарам дар хона буд, баъди чанде овози ӯ баромад:

– Масъуд, канӣ зуд баро! Ту мешунавӣ? Баро!

Ман ларзон баромадам; вай маро дида бо муштҳояш заду ба кӯча тела дода, девонавор дод зад:

– Мана ин наҳсро гирифта, кушед! Ба мо вай лозим нест.

Аз ин суханони даҳшатнок банди дилам канда шуд. Ман боре аз ин пеш ӯро ғазабнок надида будам. Ман дигар хоҳиши зистан надоштам. Ҳамин вақт дар пеши назарам рӯи аз ғазаб сурхшудаи бародари калонии Сайидро дидам, ки маро кӯфтан сар кард. Ман ба замин афтидам, ва кӯшиш мекардам, ки бо дастонам панаҳ кунам, чунки ӯ бо пойҳояш сарамро ба сарам мезад. Дар охир, касе ӯро аз назди ман дур кашиду маро ба пой хезонданд.

– Гурез аз ин ҷо, овози мардонае фармон дод.

– Ман пешпохура давидам. Намедонам чӣ қадар давидам. Пойҳоям маро ба лаби дарё оварданд, ман беихтиёр болои санге нишастам. Дар назарам тамоми аъзои баданам кабуд шуда буд. Қабурғаҳоям сӯхта дард мекарданд. Гирякунон, ман ба осмон нигоҳ карда бо мушт сиёсат кардам.

– Худоё! Чаро ту маро аз ҳамаи ин халос накардӣ? Ту ин қадар бераҳму шафқат ҳастӣ? Ту маро чунин кардӣ, ки ман дар хонае, таваллуд шудаам, ки касе маро дӯст намедорад, акнун ту ҳам маро аз назарат дур кардӣ. Албатта шумоён ҳама маро партофтед. Аз ин рӯз сар карда, ман бо ту дигар гап намезанам. Ман хомӯш менишинам. Чӣ қадар ман туро ба ёрӣ даъват кардам гӯё, ки нашунидӣ. Имрӯз маро бегуноҳ заданд, ту ба ҳимояти ман сухане нагуфтӣ.

Ман бо азобе ба санги калоне баромадам ва ба Худо рӯ оварда, дод заданро давом додам.

– Худоё, ту золимӣ. Ту шоҳи золимон. Агар ту некукор ва адолатманд бошӣ, бо ман гап зан! Имрӯз дар ид маро аз хона берун кардан, Ту меҳрубон нестӣ, балки золим ҳастӣ. Агар чунин ҳастӣ, чаро моро якбора намекушӣ? Чаро ту моро ҳамин хел азоб медиҳӣ? Ба ман ҷавоб деҳ, эй Худо! Баро, ман мехоҳам,ки ту ҷавоб диҳӣ!

Ман аз санг дур шуда, сарамро ба ким-кадом девори сангин мезадам. Баногоҳ рӯшноии хиракунандаи барқ осмонро пора намуд. Ман сарамро бардошта абрҳои тирароро дидам. Садои гулдуроси раъд шунида шуд. Сонияе нагузашта осмон сӯрох шуд ва борон бошиддат ба рехтан сар карда, маро то устухонам тар намуд.

Ман обхезии Нӯҳро ба хотир оварда, дарунаки аз тарс ба ҳаяҷон омадам. Вақте ки гуфтаҳои худро ба ёд овардам маро ваҳм фаро гирифт: „Чаро ту моро якбора намекушӣ? Чаро моро азоб медиҳӣ?„ Ман мисли хорпуштак худро барои аз борон панаҳ кардан, дар зери санг пинҳон шудам, ман намедонистам, ки оё дар ҳақиқат Худо маро куштан мехоҳад ё не, вале ман аниқ медонистам, ки мурдан намехостам. Гулдуроси

барқ аз ман каме дуртар ба замин зад. Ман аз тарс фарёд задам. Боварӣ доштам, ки гулдуроси дуюм маро мезанад. Ба он ҷое, ки гулдуроси барқ навакак афтида буд нигоҳ карда шӯълаи оташро дидам, ки буттаеро месӯзонд. Баъди лаҳзае оташ хомӯш шуда дар борон дуди сабуке ба назар намоен шуд. Инро дида, ман тасвири қуръониро бо Мӯсои пайғамбар ба хотир овардам, чунки ӯ низ буттаи сӯзонро дида буд. Ман аз кори нопоки худ тарсидам ва бо овози баланд дуоро сар карда, хоҳиш намудам, ки маро бубахшад.

Борон оҳиста паст мешуд. Ман аз паноҳгоҳи худ баромада, ба бутта наздик шудам. Бо тарс оҳиста мерафтам, вале танҳо бутта ба назарам менамуд. Худ ба худ фикр мекардам, ки вақте ки ман ба Худо зӯрӣ мекардам вай ҳамин ҷо буд. Ман бори дигар ба бутта нигоҳ кардам, вале вай ором буд. Дар ин дам барқ аз нав зад ва ман бо рӯям ба лой афтидам.

– Не, не, Худоё! Илтимос мекунам, маро бубахш!

Ман боварӣ доштам, ки ҳозир ҳодисаи табиӣ маро мекушад. Вале ин тавр нашуд ва ман бо тарс сарамро бардоштам. Борон бас шуда буд. Чанд бор ба атроф назар духта чизи ғайриоддиеро надидам. Ба сӯи хонаамон роҳро пеш гирифтам. Боз чанд вақт бе мақсад давр задам ва дар охир боз ба Рабваҳ омадам. Ман азонро шунидам, ки ба намоз даъват мекард. Нисфи рӯз, вақти чоштгоҳ буд ва ман ба гурӯҳи одамон ҳамроҳ шудам. Атрофиён ба ман бо ҳайрат нигоҳ мекарданд, зеро ман бисёр чиркин будам. Ман ба назди дастшӯяк барои таҳорат омада, бо як азобе либос ва пойафзоламро тоза намудам. Баъди ин ба масҷид даромада, ба назди ибодаткунандагон нишастам.

Чун ман аз намоз бархостам, шахсе бо қаҳр омада аз гӯши ман дошта, кашола карда аз дари масҷид берун карда, як шаппотие ба рӯям зада, гуфт: – Агар хоҳӣ, ки ин ҷо намоз хонӣ, аввал рафта, шалворатро дӯз! Эҳтимол вақте ки ман дар соҳил аз борон пинҳон шудан мехостам пешпо хурда бо чизе шалварамро дарондам. Аз шарм сурх шуда, оҳиста роҳи хонаро пеш гирифтам, метарсидам ки касе либоси дарридаи маро набинад. Вақте ки ба хона расидам, дар баста буд. Ман ба тақ-тақ кардан ғайратам нарасид, гурусна будам ва ба хотирам биринҷ ва пулҳои модари Сайид дода буд расиданд ва ба ҷои ҷанг кардаамон рафтам, вале дар он ҷо ҳеҷ хел пул набуд, аммо биринҷи рехта буд. Ман ба атроф нигаристам, касе набуд, як каф биринҷро ҷамъ карда, ба кисаам андохтам.Маззаи биринҷ бо рег он қадар хуб набуд, аммо ман гурусна, ки будам ҳамаашро хӯрдам. Баъди хӯрдани биринҷ фикр кардам, ки ба табрики Аҳмад дар рӯзи ид нарафтаам ва умед доштам, ки дар хонаашон боз ягон хӯроке мехӯрам ва сӯзану ришта пурсида шалворамро медӯзам. Ба дари хонаи Аҳмадино расида онро бо қулфи овезон дидам. Ғамгинона каме истодам, вале касе наомад,

Ман бемалол сайру гашт мекардам то вақтро гузаронам, ва бехабар ба кӯчае расидам, ки фаррошони масеҳӣ зиндагӣ мекарданд. Кулбаҳои онҳо хеле содда буд, ки аз хишти гилӣ сохта шуда буданд, на мисли хонаи аҳмадиён аз санг сохта шуда буданд. Ин фаррошон аз табақаи пасти ҳинду буда чанд сол пеш масеҳӣ шуданд. Онҳо корҳои аз ҳама вазнинро иҷро мекарданд ба мисоли ҳоҷатхонаҳоро тоза намудан ва ғайра... Қисми зиёди онҳо ҳатто тасаввуроти кофӣ дар бораи дини масеҳӣ надоштанд. Ба ин нигоҳ накарда байни онҳо шахсони худотарс ва эътиқоди комил дошта ҳам буданд. Аҳмадиён ба ғайраз ягон кори зарури бо онҳо доду гирифт намекарданд. Хеле ҳайратовар буд, ки ман назди онҳо истода ба бозии шавқовари бачагони онҳо нигоҳ мекардам. Чунки ду сол пеш аз ин ба ман суруди ботартиб ва дилхароши онҳо маъқул шуда буд. Банохост чашмам ба дари калон кушода афтид. Дар даруни хона қариб бист нафар марду зану кӯдакон болои замин нишаста, дар бораи Исо пайғамбар суруд мехонданд. Дар пешгоҳ марде менишаст; дар десташ китобе буд, ки ман вайро шинохтам, номаш Китоби Муқаддас буд. Ман чунин китобро дар хонаи Муҳаммади Исмоил дида будам. Баъзе аз онҳо баргашта, маро диданд. Онҳо бо табассум ва ишораи даст маро ба даромадан даъват намуданд. Ман дар гумони он будам ки дароям ё надароям ва дар охир даромадам ва дар паҳлӯи мардон болои қолинча нишастам. Маро шалвори даридаам нороҳат мекард. Ман кушиш мекардам, ки ҷои даридан шимамро касе набинад. Онҳо суруди ҷамъбастиро хонда, баъди ибодат майли хеста пароканда шуданро доштанд. Марде ки назди ман менишаст бо табассум гуфт:

– Ҳама тамом шуд.

Ман ҳам бархостам, то ки равам ин вақт яке аз занҳо ба марде ки бо Китоби Муқаддас менишаст, ба ман нишон дода ба гушам чизе гуфт. Он шахс ба вай чизе ҷавоб дода, пеши ман омаду дасташро ба китфам гузошта пурсид:

– Писарам, ту кистӣ ва аз куҷоӣ?

Ман ҷавоб додам, ки ба хабаргирии дӯстам омадам, ки дар ин наздикӣ зиндагӣ мекунад, азбаски онҳо дар хонаашон набуданд, ман аз ин ҷо гузашта истода ба ин хона даромадам. Касе барои кашиш чупон пиёлаи чой овард ва ӯ бо меҳрубонӣ маро ба чой нушӣ таклиф намуд. Ман ҳамроҳи ӯ дар болои чорпоя, кате ки аз банд сохта шудааст нишастем ва сӯҳбатамон оғоз шуд. Баъди чанд муддат дар хона ман, кашиш ва аҳли оилаи соҳибхона мондем. Дигарон ҳама рафтанд.

– Ҷаноб, – ман хеле бо эҳтиёт гап сар кардам; – ман аз куҷо чунин Библияро пайдо карда метавонам?

– Ин душвор нест, гуфт вай, – вале падару модари ту ва ҷамъият ба ту иҷозати хондани онро намедиҳанд!

– Ман вайро мехонам, – ҷавоб додам ман, – ҳатто агар пинҳонӣ хонданам зарур шавад.

Инро шунида, вай китобчаи на он қадар калонеро аз байни китобҳои дар болои ҷойгаҳ буда, ба ман дароз намуд: Мана гир, ин Аҳди Ҷадид аст. Инро хон ва баъд, ман ба ту тамоми Китоби Муқаддасро медиҳам. Ман ӯро гирифта, раҳмат гуфта худро хушбахт ҳис кардам. Ӯ ба назди ман пиёлаи чойро наздик монда гуфт:

– Нӯш вагарна хунук мешавад.

Ман чойи ширинро бо шир нӯшида истода фикр кардам, ки бори аввал имкони бо мардуми дини дигар хурок хӯрданро дорам. Ягон мусулмоне, ки худро эҳтиром мекунад бо одамони табакаи пасти дигар, хусусан бо масеҳиён хӯрок намехӯрд. Ман гурусна будам ва сарам дард мекард. Маззаи чой бароям хеле бомазза шуд. Ба ақидаи одамоне, ки ин ҷо ман дида истодаам , Исои пайғамбар писари Худо мебошад. Ба рафти андешаҳои худ пайравӣ намуда гуфтам:

– Ҷаноб, чаро боварӣ доред, ки Исо писари Худо аст, дар сурате, ки Худо зан надорад ва фарзанд доштан ҳам наметавонад? – Мард табассум намуда, номи маро пурсид.

Масъуд Аҳмад Хон, – Аз саволи ӯ ҳайрон шуда ҷавоб додам ман.

– Ана ҳамин хел Масъуд, агар ман ба ту гӯям, ки „Писарам, ба фалон ҷой рав ва барои ман ину он корро кун“, оё ту ҳақиқатан ҳам писари ман мешавӣ, танҳо барои он, ки ман ба ту чунин гуфтам? Танҳо барои ҳамин ҳам ман падари ту шуда метавонам?

Ман сарамро ҷунбонидам, акнун ман ӯро мефаҳмидаги шудам.

– Ана бо Исо ҳамчунин, – идома дод вай. Вай писари рӯҳонӣ ва Худо падари ӯ мебошад.

Суханҳои ӯ барои ман хеле фаҳмо ва форам буданд. Онро ба охир расонда буд, ки кашиш ба ман гуфт, ки вақти рафтан шудааст ва ӯ боз баъди як моҳ бармегардад. Мо хайрухуш кардем ва ман бо як ҷаҳон фикрҳои нав ба хонаи Аҳмадино рафтам. Дарашон ҳанӯз қулф буд. Рӯз бегоҳ мешуд. Ман бо тамоми вуҷудам дардро ҳис намудам. Аз нав борон ба боридан сар кард, ман тар шуда, сахт хунук хӯрдам. Китоби Аҳди Ҷадиди зери куртаам пинҳон кардаамро даст намуда, ман нишастам ва зонувонамро сахт дар оғӯш гирифтам, то андаке бошад ҳам гарм шавам. Ба зудӣ , ман беихтиёрона аз ҳуш рафтаам.

Ман танҳо дар хона дар ҷойхоби худам бедор шудам. Дар назди ҷои хобам падарам ва падари Аҳмад меистоданд. Эҳтимол, вай маро ба хона овардааст ва падарам ба ӯ миннатдорӣ карда истодааст ва дасташро аз сари ман намегирифт, худро чун падари фарзанддӯст нишон медод. Падари Аҳмад дасти маро фишурда, дӯстона таъкид намуд, ки дигар дар таги борон нагардам ва хайрухуш намуда баромада рафт. Ин лаҳза дилам аз тарс қариб буд мекафид! Куҷо бошад, Аҳди Ҷадиди ман? Вай

зери куртаам набуд. Пӯшоки ман хушк буд, касе либоси маро дигар кардааст, бояд китобро ёфта бошад. Ман оҳиста ба рӯи падарам назар кардам. Оё вай медониста бошад? Оё ӯ маро боз мезада бошад? Дар ин лаҳза модарам бо пиёлаи чой ва доруи тасф барои ман ба хона даромад. Чои мо доруи беҳтарин аз шамолхӯрда ва дарди сар ба ҳисоб мерафт. Ман пиёларо гирифта дар болои миз китоби Аҳди Ҷадиди наве, ки имрӯз кашиш тӯҳфа карда буд, дидам. Падарам нигоҳи маро фаҳмида, китобро гирифт. Ман ҳайрон шудам ӯ китобро сӯи ман дароз намуда, гуфт:

– Агар ту ин китобро ҳамчун қисса хонӣ, ҳеҷ гап нест. Вале агар бодиққат хонда, ба фикр фурӯ рафта, назди худ ҳаргуна саволҳо гузорӣ, ин қобилияти фикррони туро вайрон мекунад. Худо ба ту ҳикмат ва ҳаваси илмомӯзиро додааст. Агар ба ту ёрӣ лозим шавад, омада аз ман пурс. Ҳамагӣ як соли хонданат мондааст, ба фикри ман баъди хатм, ту метавони ба коллеҷи тарғибгарони аҳмадия дохил шуда, тарғиботчӣ шавӣ. Ту ин корро танҳо баъди гирифтани номаи камол карда метавонӣ. Ин нутқи дуру дароз барои падарам буд, ки ӯ асосан бо ман дар вақти ғазабнок шуданаш гап мезад. Ва ин ҳоло ҳамааш нест. Ӯ суханонашро давом дод: – Вақте ки ба коллеҷ дохил мешавӣ ҳар таълимотеро, ки хоҳӣ омӯхтан мегирӣ. Ту донистан мехоҳи, ки мо аҳмадиён ба чӣ эътиқод дорем ва эътиқодмандони дини ислом чӣ мегӯянд? Метавонӣ ба таълимоти онҳое сарфаҳм равӣ, ки моро бутпараст меноманд, ҳамчунин аз таълимоти масеҳиён низ огоҳ мешавӣ. Хулоса мефаҳми, ки дар бораи Худо таълимотҳои гуногуни динӣ чӣ мегӯянд. Ту акнун кӯдак нестӣ, ман бисёр афсӯс мехӯрам, ки туро хафа кардам. Ин ҳақиқат буд, ки ҳаваси ту ба илмомӯзӣ ба ман маъқул набуд, чунки ман аз ӯҳдаи додани пули таҳсилат намебаромадам.

Ӯ хомӯш шуда, нафаси чуқуре кашид.

– Ин рости талх аст, ки зангириҳои ман маро хушбахт накарданд. Ман аз он метарсидам, ки ту ҳам мисли зани якум ва фарзандонаш, ки ба роҳи марг рафтанд, маро тарк мекуни. Ман инро тоқат карда наметавонистам. Ман медонистам, ки онҳое, ки имрӯз туро лат карданд ноҳақ буданд, лекин ман чӣ кор ҳам карда метавонистам?

Ман тамоман ҳайрон будам, наметавонистам, ки чизе гӯям.

Вале модарам бо хашм гуфт: – Бас аст фалсафагӯӣ! Ба вай ғамхории падарам маъқул нашуд. Вақти хоб шудааст. Суханҳои ширини худатро барои дафъаи дигар нигоҳ дор, агар хоҳӣ, ки муносибатат бо писарат беҳтар шавад.

Падарам дигар чизе нагуфта, бо рӯи сурхшуда баромада рафт. Модарам низ баромада рафт ва то дерӣ аз хонаи хоби онҳо овози ҷанҷолашон шунида мешуд.

Ман таваккалан китобро кушода дурудароз хонда истода будам, ки овози наздик шудаистодаи поро шунида тез Аҳди Ҷадидро зери болиштам баҷо кардам ва худро ба хоб андохтам. Модарам даромада чароғро хомӯш карда оҳиста баромада рафт. Ман оромона тамоми шаб хоб кардам.

Вақти субҳирузи дигар ман дер бедор шудам. Дар назди ҷойгоҳам Аҳмад ва модарашро дида, хеле хурсанд шудам, онҳо барои хабаргирии ман омада буданд. Онҳоро дида, аз ҷоям хестанӣ шудам, вале онҳо нагузоштанд. Мо хеле сӯҳбат кардем, вақте ки модарам барои об берун баромад, модари Аҳмад ба ман бист рупия пул дароз кард. Ман ба гирифтани пул ҷуръат накардам, вале вай кас гуфтанд:

– Гир, бачем барои худат китоб мехарӣ. Ин тӯҳфа барои ту, пинҳон кун, ки модарат набинанд.

Ман самимона ба ӯ ташаккур гуфта, пулро зери болишт пинҳон намудам. Ӯ Аҳмадро дар пеши ман монда, барои дарди дил кардан ба назди модарам рафт.

– Ман „мехоҳам чизеро ба ту нишон диҳам“ гуфтаму ба ӯ китоби Аҳди Ҷадидро дароз кардам. Вай китобро аз назар гузаронду зуд баргардонд. – Чӣ гап шуд? Хон!

– Не, Масъуд ман вайро намехонам, ҳоло ман девона нашудаам.

– Ту, чиҳо мегӯӣ, Аҳмад, – нидо кардам ман.

– Ман дар бораи ин китоб бисёр медонам, бародарам ва падарам маро бовар кунонданд, ки ин китоб содда карда шудааст. Дини масеҳи дини ҳақиқӣ нест, ҳамчунин исломро, ки пайравонаш моро бутпараст меноманд. Дар ҳақиқат онҳо бутпарастанд, на мо. Онҳо худашон ба худ ҳукм бароварданд, ки Масеҳ Маъодро (Мирзо Ғуломи Аҳмад)-ро бовар намекунанд. Ман бо ҳайрат ба вай нигоҳ мекардам: ин тамоман Аҳмади дигар буд. Баъди он ки ӯ дар коллеҷи тарғиботчӣ хонданро сар кард, то ки пайрави падар шавад, ӯ акнун ба ҳама гуна фикрҳоеа, ки бо таълимоти аҳмадия рост набуданд, сахт зиддият нишон медод.

Ӯ боз чанд дақиқа ба ман далелҳои беасосии дини насрониро пешниҳод кард, вале ӯро модараш фарёд кард, вақти рафтанашон шуда буд. Ман аз қафои онҳо назар кардам. Ба хаёлам Худо ким-чие ба ман мегуфт, аммо ман боварӣ надоштам, ки Аҳмад ба ин розӣ мешавад. Ҳар чӣ ҳам бошад, ман ба ин ҷавони қоматбаланди ҷиддӣ, дӯсти ҷавониям дилбастагӣ доштам, илова ба ин падару модараш низ маро дӯст медоштанд.

Дар ин шаб ман то дера дар ҷойгоҳам дароз шуда, ҳеҷ хобам намебурд. Торикӣ гӯё ба ҷамъ намудани фикрҳоям халал мерасонд. Ман ҳис мекардам, ки ким чи хел вазнинии номуайяне маро пахш мекард. Дар майнаам боз таънаҳое, ки модарам ба падарам мегуфт, садо медоданд.

– Ё Худоё, ҳаёти ман барбод рафт, – Номи неки ман дар ин шаҳр барбод рафт, мегуфт вай. – Номи неки ман дар ин шаҳр бо дасти писари аҳмақам, ки ба гӯш кардани масеҳиён меравад, шарманда карда шуд. Писари ман мехоҳад бутпараст, кофир бошад. Ӯ назди одамоне меравад, ки муқобили мо, зидди ҳақиқатанд. Писари шахсии ман! Ӯ яке аз ин девонаи тарғибкунанда мешавад ва ё мисли ту!

Қариб тамоми шаб аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар гаштам, хостам, ки хобам барад, аммо хоб аз ман гурехтабуд. Магар ман аз доираи аҳмадиён берун шуда метавонам, мепурсидам аз худам, агар тавонам баъд чӣ мешавад? Охир яке аз онҳо мебошам. Кадом динро пайравӣ намоям? Ба назарам чунин мерасад, ки овози рӯҳи ман ба гушам оҳистакак мегӯяд: ислом! Вале кадом равияи исломро? Аҳли суннат? Ё мейит? Охир дар ислом 80 равия аст. Кадоме аз онҳо? Ва боз торики, мисле ки дар пешам девори баланд меистода бошам. Ин дуруст аст, ки исавиҳо ба се Худо саҷда мекунанд, дар сурате, ки ҳама имондорон медонанд, ки Худо ягона мебошад, Худои ҳақиқӣ: раҳмон ва раҳим асту Муҳаммад... ҳа, оё ҳамин ҳақиқат бошад? Дар ҳақиқат ӯ пайғамбари Худо бошад? Ман нолиш кардам. Қафаси синаамро бори вазнинтаре пахш кард. Ақли ман дар ҳаяҷон буд. Ба назарам чунин менамуд, ки ким-кадом одамони бад, ё қувваҳои бад, ё рӯҳҳои дар атрофи ман масхараомез механдиданд, ва маро дошта бо муштҳояшон мезаданд. Ман аз тарс ва ҳаяҷон тар шудам. Нохост ба ёдам расид, ки дар Инҷил дар бораи рондани рӯҳҳои бад чизе хонда будам. Кӯшиш намудам, ки дод занам, аммо хандаи кинояомези онҳо аз нав хонаро пур намуд. Ман ҳис кардам, ки ин рӯҳҳои бад мехоҳанд, маро газанд, гӯё аз вазни танаи худ дар ҷоям шах шуда мондам. Дар охир ман фарёд задам:

– Эй офарандаи коинот ба ман ёвар бош, маро наҷот деҳ! Эй Худои ягона марҳамат карда ба ман ёрӣ деҳ!

Бо одати бачагиам паи ҳам се сураро аз Қуръон тез-тез хондам. Ва бори дигар бо овози баланд Худоро даъват кардам ва Исоро ба хотир овардам, ки деву ҷинро меронад ва баъдтар вазнинӣ синаамро тарк намуд ва хонаро сулҳу оромӣ фаро гирифт. Ман ҳамаи ин даҳшатро фаромӯш кардаму аз хонаам берун баромада, об нӯшидам ва боз омада ба ҷойгоҳам дароз кашидаму дар бораи Исо фикр кардам. Ба тезӣ маро хоб бурд, чунки дар атроф оромиро ҳис кардам.

# 5

# Ба сӯи ҳақиқат равон мешавам

Ман ба дарсҳоям вақти бисёр ҷудо мекардагӣ шудам. Ҳақиқат он аст, ки мақсади ин дарсҳо бештар пайдо кардани саволҳое буд, ки муаллимони аҳмадия ба онҳо ҷавоб дода тавонанд. Ҳатто дар мактаб ман ҳамсинфонамро бо саволҳоям безор карда будам. Акнун ман мебинам, ки Худо то чӣ андоза шавқи бешумори ҷустани ҳақиқатро бароям тухфа карда буд, вале он вақт инро намефаҳмидам. Ман танҳо медонистам, ки бояд хонам, донам ва бо пешрафти донишам дар дили ман пешра ва дар роҳи донистани ҳақиқати хақони зиёд мешуд.

Ҷустуҷӯҳои ман ҳамеша ба се равия: аҳмадия, эътиқоди исломӣ ва насроният рӯ барӯ мешуд. Якум, назария ҳакимони аҳмадия, ки қодионӣ ном дошт. Таълимоти асосии он иборат аз ин буд, ки Мирзо Аҳмад, Маҳдии ваъдашуда Масеҳ буд. Ин ба таълимоти эътиқодмандони исломӣ зиддият дошт, бо ин сабаб онҳо моро бутпараст ва нопокон меномиданд. Дар бораи масеҳиён бошад, ман кам медонистам, зеро ман ҳанӯз таҷрибаи ками ошноӣ бо онҳо доштам. Онҳо барои ман диққат ҷалбкунанда буданд, ба ҳар ҳол фарқияти миёни мо хеле бештар буд.

Ба ягон масъала бархурда, ман пеш аз ҳама кушиш мекардам, ки муайян намоям, ки ин се равия ба он чӣ гуна муносибат мекунанд. Соли 1967 ман аъзои ташкилоти Атфолулаҳмадия фарзандони Аҳмадия будам ва бояд баъди чанде аъзои созмони ҷавонони Қудамулаҳмадия (хизматгорони Аҳмадия) мешудам. Ман медонистам, ки ин ташкилотҳо донишҳои омӯхтаи маро ҳаргиз намеписанданд. Дар айни замон калонсолон низ дар масҷид маро оташин мекарданд, чунки дар саволҳои ман танҳо бадиро медиданд. Ба ман чунин менамуд, ки агар эътиқоди динии онҳо мустаҳкам ва асоснок мебуд, ин масъаларо мебояд бо шавқ муҳокима кунанд. Онҳо бошанд, танҳо дар ғазаб шуда, ҳатто ба падарам шикоят мекарданд. Ҷавоби ӯ бошад, табиатан ғазаб буд.

Дар моҳи марти соли 1967 ман охирин имтиҳони мактабро супоридам, падарам маро саросема мекард,ки барои дохил шудан ба коллеҷи тарғиботчиёни Рабваҳ тайёрӣ бинам. Ман мефаҳмидам, ки ин ба падарам маъқул аст, вале ман намехостам, ки маҷбуран ба чунин қарор биёям. Ман андеша доштам, ки ба коллеҷи таҳсили улуми дунявӣ,

ки ба тайёр кардани донишҷӯён ба соҳаҳои дигари ҳаёт, ки ба равияи аҳмадия алоқа надоштанд, дохил шавам. Падарам ғамгин буд.

– Масъуд, гуфт ӯ боре бегоҳӣ, – чаро ту барои дохил шудан ба ин коллеҷ кӯшиш дорӣ? Ту медонӣ, ки ба ман ин фикр маъқул нест.

Ман ҳаракат намудам, ки аз рӯи виҷдон ҷавоб диҳам, гарчанде метарсам, ки дар вуҷудам иззатинафс роҳ ёфта буд.

– Падар, ман мехоҳам, ки бо роҳи худам равам. Ман дар ин хона таваллуд шудаам, вале ин маънои онро надорад, ки кӯр-кӯрона пайрави ту бошам. Шояд, ман тавонам, ки зиндагии беҳтари худро ташкил кунам. Ман мехоҳам донам,ки он навдаи сарҳосили нав, ки дар боғи ислом сабзидааст, дертар ба равияҳои қодионӣ ва лоҳурӣ тақсим шудааст. Ман мехоҳам аниқ намоям, ки мусулмонон то чӣ андоза ҳақ ҳастанд. Ва дар охир донистан мехоҳам, ки оиди ин масъала китобҳои масеҳӣ чӣ мегӯянд! Рӯи падарам аз ғазаб суп-сурх шуда, рагҳои гарданаш айён шуданд.

– Масъуд бас кун! – ғуррос зад вай. – Ман пушаймон будам, ки бо ту пештар рафтори дағалона доштам, бинобар ин тоин руз бо нағмаҳои ту муросо мекардам. Ман ба ту дар ҷустуҷӯйҳоят ёрӣ медодам. Ҳамаи он чиро, ки мардум мегуфтанд, мешунидам лекин ҳамон замон кушиш мекардам, ки ба саволҳои доимии ту ҷавоб диҳам. Ба ту шароит додам, ки муаллимони беҳтарини моро гӯш кунӣ.

Имрӯз, – вай ҷевони китобҳоро бо дасташ зада нишон дода, ин ҷевон пур аз китоб аст, ки ман ба ту харидам, гарчанде бо бисёр мушкилӣ ба даст меомад. Ман ҳамеша ба он бовар мекардам, ки дар охир ҳақиқат ғалаба мекунад ва ту фикрҳои сафсатомезатро фаромӯш мекунӣ. Ҳатто имрӯз ҳам боварӣ дорам, ки рӯзе мешаваду нури ҳақиқатро пайдо мекунӣ. Ва ту боэътиқод калимаҳои илҳомбахши Ҳазрати Масеҳ-Маъод (Мирзо Ғулом Аҳмад)-ро такрор мекунию „Ман ҳақиқати худамонро то канори замин мебарам“. Ман ният доштам, ки ту обрӯи моро мебардорӣ, масъалаҳои иқтисодии мо беҳтар мешаванд, ва рӯзҳои хушбахтии мо ҳам сар мешаванд. Имрӯз мебинам, ки ба ту беҳуда бовар кардаам, диққати туро орзуҳои ман ҷалб намекунанд. Ту мехоҳӣ, ки танҳо барои худат зиндагӣ карда, номи моро доғдор кунӣ. Эҳтимол, ту фаромӯш кардӣ, ман падари сахтгир ҳам буда метавонам! Агар ту ба ин сафсатаҳо хотима надиҳӣ, ман туро маҷбур мекунам, ки аз рӯи замин нест шавӣ.

Ӯ хомуш шуд, ба сӯи ман бо чашмони ғазабнокаш нигарист.

– Ба ҳар ҳол мо мусулмонем ва ман ба ту имконияти охирини пайдо кардани ҳақиқатро медиҳам. Дар баръакси ҳол, бигузор ғазаби Худо туро фаро гирад!

Бо ин суханон ӯ аз хона берун шуд. Ман беҷон ба болои ҷойгоҳам рӯҳафтода нишастам. Хонаро аз назар гузарондам, китобҳои худро

дида, аз худ пурсидам:„Масъуд, ҳолат чӣ тавр аст? Бад бахти ва суханҳои бад; ҳамаи инро як тараф партофта бо рафти равиши дарё шино кун. Ҳама инро ба як сӯ гузошта, онро ки падарат мегӯяд, бикун. Дар осудагӣ зиндагонӣ кун“. Ин фикри оромкунанда дар сари ман пайдо шуд, вале ким чие дар дили ман садо дод: „Не, ин нодуруст аст ва ту инро медонӣ. Масъуд, ҳақиқатро пайдо кун ва дар рӯшноии вай зиндагӣ кун“, Ман суханонеро ба хотир овардам, ки дар охири кори имтиҳониям, оид ба равияи аҳмадия навишта будам: „Ман навиштам, вале ба ин боварӣ надорам“. Аз нав чунин фикри ман пайдо гашт: „Ту чиро ба даст меори, агар нодурустии таълимоти аҳмадияро исбот кунӣ? Ту баъди ин ба кучо меравӣ? Ба исломи анъанавӣ? Вале ислом ҳам ба қисмҳо чудо шудааст...“.

Ман дилтанг шуда будам, ҳалқам хушк шуда буд. Ман ба ошхона рафта, як пиёлаи калони обро нӯшидаму аз хона берун баромадам. Моҳи пурра рушнои мекард ва намуди шаҳр шинос ва одатти буданд. Боди тоза торҳои фикрҳои нофорамро аз сари ман рӯфта партофт ва ман ба канори шаҳр рафта, аз ин оворагии дилгиркунанда берун шудам. Дар он чо ман ба санги калоне нишаста, ба моҳ менигаристам. Рӯҳам бо шодиву хурсанди дар пеши офарандаи олам пур шуд, ки чӣ гуна ачоиб оламро офаридааст. Дар муқоиса бо ҳамаи масъалаҳои шахсии ман дар Рабваҳ, моҳу ситораҳо чӣ гуна софу комил буданд.

Ман талаботи аниқеро барои ҳама чизро ба Худо гуфтанро ҳис намудам. „Ба вай ҳамаи масъалаҳои худро бубахш, – мегуфт, ба назарам дили ман. – Ӯ офаридгори бузург аст. Ӯ ба ту мададгор мешавад. Вай бузург аст, метавонад ҳама мушкилиҳои туро ҳал намояд. Ӯ ҳама корро карда метавонад, чунки ту барои фаҳмидани вай кушиш мекунӣ“. Ҳангоми ин фикрҳо ашк дар чашмони ман пайдо шуд, дастонамро ба осмони пурситора бардошта, аз таҳти дилам гуфтам:

– Ё, Худоё, офаридгори бузург ман Туро барои ёрӣ даъват мекунам. Аз ту хоҳиш дорам, ки маро ба сӯи рушнои ва ҳақиқат бар, ё маро тарзе дигаргун кун, ки дигар ман ҳақиқатро донистан нахоҳам. Ман дар бораи ту хондаам. Акнун бояд, ки туро бишнавам. Ман мехоҳам, ки ту роҳнамои ман бошӣ. – Дигар ман чизеро гуфта натавонистам, тоқаву танҳо дар рушноим моҳ гиря мекардам. На он қадар дур дарё буд ва он мисли ҳарвақта ба ман сулҳу оромӣ мебахшид. Ман оҳиста бархеста ба қафо ба сӯи шаҳр равон шудам. Ва дар ҳамин ҳолат ким-чие ғайри оддӣ рӯй дод. Ман ногаҳон ҳис кардам, ки танҳо нестам. Дар ин чо касе бо ман буд. Ман лабрези қувваи нав шуда, барои чустучӯи ҳақиқати худ баргаштам.

Баъди чанд рӯз падарам маро назди муҳаррири мачаллаи „Алфурқон“ бурд. Ӯ шахси дар шаҳри мо боэҳтиром буда, Мавлоно Абдул Атто ном дошт. Баъди салому алейки муқаррарӣ, падарам гуфт:

– Ман писарамро бо мақсади маслиҳат додани Шумо овардам. Шояд шуморо гӯш кунад.

– Ӯ ба ёрии донишманд мӯҳтоҷ аст. Баъди чанд дақиқа падарам моро танҳо гузошт. Мавлоно – таблиғотчи, ба ман гуфт:

– Чунин менамояд, ки падарат аз ту сахт ранҷидааст. Чӣ гап шуд, Масъуд? – Дар овози вай шавқи ҳақиқи шунида мешуд, аммо ӯ бо қоғазҳояш кор карданро давом медод, бинобар ин ман хомӯш будам. Ӯ чашмонашро бардошта аз нав пурсид:

– Ту байни шаҳриён дар бораи чи гуфругузор дорӣ? Кӣ ба ту гуфтани ин чизҳоро ёд дод? Ту ҳанӯз бачаӣ, ҳамагӣ ҳабдаҳ сол дорӣ. Ба бачагони синни ту додани чунин саволҳ фоида надорад. Ба фикри ман туро дигар мусулмонон роҳгум мекунанд, ҳамин тавр нест? Ман шунидам,ки туро масеҳиён низ ба худ ҷалб мекунанд, ту дини онҳоро меомӯзӣ. Хайр, Масъуд гӯй, наход ту боварӣ дорӣ, ки ягон чизи хуб аз ин „кашишҳои“ разил „ҳазратҳо“ ёд мегири? Онҳо ҳатто намедонанд, ки чаро насронӣ номида мешаванд, ба ғайр аз он, ки гузаштагинашон ҳамчун масеҳӣ ва исави ном доштанд.

Ӯ ҷавоби маро интизор буд. Ман машғули гирдоварии фикрҳои худ будам, ки вай аз ман чаққонӣ кард:

– Чаро ту хомӯшӣ? Шояд ман ҳақ бошам, вақте мегӯям, ки ин одамон туро ба „ҷустуҷӯй“ машғул карда, боиси бесару самоният шудааст. – Ӯ ба ман бо нигоҳи ҷидди нигоҳ кард. Ман ғайрат ғун карда гуфтам:

– Ин чунин нест, Мавлавӣ Соҳиб, ҳамаи ин тадқиқотро ман мустақилона китоб хонда, мебурдам.

Ман аз калонсолон маслиҳат мепурсам, чӣ хеле ки мебинед, ба назди шумо омадам. Касе ба назди ман барои омӯзондан намеояд.

Ҷавоби ман бароям хеле маъқул буд, аммо вай суханамро бурид, Масъуд, ту чиро донистан мехоҳӣ? Ҳақиқатан ту чӣ мехоҳӣ?

Далерона ҷавоб додам ман:

– Динеро пайдо кардан, ки вуҷуд дорад ва абадан вуҷуд хоҳад дошт.

– Ин албатта, ислом мебошад, – мухтасар гуфт вай.

– Вале муаллим, ҳатто ислом ба равияҳо тақсим шудааст. Мову шумо ба равияе дохил мешавем, ки назариётчиёни исломӣ вайро ғайри исломӣ, яъне бутпарастӣ меноманд. Чӣ мешавад, агар онҳо қонунро бар зидди мо равон карда моро кофир эълон кунанд? Ман хавотир шуда будам. Ман албатта он вақт намедонистам, ки чанд сол баъд дар Покистон чунин ҳам мешавад.

– Писарҷон, – гуфт вай бе ҳеҷ ғазаб, – ин аҳамият надорад. Мо аҳмадиён ҳамон ҳақиқате мебошем, ки ту меҷӯӣ. Мо ба ту мададгор мешавем, аммо барои ин ба ту зарур аст, ки пеши мо боэътиқод биёӣ.

– Ман мехостам сӯҳбатро давом диҳам, вале дидам ки ӯ аз нав бо қоғазҳояш машғул шуд, бо ин нишон медод, ки сӯҳбат ба охир расид. Хайрухушкунон вай ба ман ду китоби зидди таълимоти масеҳӣ ва маҷаллаи худашро дода, хоҳиш намуд, ки баъди ду рӯз наздаш биёям.

Ман мувофиқи имконият ба маҳали масеҳиён рафтанро давом медодам, ки дар онҷо бори аввал бо сухангӯи масеҳӣ сӯҳбат карда будам ва дар рӯзи ояндаи бад аз вохӯриам бо Мавлавӣ ба ман имконияти ба онҷо рафтан пайдо шуд. Ман бо роҳи ифлоси кӯчаи танг ба хонаи фаррошон рафта, бетоқатона саршавии ҷамъомадро мунтазир шудам. „Кашиш“ ба ман овардани ким кадом китобҳоро ваъда карда буд. Ман ноаён ба ҳавлӣ даромада, ба хона дар арафаи саршавии ибодат расидам. Кашиш аз таҳтидил ба ман салом гуфт, ва ман бо масеҳиён якҷоя ба шунидани суханҳои ҳикматона сар кардам. Ин марди нек дар бораи Исо чун дар бораи Наҷотдиҳанда ва дӯст сухан мегуфт. Ман мисли пештара аз он дар ҳайрат будам, ки кашиш бо рӯҳи муҳаббат саршор буд. Ӯ хеле оддӣ ва аз сидқи дил каломи Худоро нақл мекард. Ман ба хотир овардам, ки боре ӯ ба ман гуфта буд: „Писарам ман дониши чуқур надорам, аммо ман ба ту он ҳақиқатеро ки ба ман маълум аст мегӯям“.

Баъди ибодат ӯ ба ман ду китоб дод. Яке аз онҳо „Мирзо Ғулом Аҳмад ва Қодионӣҳо:ошкоркунӣ“ ном дошт. Мо чанде дар бораи Инҷил сӯҳбат карда, ман ба хона саросема шудам. Вақтамро беҳуда нагузаронда ҳар дуи китоберо, ки кашиш дода буд, хонда тамом кардам. Вақте хонданро ба охир расондам хеле дер шуда буд. Ман сарриштаро гум карда будам, ҳама гумонҳои ман вобаста ба асосгузори равияи аҳмадия, ки вақтҳои охир пайдо шуд ба ҳақиқат монанд мешуданд ва ман намедонистам, чӣ кор кунам.

Чунон ки аниқ карда шуда буд, баъди ду рӯз ман ба зиёрати Мавлоно Абул Атто ба ҷои кори ӯ рафтам. Он руз боз як шахси дигар низ дар он ҷо буд, ки шояд ҷаноби донишманде буд. Он ҷо боз ким кадом одамон низ буданд. Баъди пурсупоси одатӣ ман сар кардам: – Ҷаноб, ин дуруст аст, ки Мирзо Ғулом Аҳмад худро Худо меномад ва эълон кардааст, ки аз Муҳаммад (с) бузургтар аст?

Мавлавӣ тез рад кард:

– Ин чӣ бемаъногист, ки мегӯӣ?

Ман ба чунин вазъият омода будам ва гуфтам:

– Магар нодуруст аст, ки дар китоби вай Аипа (ин маънӣ дар луғат маънидод нашудааст. С.Н.Б.) Камолоти Ислом гуфта мешавад, ӯ дар хоб дида буд, ки вай Худо аст ва худаш ба ин бовар кард? Ӯ мегӯяд, ки худаш замин ва осмонро офаридааст!

Бо эҳтиёт ман пораи коғазро, ки ҷойҳои зарурииро аз китоб навишта гирифта будам, ба ӯ дароз кардам. Ӯ коғазро гирифт ва тез аз назар гузаронд.

– Аз як тараф, – гуфтам ман Масиҳ-Маод дар бораи худ чун дар бораи Худо сухан мегӯяд; аз тарафи дигар, ӯ равшан тасдиқ мекунад, ки он одаме ки зан таваллуд кард, вале худашро Худо меномад, аз касофат бадтар аст (Нурулқуръон, кисми 2, саҳ. 12).

Ду марди кухнасол ба ҳамдигар нигоҳ карда, яке аз онҳо аз ман пурсид: – Ту ин китобҳоро хондӣ?

– Не, – иқрор шудам ман .

– Пас аз куҷо ин ҳамаро фаҳмиди? Касе ба ту ёрӣ дод?

Якчанд одами ҷавони синну соли ман дар ин ҷо ба бастани тӯпи маҷаллаҳои аҳмадия ёрӣ медоданд. Онҳо бо диққат гуш мекарданд ва ҷавоби маро шунидан мехостанд. Ман дурӯғ нагуфта иқрор шудам, ки ман инро дар китоби „Мирзо Аҳмад ва Қодионӣ: ошкор куни“, ки кашиш дода буд, хондам.

– Ва ту ба китобе, ки масеҳиён доданат бовар мекунӣ?

– Мӯйсафеди дуйум бо қаҳр гуфт:

– Эй ҷавон, агар ту бо ҳамин аҳвол давом диҳӣ, гарданатро мешиканӣ. Ту динатро гум мекунӣ ва мардум аз ту рӯй мегардонад.

Ман ӯро барои огоҳ куниаш раҳмат гуфта, қатъӣ илова кардам. – Ҷаноб, ман мехоҳам ҷавобро аз Мавлавӣ Соҳиб, ки ваъдаи ба ман насиҳат кардан додааст бишнавам; бинобар ин ман дар ин ҷоям. Баъди ин ҳарду мард хунук шуданд.

Мавлоно Абул-Атто қарор дод, ки аз нав ба баҳс баргардад.

– Масъуд, хуб мешуд агар ин порчаҳоеро, ки ба мо додӣ, дар пурра бо матн мехондӣ. Ман ба ту китобҳои дигар медиҳам, вале дар назар дор, ки Мирзо Ғулом худро ҳангоми рӯҳбаланди Худо номидааст. Дар ҳақиқат бошад вай Худо набуд.

Вай дудиламенамуд ва ман пай бурдам, ки вай аз ин зиёд дар ҳузури одамони ҷавон гап задан намехоҳад, то ба дини онҳо зиён нарасад. Ӯ ба ман китобҳоро дод ва ман онҳоро бо дили вазнин гирифта, ҳис намудам, ки ёри маслиҳати фоиданоку лозимиро нагирифтам. Ман ҳис намудам, ки дар дилам норозигӣ пур шуда истодааст, аз он ки калонсолон ба мушкилоти ҳақиқии ман нигоҳ кардан намехоҳанд. Касе аз онҳо ба ман дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ёрӣ додан намехоҳад. Онҳо танҳо як чизро мехостанд; ки ман кӯр-кӯрона ба ҳама гуфтаҳои онҳо ва ба он чи ки дар кӯдакӣ ба ман ёд додан бовар кунам. Китобҳоро гирифта, хайрухуш карда баромада рафтам.

Ман ба омӯхтани китобе, ки Мавлавӣ дода буд, сар намудам. Ман мефаҳмидам, ки оилаам аз ман норизо буд, аммо падарам чизе намегуфт. Шояд ӯ боварӣ дошт, ки чун ман китобҳои аҳмадияро мехонам, ин маро бовар мекунонад, ки ҷустуҷӯро тамом кунам. Ин кори мушкили бенатиҷа буд, вале ман якрав будам ва дар се рӯз ҳамаи ин китобҳоро хонда баромадам. Баъди ин ман боз чанд моҳ онҳоро омӯхтам, то даме,

ки вақти супурдани имтиҳонҳо сар нашуд. Ба норозиши падарам нигоҳ накарда, ман ба коллеҷи ғайридини дохил шуданро қарор додам ва акнун будани соли охирини ман дар ин ҷо ба поён мерасид.

Баъди супурдани имтиҳонҳо рӯзе бегоҳӣ ман ба хабаргирии дӯсти кашишам рафтам, ки одатан барои гузаронидани маъракаҳои динии масеҳиён меомад. Ӯ дар қишлоқи дигар зиндагӣ мекард, ва баъзан барои хондани сухани Худованд ба Рабваҳ меомад. Вақте ки ман ба пеши дӯстам (бошад, маънояш фаҳмида нашуд.С.Н.Б.) ба ҷое, ки онҳо бо оилаҳои худ дар хонаҳои қашоқашон истиқомат мекарданд, гурӯҳи оташинеро дидам. Онҳо гуфтанд, ки чанде аз ҷавонони аҳмадия вақте ки кашиш аз афтобус мефаромад ба ӯ дарафтода, ӯро латукӯб кардаанд ва маҷбур кардаанд, ки ба қишлоқи худ баргардад. Зану марди дар гирди ман истода, бар зидди ман хашм гирифта, дод мезаданд, ки ин ҳама аз майли ман таълимоти, масеҳӣи сар шудааст, ман нанги равияи аҳмадия.

Дар худи ҳамон рӯз падарам ба ташиколоти „Амори – ума“ даъват шуд, ки расман бо назорат аз паси аъзоёни ҷамъият машғул аст. Ин ташкилот ҳуқуқи ҳақони барои назорати ҳаёти аҳмадиёни эътиқодманд дошта, ҳамаи аъзоёни ҷамъоа ба ин бисёр ҷиддӣ муносибат мекунад. Сӯҳбати онҳо бо падарам кӯтоҳ буд.

– Писари Шумо аз ҳама гуна ҳад мегузарад, – гуфтанд ба ӯ, вай хеле чуқур ба ҷустуҷӯйҳои зидди Аҳмадии худ фурӯ рафтааст ва ба ин дигар муросо кардан мумкин нест. Шумо бояд ба вай гӯед, ки агар вай амали худро бас накунад, ин оқибати бад дорад.

Падарам ба ғазаб омада буд. Он бегоҳ ӯ бо қаҳр ба ман гуфт, ки „дӯсти кашиши ман“ дигар ба Рабваҳ барои гузаронидани маъракаҳои динии фаррошон намеояд. Ман хостам ба ин норозигӣ баён кунам, аммо ӯ хашмгинона хандида гуфт, ки „Онҳо дастони ба қадри зарури дарозе доранд, ки ҳар хел одамони аз роҳ барояндаро решакан кунанд“. Ман сардии тарсро ҳис намудам, вале шердилона гуфтам:

– Падар, ҳатто мусулмонон моро бутпараст меноманд. Онҳо мегӯянд, ки аз роҳбаромадаҳо ин мо мебошем. Мо масҷидҳои чудогонаи худро сохта, бо мусулмонони дигар муносибат надорем. Магар ин аҷиб нест, ки мо сураҳои равшани Қуръон ва Ҳадисро гирифта, ки аз қадим барои мо дода шудаанд, ба мақсади дигаргун карда истифода мебарем? Қуръон меомӯзад..., ки Исои пайғамбар ба малакут осмон рафт, мо бошем исбот мекунем, ки вай дар Кашмир мурда, ҳоло ҳам мазори ӯро дидан мумкин аст. Расман мо эътиқодмандем, ки Муҳаммад (с) пайғамбари охирон аст, вале имрӯз инро қайд мекунем, ки ҳазрати Масеҳ-Маод (Мирзо Ғуломи Аҳмад) аз Муҳаммад боло аст.

Аз як тараф мо ба мусулмонон мегӯем, ки Ғулом Аҳмад Маҳдӣ пешвои бузургест, ки мо чандсад сол омаданашро интизор будем ва бо

ин роҳ диққати онҳоро ба худ ҷалб кардан мехоҳем. Аз тарафи дигар ба масеҳиён мегӯем, ки Ғулом Аҳмад ин омадани дуйуми Масеҳ мебошад. Мо ҳатто ба ҳиндуҳо мегӯем, ки Ғулом Аҳмад ин Кришнаи онҳо аст, ки онҳо интизораш ҳастанд. Мо пеш бо мусулмонони дигар, таълимоти ягона ва илҳому рӯъё, биниш ва пешомадгуи ягона доштем, акнун дар бораи ҳамаи ин фаҳмиши худро дорем, то он чиро маънидод кунем ки ҳеҷ гоҳ равшан намешавад!

Падар ин ҳама чӣ маънӣ дорад? Ман фаҳмида натавонистам, аммо донистан мехоҳам, ман бояд ин ҳақиқатро донам!

Ранги падарам чун хишти пухта сурх шуд; ӯ парида хест, ки ҳама китобҳои маро аз рӯи миз ба замин партояд, вале Қуръонро миёни онҳо дида, ин корро накард ва ба ҷои он маро дошта , додгӯён сарамро ба девор зада мегуфт: – Ту махлуқи ифлоси нопок! Ман имрӯз туро мекушам! Худам туро ба ҷаҳаннам мефиристам!

Дардро ҳис карда, худамро халос карда, ба тарафи дар давидам. Ман ба кӯча давидам, вале ӯ ба ман расида гирифт. Пеш аз он ки ман гурехта тавонам, ӯ аз гулӯям дошта, бо тамоми қувваташ буғӣ мекард. Ман хостам дод занам, худамро халос кунам, аммо ӯ маро сахт дошта буд. Ман ҳис кардам, ки чашмонам аз косахонааш баромада истодаанд ва пеши онҳо оташакҳои сурх пайдо мешуданд. Ман шунидам, ки хоҳарам Ҷамила чӣ қадар баланд дод зада истодааст, шояд мардум овози ӯро шунида, ин ҳама воқеъаро диданд. Онҳо ба сӯи ман давиданд, ки аз чанголи падарам халос кунанд. Ман ҳис кардам, ки ҳалқаи танги оҳанин суст шуд, кӯшиши гап задан кардам, вале аз гулуям танҳо овози ногаҳмо садо медод. Пайвандҳои овозӣ зарар дида буданд. Одамон маро ба масҷиди наздиктарин бурданд. Ман пойлуч ва аз хунуки ларзон дар долон менишастам. Баъди чанде сардори ҷамъияти мо омада, маро ба гап медаровард, то ки бо падарам оштӣ намуда дарсҳоро бас кунам. Мардуми дар атроф истода ҳам чунин мегуфтанд. Ман фикр кардам, ки агар ин ҳама барои дарсомӯзии ман бошад, онҳо ба ин намеарзанд, вале ба онҳо инро нагуфтам. Ман умуман чизе гуфтан намехостам. Гулӯям сахт дард мекард ва чанд вақт наметавонистам батартиб сухан гӯям.

Оқибат, маро ба хона бурданд, вале чун аён гардид, падарам тамоман фикри маро ба хона роҳ доданро надошт. Танҳо баъди он ки ман бахшиш пурсида, ваъда додам, ки ҷустуҷӯйҳои худро бас мекунам, ӯ бо дили нохоҳам маро ба хона роҳ дод. Гарчанде ман дар сухан ба шартҳои ӯ розӣ шудам, дар дилам ковокӣ ва танҳои буд. Ман чунон ҳиссиёти доштам, гуе касе маро фурӯхта бошад.

Баъди чанд рӯз [1]мавлуди масеҳии 25 декабри соли 1968 буд. Дар ин рӯз ман аз нав бо дӯстам Аҳмад вохӯрдам. Ӯ бо қаътият гуфт, ки ба

[1] мавлуди масеҳии 25 декабр – рождество

хонаи онҳо равам. Дар роҳ ӯ бо шӯхӣ пурсид, ки ман дар он рӯз оё тӯҳфа гирифтам. Гап дар он аст, ки дар ин рӯз покистониён рӯзи таваллуди асосгузори давлати мо Муҳаммад Алии Ҷипоҳро ҷашн мегиранд. Вақте ки мо омадем, падари Аҳмад дар хона буд, вале чӣ хеле ки ман пай бурдам, корнамоиҳои ман ба муносибатҳои гарми пешина таъсир карда буданд, бинобар ин ӯ узр пурсида баромада рафт. Мо дар хона танҳо будем, модараш ба [1]Равалпиндӣ ба назди духтараш, ки фарзанд зоида буд, рафта буд. Аҳмад ҳам мисли дигарон насиҳат мекард:

– Масъуд гарданшахиро бас кун. Ин оқибати хуб надорад.

– Аҳмад, ман танҳо ба саволҳоям ҷавоби аниқ пайдо кардан мехоҳам. Барои ман дуруғ даркор нест. Ман ҳақиқатро мехоҳам ва то хато мекунанд!

Якравии ман ба Аҳмад дарднок расид. Бори аввал дар ҳаёташ ба сари ман дод зад:

– Бас кун инро, Масъуд, магар ту ба калонсолон тамоми эҳтиромро аз даст додай? Ташаккур ба он гӯй, ки ту дӯсти манӣ, вагарна туро мезадам!

Ман аз он пушаймонам, ки дӯстамро хафа кардам.

– Аҳмад маро бубахш, мо бояд бо якдигар рафтори дағалона надошта бошем. Ба эҳтироми дӯстии мо, дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ба ман ёрӣ деҳ. Аммо Аҳмад иҷро кардани хоҳиши маро намехост.

– Ту ба падарат ваъда додӣ, ки ин ҳамаро бас мекунӣ, магар чунин набуд? – Албатта ин ҳақиқат аст, розӣ шудам ман – Маро маҷбур карданд, ки ин хел гӯям. Ман ба ин ихтиёран розӣ нашудам ва ин ваъда пеши роҳи маро намегирад. Акнун ҷустуҷӯҳои ман пинҳонӣ мешаванд ва мехоҳам, ки ту ба ман ёрӣ диҳӣ.

Аҳмад ба назарам тарсидагӣ намуд. Вай медонист, ки агар ёрии ӯ ба ман ошкор шавад, ба сараш чӣ балое меояд.

– Ман ба ту ёрӣ расонда наметавонам, гарчанде ту дӯсти ман ҳастӣ, лекин дин бароям муҳимтар мебошад. Ман намегузорам, ки бар зидди динни мо чизе гӯе. Илова бар ин ҳар чиз, ки ту мегӯӣ, ба исбот мӯҳтоҷ аст.

Ман аз тарсон буданаш ғамгин будам.

– Ба ман қаламу коғаз деҳ! —талаб кардам ман, вай коғаз гирифт. Ман аз кисаам рӯйхати саволҳоро бароварда, дар қоғаз навиштам: „Ғулом Аҳмад меомӯзад, ки Масеҳ мурда, дар Кашмир ба хок супурда шудааст“.

– Аҳмад акнун бубин: Мо мусулмонон боварӣ дорем, ки пайғамбари мо хато карда наметавонад, вале нигар, ки чӣ гуна хатое Ғулом Аҳмад вобаста ба ин мекунад. Ман қаламро гирифтаму навиштам:

[1] Равалпиндӣ – номи махала

1. Аз мурдан дар салиб халос шуда, Исо ба Кашмир омад, онҷо 80 сол зиндагӣ карда, дар синни 120 солагӣ вафот кард. Аммо дар китоби чанде пеш аз ин навиштааш Азала-авҳом, Ғулом Аҳмад тахмин мекунад, ки Исо дар Фаластин вафот кард.(саҳ.473).

2. Дар китоби Таблаи Рисолат, ҷилди 8, умри Масеҳро 125 сол нишон додааст.

3. Дар китоби Тазкиратул шаҳодатин навишта шудааст, ки Исо, писари Марям, баъди таслиб шуданаш 120 сол зиндагӣ кард".

– Мирзо Ғулом Аҳмад ин се тасдиқи тамоман гуногунро менависад. Ба кадомаш мо бояд бовар кунем? Ки Худо хато мекунад? Ё Ғулом Аҳмад? Вале чизи аз ин ҳам шавқовартар ҳаст, Аҳмад. Исо ҳамаги севу ним сол дар Байтулмуқаддас, дар Яҳудо ва Самария сухан мегуфт ва муҷизот нишон медод. Китоби таърих дар ин бора бисёр ишораҳо доранд, шоҳидҳо дар бораи зиндагӣ ва ибодати вай то замони мо расида омадаанд.

Ба ту аҷоиб наменамояд, ки бо вуҷуди он ки ба ақидаи вай Исо дар Кашмир аз 80 то 120 сол зиндагӣ карда, сухан гуфт ва барои чӣ ин ҷо шогирдон ва пайравонашро нагузоштааст? Тадқиқотҳо нишон доданд, ки қабри Исо меномиданд, умуман аз ӯ набуда, аз шоҳзода Азефа аст! Ту дар ин бора чӣ андеша дорӣ, Аҳмад? Ин хеле ҳайратовар мебошад!

Ман хомӯш мондам. Аҳмад бо фикр назар андохт.

– Масъуд, – гуфт вай ман китобҳоеро мебинам, ки дар ин бора менависанд, вале дар ин ҷо вай китобҳо нестанд. Ман онҳоро бояд аз китобхона гирам.

Мо боз хеле сӯҳбат кардем, то вақте, ки падари вай омад, баъд ман хайрухуш намуда рафтам. Ман то ҳоло афсӯс мехӯрам, ки Аҳмад ваъдаашро иҷро накард, яъне ҳамон китобҳоро барои ман наовард.

# 6

# Ман мавқеи худро ҳимоят мекунам

Дар моҳи сентябри соли 1969 воқеаҳое рӯй доданд, ки ман маҷбур шудам, бо тамоми овоз фикри худро баён кунам. Ман ба гузашта назар андохта, Худоро шукр менамоям, ки он вақт ман ҳанӯз ба чӣ анҷом ёфтани инро намедонистам, вагарна мумкин буд, ки ман ин корро намекардам.

Ҳамаи ин баъд аз фурӯ рафтани офтоб, баъди охирин намози рӯзона дар масҷиди Рабваҳ рӯй дод. Баъд аз намоз маҷлис баргузор шуд, ки ба ҳаёти Муҳаммади пайғамбар (с) бахшида шуд. Дар масҷид ҳанӯз одамони бисёре монда буданд ва миёни онҳо аз ҷумла , чанд ҷавононе буданд, ки бо ҷангарагиашон овозадор шуда буданд. Ман медонистам, ки онҳо танҳо аз зикиашон ба инҷо омаданд. Гоҳо ҳис мекардам, ки онҳо ба ман нигоҳ карда, миш-миш мекунанд.

Чун маҷлис кушода шуд, одамони гуногун, ҷавону пир бо навбат ба пеш баромада, сухан мегуфтанд. Сухангӯи охирин суннимазҳабе буд, ки пайрави яке аз ду шохаи калонтарини ислом буда дертар ба равияи аҳмадия гузашта буд. Баромади ӯ таъсири муайяне гузошт. Ӯро шинос намуданд, ва ӯ сухани худро сар кард:

– Мо имрӯз ҳаёти Муҳаммадро (с) аз чанд нуқтаи назар дида баромадем. Ман мехостам, сухани худро ба он бахшам, ки Таврот ва Инҷил дар бораи ӯ чӣ мегӯянд.

Ман қоматамро хеле шавқмандона рост намудам. Барои ман бисёр ҷалбкунанда буд, ки вай чӣ мегӯяд. То ҷое, ки ман аз тадқиқоти худам медонистам, Инҷил ягон калимае дар бораи Муҳаммад (с) нагуфтааст! Ӯ дар дасташ Китоби Муқаддас дошт, вай боби 18-уми Такрори Шариатро кушода, сар кард:

– Худо ба Ҳазрати Мӯсо гуфт, ки пайғамбареро аз атрофиёни вай мебарорад. Дар ин ҷо навишта шудааст: „Ман барои онҳо аз миёни бародарони онҳо ба майдон хоҳам овард, ва суханони Худро ба даҳони Вай хоҳам гузошт, ва ҳар он чи ба Вай амр фармоям, ба онҳо хоҳад гуфт“ (Такрори Шариат 18:18). Ин пайғамбар Муҳаммад аст, бигузор сулҳу осоиш бо ӯ бошад, – ҷасурона гуфт вай – ва аниқ дар бораи вай ин пешгуӣ гуфта шуда, Муҳаммад, авлоди Исмоил ва Исмоил бародари Исҳоқ мебошад.

Ман мешунидам, вале бовар намекардам; ҳамаӣ ин барои ман нодуруст менамуд. Сухангӯ давом дод:

– Ҳам Мӯсо ва Муҳаммад (с) дар миёни бутпарастон таваллуд шудаанд. Ҳам ину ҳам он, дар аввал миёни авлоди худ эътибор надоштанд ва дертар фаҳмиданд, ки онҳо пайғамбарони ҳақиқи мебошанд. Ҳар ду аз ватани худ берун рафтанд карданд ва ҳар ду бо бутпарастон мубориза бурданд. Онҳо ба олам омаданд, то ки қонуни Худоро ба ӯ диҳанд. Ӯ Китоби Муқаддасро варақ гардонида Аҳди Ҷадидро кушод.

– Ҳазрати Исо низ дар бораи Муҳаммад (с) пешгӯӣ кардааст.

Баъд Инҷили Юҳанноро кушода, сураи 16-ро аз боби 14 хонд:

„Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимобад“.

Чӣ хеле, ки ман медонам, масеҳиён ин суханонро ба Рӯҳи Муқаддас таалуқ медиҳанд, аммо шарҳдиҳии сухангӯ байни мусулмонон хеле машҳур аст. Ӯ суханашро давом дод:

– Ҳамчунин дар сураҳои 25 ва 26 боби мазкур навишта шудааст:

„Ин суханонро ба шумо гуфтам, вақте ки бо шумо будам. Лекин Пуштибон, яъне Рӯҳулқудс, ки Падар Ӯро ба исми Ман хоҳад фиристод, ҳама чизро ба шумо таълим хоҳад дод ва ҳар чиро, ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо хоҳад овард“.

Дар сураи 26 боби 15 Исо мегӯяд: „Лекин чун Пуштибон, ки Ӯро аз ҷониби Падар назди шумо мефиристам, биёяд, яъне Рӯҳи ростӣ, ки аз Падар содир мегардад, Ӯ бар Ман шаҳодат хоҳад дод“. Аён буд, ки сухангӯ исбот кардан мехост, ки Рӯҳи Муқаддас ин Муҳаммад (с)мебошад! Ӯ хондани сураи 16-и боби Инҷили Юҳанноро давом медод. Ӯ гумон мекард ки далелҳои қатъи меовард; Ва дар дили ман ғазаб нисбати чунин муносибат бо Инҷил шӯъла мезад.

Ман ба хотир овардам, ки вақте ба падарам гуфтам, ки аҳмадиён бевиҷдонона рафтор карда Инҷилро ба фоидаи мақсадҳои худ истифода мебаранд, ӯ сахт ба қаҳр омада буд. Барои ҳамин ман қарор додам, ки давомашро гӯш диҳам.

– Мехостам, ба шумо бародарон бори дигар хотиррасон намоям, ки ҳама ин пешгӯиҳо дар Муҳаммад (с) пайғамбар зоҳир шудаанд, бигузор сулҳу амонӣ насибаш бошад. Муҳаммад (с) касест, ки ҳама инро ба хотири мо расонидаанд. Ӯ дар Қуръон ҳақиқатро дар бораи Исо, ҳает ва фаъолияти ӯ, дар бораи он ки ӯро Марями [1]бокира

зоидааст, хотиррасон мекунад ва ба мо аз воқеияти ҳақиқии масеҳиён ва яҳудиён ёдовар мешавад. Вай муҳимтарин пешгӯиҳоро аз Одам то замони мо овард, моро ба ҳақиқат расонид, қонуни беҳтаринро дастраси мо гардонид, ки аз рӯи он мо зиндагӣ карда истодаем.

[1] Бокира – дева

Агар ӯ дар инҷо қарор мекард ҳаминаш кофӣ буд, вале вай давом дода гуфт, ки на танҳо пешгӯий пайғамбарона оиди Муҳаммад (с), балки дар бораи Мирзо Ғулом Аҳмад низ, ки асосгузори равияи аҳмадия мебошад, ҳам амали шуданд. Ӯ айнан чунин гуфт:

– Омадани дуйуми Исо дар симои Мирзо Ғулом Аҳмад рӯӣ дод.Вай Маҳдӣ-Маод, пешвои бузург ва Масиҳ – маоди – ваъдашуда аст. Ӯ ҳақиқати ҳама пайғамбарон аст, ӯ барои мо дар ин рӯзҳои охир бо сулҳу амнияти абади фиристода шудааст! Инро гуфта, вай ба ҷояш нишаст.

Ин ҳама дурӯғи ҳаяҷоноварро шунида, ман дар рагҳоям фишори вазнини хунро ҳис намудам. „Ин чӣ сафсата аст“ – гуфтам ба худам ва якбора дилам аз хурсандие равшан шуд, чунки ман ба ин суханҳо бовар накардам. Ҳис намудам, ки ким кадом қуввае дар дарунам, маро ба гуфтан маҷбур мекунад. „Масъуд, бархез. Вақти он аст, ки ҳақиқатеро, ки медонӣ бигӯӣ! Ба ҳама гӯй вагарна сару дили ту ба ин тоқат намекунад! Ин овоз тамоман ҳаққонӣ садо медод; нохост аз ким-куҷои дур, чун дар хоб шунидам, ки баранда мегуфт:

– Боз ягон нафари дигар хоҳиши сухан гуфтан дорад?

Гӯё инро шахсан ба ман гуфтанд! Вақте ки ӯ ин суханҳоро мегуфт, тӯдаи мардум як навъ оҳанги норозигӣ изҳор карданд ва рухсораи вай чунин вонамуда шуд, ки гӯё ӯ сухани номувофиқе гуфта бошад. Вале ман аллакай аз ҷоям хеста будам. Дар дилам, вуҷудам чунин ҳиссиёте бедор шуд, ки гӯё ҳамон „кимкӣ“ дар ман сухан гуфтанӣ шуда, маро аз дастам гирифта, ба по рост монд. Ман оромона ба ҷое, ки сухангӯён сухан мегуфтанд рафтам, аз сухангӯе, ки пештар сухан карда буд, Китоби Муқаддасро хоҳиш намудам ӯ меҳрубонона китобро ба ман дод.

Ман нигоҳи ҳамаи гирдомадагонро ҳис намудам, на он қадар дуртар аз ман раис меистод. Шунавандагонро як бор аз назар гузаронида, суханамро сар кардам. Дар ин вақт маро кадом як қувваи дарунӣ идора мекард, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки ба воситаи ман он рӯз чиҳо гуфта буд.

– Шунавандагони мӯҳтарам! Ҳар рӯз мо бо чизи наве рӯ ба рӯ мешавем, ягон чизи навро мефаҳмем. Шояд имрӯз шумо чизи наве барои худ мешунавед. Навакак шумо ҷноберо шунидед, ки ба Китоби Муқаддас эътиқод доштанашро баён намуд, аз ину он далелҳо овард ки Китоби Муқаддас дигаргуни нашудааст, бо вуҷуди он, ки мусулмонон ва пайравони аҳмадия мегӯянд, ки он дигаргун шудааст.

Ман хомӯш шуда, Китоби Муқаддасро ки дар дастам буд аз назар гузарондам. Ман мефаҳмидам, он чи ки ман гуфта истодаам ба онҳо маъқул намешавад. Медонистам, ки ба фикри онҳо ҳуқуқи гуфтани ин суханҳоро рӯирост надорам. Аммо ман суханамро давом додам:

– Ман бояд аз ин ҷаноб пурсам: Агар гуфти ин мард, дуруст бошад, ки Такрори Шариати 18:18 маҳз дар бораи Муҳаммад (с) бошад, пас чаро одамоне, ки дар замони Масеҳ зиндагӣ мекарданд, ба Исо чун таҷассуми ин пешгуиҳои пайғамбари ишора мекарданд? Инҷили Юҳанно, 1:45 равшан мегӯяд: „Филиппус Натанъил ба вай ёфта гуфт: мо Он касеро, ки Мусо дар бораи Ӯ дар Таврот навиштааст, ва анбиё зикр кардаанд, ёфтаем, ки Исо, писари Юсуф, аз Носира аст“. Одамони асри Исо мӯъҷизоти вайро дида, мегуфтанд: „Ин ҳақиқатан Он Пайғамбар аст, ки бояд ба ҷаҳои биёяд“ (Инҷили Юҳанно 6:14). Ва дар Аъмоли Ҳавворийён Стефану ва Павлус дар бораи Масеҳ сухан ронда, ба ин пешгӯӣ ишора мекунад. Исо дар бораи худаш чунин мегӯяд: „Зеро ки агар шумо ба Мусо имон медоштед, ба Ман ҳам имон меовардед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст“ (Юҳанно 5:46).

Ман нигоҳи душманонаи гушкунандагонро медидам, вале ҳиссиёти дарунии ман хеле пурқувват буд.

– Акнун мегузарем ба монандии эҳтимолии байни Мӯсо ва Муҳаммад. Ба мо аз баъзе далелҳо хабар доданд, аммо давомашро нагуфтанд. Масалан дар замони Мӯсо шоҳи Миср кудакони навзоди яҳудиро мекушт, оё ин дар замони Муҳаммад ҳам буд? Не набуд. Мӯсо бо Худо гуфтугӯ мекард, аз ин ҷиҳат ба ӯ номи Калимуллоҳ, яъне касе, ки бо Худо гуфтугӯ мекунад, доданд (сураи 19,саҳ.52, сураи 4, саҳ. 164). Бародарон, Қуръон мегӯяд, ки Муҳаммад ахборро аз Худо ба воситаи Ҷабраил мегирифт. Ҳамчунин Мӯсопайғамбар мӯъҷизаҳо мекард, вале Муҳаммад пайғамбар намекард. Ва ман метавонам гӯям, ки ҳар касе ки тасдиқ кунад, Муҳаммад мӯъҷизаҳо мекард, ин маъниеро дорад, ки Қуръон дурӯғ мегӯяд! Чун ки дар Қуръон оиди мӯъҷизаҳои Муҳаммад (с) чизе хотиррасон нашудааст?

Акнун ба Инҷили Юҳанно, ки чанде пеш ба мо бо далелҳо исбот карданд, ки Муҳаммад Рӯҳи Муқаддаси ба Мӯсо ваъдашуда буд, бармегардем. Ин ҳақиқат аст, ки дар китобҳои мо Мирзо Ғуломи Аҳмад худаш худро чун Рӯҳи Муқаддас нишон медиҳад. Ва дар ҳамин ҷо мо зиддиятро мебинем. Ин тавр ки бошад дар асл ин сураи Инҷили Юҳанно (14:16) чӣ маънӣ дорад? Ин „Пуштобони дигар“ кӣ аст?

Якум, чӣ гуна мо метавонем ин сурaро қабул кунем, дар сурате, ки равшан ба Худо чун ба Падар такя карда мешавад? Мо муқобили қонуни Худо миёли Падар мебошем, пас ин сураро мо умуман чӣ тавр қабул карда метавонем?

Дуюм, аҳамияти ҳақиқи, ин тасдиқи Исо дарчи? Равшан аст, ки Вай то чӣ андозае шахсияти муҳим мебошад, ки вақте ки Вай аз Падар мепурсад, Худованд ба ҷавоби хоҳиши Вай Рӯҳи Муқаддасро медиҳад. Мо мусулмонон тасдиқ мекунем, ки Муҳаммад-пайғамбар аз Исо ҷои болотар дорад, вале Муҳаммад чунин дуо хондан метавонист? Исо

ошкоро мегӯяд: „Агар ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам“. Ин гуфторро мо дар Инҷили Юҳанно 16:7 меёбем.

Ман боз якчанд саҳифаи Инҷилро варақ гардонидам, боварӣ доштам,ки Худо ба ман нишон медиҳад, ки кадом ҷойҳои Китоби Муқаддасро бояд хонда диҳам!

– Дертар дар Инҷили Юҳанно 16:14 гуфта мешавад, ки „Рӯҳи Муқаддас меояд ва то абад бо шумо мемонад“. Бе шубҳа ин калимаҳо маънии ҳақиқии онро доранд, ки Рӯҳи Муқаддас абадан бо мо зиндагӣ мекунад? Оё ин ба Муҳаммад таалуқ дошта метавонад? Ӯ дар олами гуноҳҳо 62 сол зиндагӣ кард! Оё касе гуфта метавонад, ки 62 сол маънии абадиро дошта бошад?

Мардуми саҳни масҷид ба ҳамдигар нигоҳ карда монданд. Ман фикри онҳоро дар бораи худам медонистам. Дар чеҳраи баъзеҳо бадбинии ошкороро дидам, вале дигарон парешону беқарор буданд. Вале ман боумед будам, ки ягон касе оиди гуфтаҳоям андеша мекунад ва давом додам:

– Марҳамат карда, ба Инҷили Юҳанно 16:13 диққат кунед, ки дар бораи Рӯҳи Муқаддас мегӯяд, ки Вай „на аз номи худаш сухан мегӯяд, аммо чизи шунидаашро мегӯяд“. Эҳтимол, инро ба Муҳаммад (с) нисбат додан мумкин бошад, зеро ӯ дар ҳақиқат мегуфт, ки он чӣ аз боло мешунавид, вале бо ин сура чӣ метавон кард? „Ӯ маро машҳур мекунад, зеро аз ман мегираду шуморо огоҳ мекунад“.

– Бародарон, Қуръон шаҳодат медиҳад, ки Рӯҳ аз Худованд ба воситаи Ҷабраил мефарояд. Ҳозир бошад, аҳмадиён бовар мекунанд, ки Рӯҳи Муқаддас ин Муҳаммад аст, яъне ин гуфтаи Исо ба ӯ дахл дорад: „ ... аз худ намегӯяд ... ӯ маро машҳур мекунад, зеро аз ман мегирад...“. Агар чунин бошад, мо натиҷа гирем, ки Худо Масеҳ мебошад, ё Масеҳ Худо аст. Вале барои мо қабул кардани ин тамоман мумкин неаст! Мусулмонон чунин фикр дошта наметавонанд! Аммо агар Масеҳ Худо набошад, чӣ гуна метавонад Рӯҳи Муқаддас ин Муҳаммад шавад? Агар мо қабул кунем, ки Рӯҳи Муқаддас ин Муҳаммад аст, бояд бовар кунем, ки Қуръонро ба Муҳаммад Масеҳ додааст, яъне Масеҳ Худо аст!

Мумкин аст, ки шумо ҳоло фикри худро дигар накардаед. Пас биёед мебинем, ки дар бораи Рӯҳи Муқаддас дар аъмоли ҳавориён чи гуфта мешавад. Яке аз шогирдони Исо Петрус се бор аз Вай рӯй гардонд, аммо чун қудрати Рӯҳи Муқаддас ба ӯ фуромад, ӯ тавонист, ки ба гурӯҳи калони мардум муроҷиат кунад: „Мардони Исроил! Ба ин суханон гӯш диҳед: Исои Носирӣ Марде буд, ки назди шумо аз ҷониби Худо бо қувваҳо ва мӯъҷизот ва аломате ки Худо дар миёни шумо ба василаи Ӯ содир кард, ва субут расид, чунон ки худатон низ медонед. Ӯро, ки

аз рӯи маслиҳати муайян ва огоҳии пешакии Худо таслим карда шуд, шумо бо дасти бадкирдорон бар салиб мехкӯб карда, куштед. ... яқинан бидонеед, ки Худо Ҳамин Исоро, ки шумо маслуб кардед, Худованд ва Масеҳ гардондааст“. (Аъмол 2: 22–23,36).

Ман дар ҳайрат будам, ки бо кадом ҷасорат ин суханони шӯълаварро гуфта истодаам. Китобро ки чанде пешазон хонда будам дар даст дошта, равшан аз иштироки Худоро дар масҷид ҳис намудам. Ҳа, албатта ин бегоҳ Ӯ дар масҷид буд. Ман лаҳзае нафаскаширо бас намудам. Боз кадом калимаҳои дигарро баъд аз суханони Петрус гуфтан лозим? Ҳис кардам, ки дар охир бояд чунин гӯям: „Бародарон, чаро мо бояд таълимотҳои дурӯғро гӯш кунем ва баҳсҳое ташкил намоем, ки ба ҳақиқат намебаранд?“

Агар ман ҳамин ҷо тамом мекардам, бовари дорам, ки хуб мешуд, аммо суханамро давом додам. Ман худамро бузург ҳис мекардам, дилам бо ифтихор аз он лабрез буд, ки Худо бо ман буд. Ҷавонӣ ва бетаҷрибагӣ буд, ки ман ба тасдиқ намудани он дарафтодам, ки Ғулом Аҳмад Масеҳ ё Худо буд?

– Ҳақиқате, ки мо ба он боварӣ дорем, чӣ гуна аст? Ман таълимотеро дар бораи он шунидам, ки асосгузори равияи мо Мирзо Ғулом Аҳмад чун Масеҳ омада буд. Агар дар ҳақиқат чунин бошад, ҷанобон аз шумо пурсидан мехоҳам, ки ҳама он нишонаҳое, ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, чӣ шуд? Шогирдони Исо пешгӯӣ мекарданд, ки вақте ки Исо меояд, осмон ба садо медароянд, қувваҳои табиат сӯхта набуд мешаванд“. Дар ҷои дигар сабт шудааст: „Ин ҳама, меояд бо абрҳо ва онро мебинад, ҳар чашм“. Мо ҳама хуб медонем, ки дар рӯи замин одамони каме Мирзо Ғулом Аҳмадро медонанд. Агар ба таълимоти аҳмадия бовар кунем, ӯ то рӯзи маргаш бояд ҳама масеҳиёнро мусулмон мекард! Магар ин амалӣ шудааст?

Ман аз нав савол дода пурсидам: мо бояд ба кадом ҳақиқат бовар кунем?

Дар тамоми баданам мурғак дамид. Вуҷудамро ҳисси тарс фаро гирифт, овози дохилиам мегуфт: „Бас кун, Масъуд! Ба ҷоят шин!“

Пойҳоям меларзиданд. Вале ҳанӯз ҳам чизе гуфтан мехостам. Чун аз даруни туман дидам, ки падарам ба сӯи ман меомад. Тӯдаи одамон ба ҳаракат даромада буданд. Бо зарбаи мушт падарам маро аз по афтонд, мардум ба ман даст бардоштанд, ҳар кас мекӯшид, ки бо по ё дасташ маро занад. Хушбахтона чашмонамро торики пушонд ва ман беҳуш шудам.

# 7
# Гурез

Ман дар хуҷраи бемористони маҳаллӣ ба худ омадам. Сарам чарх мезад, ба атроф назар карда, худро ҳамроҳи дигар беморон дидам ва фаҳмидам, ки дар хуҷраи умумӣ будаам. Хостам, ки каме боло шавам, вале ҷунбида натавонистам. Аз берун садои ҳаракатро дар роҳи асосӣ мешунидам. Худро чун кӯдаки навзоди суст ҳис мекардам.

Хоҳари шафқат бо сӯзандору даромаду ягон сухан нагуфта ба ман дору гузаронд, баъди муддате гӯё ман дар ҳаво парвоз мекардам. Баъд маро хоб бурдааст, зеро чун рӯзи дигар чашм кушодам, назди бистарам Аҳмадро ҳамроҳи ду ҷавон дидам. Ман кӯшиш кардам, ки ба Аҳмад табассум кунам, аммо аз сустии вуҷудам ва чарх задани сарам натавонистам. Яке аз ҷавонон баланд хандида гуфт:

– Ана якравӣ, ӯро ба куҷо овард! Минбаъд чунин нотарс намешавад. Ҷавони дуйум сар ҷунбонда илова намуд:

– Ӯ дар ҳақиқат ҳам марди бузург аст, ду рӯз гузашту ҳанӯз зинда мебошад, гарчанде дар ҷойгоҳам баста шуда бошад.

Аз ин суханон ман фаҳмидам, ки се рӯз боз дар ин ҷо будаам. Аҳмад бо ишора хоҳиш намуд, ки онҳо берун бароянд, ӯ ба курсии назди ҷойгоҳ нишаста гуфт: – Масъуд, ту чаро ояндаи худро барбод медиҳӣ? Рафторҳои девонагии ту на танҳо ба худат, балки ба дигар хешу таборат низ зарар мерасонанд. Дар бораи онҳо фикр кун, Масъуд. Ҳоло дер нашудааст, ки ба ҳамаи ин нуқта гузорӣ. Ту метавонӣ гуноҳатро ба гардан гирифта, ба роҳи дурусти ҳаёт баргардӣ. Агар чунин рафтор кунӣ ҳамааш хуб мешавад.

Чун ин суханони ӯро шунидам ман зиқ шудам, ва муҳаббаташро нисбати худам фаҳмидам. Ӯ ба ман ёрӣ дод то андаке нимхез шуда, дар ҷоям нишинам. Бо чашмони гиряолуд аз ӯ пурсидам:

– Аҳмад, ту ҳам маро дурӯғгӯй меҳисобӣ? Чаро ҳамаи шумо маро душман ҳисоб мекунед? Ман намефаҳмам, ки ман чӣ гуноҳ дорам! Ман ҳис кардам, ки шахсе да дили ман талаб мекард, ки ҳамаи инро гӯям, мефаҳмӣ? – Аҳмад сарзанишомезона қавоқашро гирифта, гуфт:

– Масъуд, ту дар ҳақиқат дурӯгӯй ҳастӣ. Ин ким-ки ҷисму хун

дорад ва ту инро медонӣ! Касе ба ту гуфтани ин ҳамаро ёд додааст, магар чунин нест?

Ман медонам, ки ба ин ҳама нигоҳ накарда, ӯ барои ман ғам мехӯрад. Аён буд, ки ба ман боварӣ надорад ва сахт асабӣ мебошад. Ман хостам боз ба ӯ фаҳмонам.

– Аҳмад, мефаҳмӣ вақте ки ман дар масҷид ба садои даруниам гӯш медода гап мезадам, ҳама хомӯшона гӯш мекарданд, касе калимае нагуфт, ту худат будӣ – ку? Лекин вақте, ки ман аз номи худ гуфтан гирифтам, ман нобуд шудам! Онҳо маро заданд. Ман ороми ва боквариро дар ин фикрҳо аз даст додам ва маро онҳо задан гирифтанд, Аҳмад.

Ман бо умед ба ӯ нигоҳ кардам. Фикр кардам, ки ин дафъа ӯ маро мефаҳмад. Вале вай бо қаҳр аз ҷой парида хест:

– Акнун мебинам, ту дар ҳақиқат девонаӣ! Духтур ҳақ аст, туро бояд ба табобатхонаи касалиҳои рӯҳӣ хобонанд.

Вай бехайрухуш баромада рафт. Ман аз намоишкорона рафтани вай зиқ шудам, аммо бештар аз суханони дар бораи духтур хавотир шудам. Шояд табобати маро чун бемори рӯҳӣ аллакай сар карда бошанд? Аз тарс барои ояндаам гиря кардам, наб хеле дар ҳаяҷон будам ҳатто барои он ки дуо кунам.

Баъди чанде хоҳари шафқат даромад, то тапиши диламро санҷад, ба дар, рӯяшро гардонида нигоҳ кард, ки касе набинад, оҳиста ва шунаво карда гуфт: – Эҳтиёткор бош! Дар ин ҷо ягон чиз нахӯр! Соати сеи шаб ба ҳоҷатхона рав, он ҷо либоси худро меёбӣ, бипӯшу гурез, ин ҷо дигар намон!

Ӯ инро гуфту баромада рафт, ман нафас накашида мехобидам. Ман зуд гуфтаҳои Аҳмадро фаромӯш кардам. Бо ман чӣ мешавад? Ин зан чиҳо гуфт? Ман дарров Худоро ба ёрӣ даъват намудам. Дар ин рӯз вақт хеле суст ҳаракат мекард!

Ин духтар кӣ бошад? Хоҳари шафқат? Дар бистар хобида, дар бораи суханҳои ӯ фикр мекардам ва ба хулосае омадам, ки вай рост мегӯяд. Аз ин андеша дили ман фишор хӯрд. Аз куҷо Ӯ медонад?. Бояд ӯро Худо фиристода бошад. Ӯ фариштаи худро фиристод, то ки маро раҳо намояд!

Бегоҳӣ ба ман хӯрок оварданд. Бо шубҳа ба он нигоҳ кардам, бисёр хӯрдан мехостам, вале дар гӯшам он суханони баланд садо медоданд: „Дар ин ҷо чизе нахӯр! Ман аз нав ба хӯрок назар кардам, наход онҳо дар ҳақиқат ба ман заҳр додан мехоҳанд? Ман медонистам, ки воқеаҳое мешуданд, ки одамони аз дин рӯ гардондаро, бо ин ё он тарз мекуштанд. Наход ман дар ҳақиқат ҳама чизро аз даст дода бошам? Вале ман ҳатто равшан намедонам, ки ба чӣ эътиқод дорам. Оҳиста хӯрокро ба халтачае рехта, дар кунҷаки кат гузоштам. Баъд ба дуохони машғул шудам. Ман гаштаву баргашта аз Худо мепурсидам ки маро муҳофизат кунад.

Ман сураҳои Қуръонро мехондам, дақиқаҳо дар назарам мисли соатҳо мегузаштанд. Вақте ки касе ба дар наздик шуда маро дидан мехост дарав, худро дар хоб меандохтам.

Шаб дарози беохир менамуд, дар хона чароғ месӯхт, то ки хоҳари шафқат ҳамаро дида тавонад. Қарибии соати се дар оҳиста кушода шуду касе маро чеғ зад. Дарҳол аз ҷойгоҳ хеста бо дили беқарор, бо нӯги поям ба ҳоҷатхона рафтам. Дар он ҷо либосҳоямро ёфтам ва онҳоро пӯшидам. Ман аз ҳоҷатхона баромада, „фариштаи“ худро дидам. Вай саросема гуфт:

– Агар ба кунҷи боғ равӣ, метавонӣ ба девор баромада, ба кӯча парӣ, натарс он ҷо баланд нест. Соати 4.30 дақиқа автобус равон мешаванд, ту бо вай ба Диалпур меравӣ, баъд аз он бо автобуси дигар ба Лоҳур мерасӣ. Ту дар киса суроғае дорӣ, он ҷо дар бехатари мешавӣ. Ман ба ту камтар пул медиҳам, модари ман дар онҷо зиндаги мекунад, ба ту ёрӣ медиҳад, ба вай бо мактуб ҳамаашро фаҳмондам. Ҳангоми расидан мактубро албатта ба вай деҳ.

Ман ҳайрон ва дар ҳайрат будам. Ҳамаи ин ба қиссае аз китобчаи бачагона монанд буд. Чаро ин духтар ба ман ёрӣ медиҳад? Ман боварии пурра доштам, ки ӯро ба ман Худо фиристодааст. Пешпо хӯрда, ӯро миннатдорӣ кардам. Ӯ маро ба баромадгоҳ баровард, ман пурсидам, ки чаро ин корро мекунӣ?

– Вақти гап задан нест, гуфт зуд ӯ, ҷони ту дар хатар аст, Дирӯз субҳ мансабдори калоне омада ба духтур гуфт, ки туро куштан лозим.

Инро гуфту дар чашмонаш донаҳои ашк дурахшиданд ва ӯ сухани аҷибе гуфт:

– Ҳамин тавр бародари ман, ту зинда мемонӣ. Худо нигоҳбонат бошад!

Пеш аз он ки раҳматаш гӯям ӯ нест шуд. Ман оҳиста мерафтам, хушбахтона касе маро нашунид. Ба боғ баромада, аз алафзор оҳиста мегузаштам. Посбони беморхона дар болои сандалӣ нишаста хоболуд буд. Аз чашми ӯ маро буттаҳо паноҳ мекарданд, вале вай метавонист, сояи маро дар девор бинад, барои ҳамин ман хостам буттаҳоро миёнабур карда гузарам, ва ба поруҷое афтодам. Буи хеле бадро ҳискардам. Ба посбон нигоҳ кардам, ӯ ҳоло ҳам нимхоб буд. Ман ба болои девор баромадам. Лаҳзае аз тарси паридан ба поен боз истодам, ҳамин дам саг аккос зад ва ман бо шаст худро ба поён партофтам то ки маро набинанд. Ба болои кадом ахлоттӯдаи назди роҳ афтидам, шишапораҳо дастамро буриданд, бо вуҷуди он бахтам омад кард, зеро болои қутии чоркунҷаи ғафси коғазин афтидам, ки либоси бе ин ҳам ифлосамро халос кард. Ман аз ҷоям хеста ба суи сояи наздиктарин давидам. Касе маро надид, ман дар бехатари будам.

Баъди чанд дақиқа ман ба роҳи асосӣ, ба тарафи Шиниот мебарад, ки панҷ мил аз Рабваҳ воқеъ аст, равон шудам. Моҳ роҳи маро равшан

намекард. Чанд бор ба ман муяссар шуд, ки дар торикӣ симои посбонони Панҷобро дар либоси расмӣ бо чӯбҳо дар даст, ки бо он вайронкунандагони тартиботро мезананд, дидам, вале бештари онҳо хоб буданд. Ман оҳиста онҳоро гузашта, бо роҳи чанголуд бо қадамҳои ношунаво мерафтам. Теппаҳои сангини атрофи Рабваҳ бо торикӣ пӯшонда шуда буданд. Ман намедонистам, оё ман метавонам боз, ба ин ҷо бори дигар баргардам ё не? Баъди гармии рӯзона, ҳавои хунуки шаб форам буд, дар ҳолати дигар ман метавонистам аз ин саеҳати шабона кайфияте бардорам, танҳо имшаб не.

Ман дар тарс будам, медонистам, ки агар маро дастгир кунанд, бо баҳонаи кӯшиши гурехтан, албатта мекушанд. Дар ин бора фикр карда, якбора ба давидан даромадам, то ки ҳар чӣ дуртар аз Рабваҳ равам ва то бемадор шудан давидам. Дар беморхона ман хеле суст шуда будам, акнун афсӯс хӯрдам, ки чаро ба автобус савор нашудам. Вале чун гуфтаҳои хоҳари шафқат ба хотирам расиданд ман фаҳмидам, ки дар автобус бехатар буда наметавонам. Бинобар ин ман қарор додам, ки ба Шиниот рафта, аз он ҷо ба поезди саҳарӣ савор шуда ба Лоҳур равам. Боз чунин менамуд, ки қувваи касе маро аз дарун идора ва ҳамаи ин амалҳоямро роҳбари мекунад ва ин ҳол ба ман оромию осудаги дар роҳи пурхоку чанголуд медод.

Субҳи барвақт, баъд аз яку ним соат ба истгоҳи роҳи оҳан расидам. Дар болои дар бо ҳарфҳои калон „Шиниот“ навишта шуда буд, ки маро салом мегуфт. Бинои хурдакак пур аз ғавғо буд. Мардум чойи гарми ширин менӯшиданд. Мегӯянд, ки дар Покистон истгоҳҳои роҳи оҳан ҳеҷ кай истироҳат намекунанд, ин дуруст аст. Ман дар навбати калон истода, ниҳоят то Лоҳур чипта харидам, баъди чанд лаҳза локомотиви дизел ба ҳаракат даромад.

Қатора пур буд, одамон ҳатто дар роҳрав меистоданд. Ин ба фоидаи ман буд зеро дар байни мардум худро бехатар ҳис мекардам, баъди якду истгоҳ одам камтар шуд ва ман ҷои нишаст ёфтам. Дар истгоҳҳо одамон барои ҳаракат додани пойҳояшон ё барои хурок харидан берун мебаромаданд. Борбардорон ва аробакашон бо овози баланд ба пеш тела мекарданд, дар болои сари худ сабадҳои вазнин ё бухчаҳои баста доштанд. Аз ҳиссиёти баланд ман гуруснагиамро ҳис намекардам, бо вуҷуди он, ки чанд соат боз чизе нахӯрда будам. Ман чой харидам, дар саҳари сард ин чои чун асал ширин, сӯзон ва хеле бомазза буд. Тарсҳои шабона дур дар ақиб монданд, аммо худамро дилшикаста ва тоқаву танҳо ҳис мекардам, гарчанде ки танҳо набудам.

Ман аз кисаам мактубро баровардам, ки дар беморхона хоҳари шафқат дода буд, нишонаи онро хондам: Нисбет Ровд, Лоҳур. Мактуб ширеш нашуда буд, бинобар ин ман онро гирифта хондам, бисёр мехостам донам вай дар бораи ман чиҳо навиштааст. Ӯ ба модараш

менавишт, ки дар Рабваҳ зарурияте ба вуҷуд омад, ки Рабваҳро тарк намудани ман лозим шуд, вай аз модараш хоҳиш мекард, ки ғамхори ман бошад ва маро назди яке аз бародаронаш фиристад. Бо ваъдаи боз навиштан, аз надорам хоҳиш намудааст, ки маро нигаҳбонӣ намояд, ман мактубро боэҳтиромона қат карда ба ҷояш мондам. Баъди хондани мактуб дилам равшантар гардид ва бовариам ба он афзуд, ки Худо маро нигаҳбонӣ мекунад.

Саҳроҳои пушти тиреза шинокунанда, кабудиҳои баъди борон ва осмони софу беғубор аз пеши чашмони ман мегузаштанд, бесаброна ба Лоҳур расиданро интизор будам.

Баъди гузаштани чанд соат қатора ба истгоҳи марказии Лоҳур расид. Тӯдаи одамон маро аз иморати дарози борики истгоҳ баровcovardанд, ман аробаи аспиеро киро кардам, ки нақлиёти асосии ватани мо ҳисоб мешуд. Аробакаш ба куҷо рафтани маро пурсид. Ман дастамро барои баровардани мактуб ба кисса даровардам ва дилам канда шуд. Мактуб ва пуле, ки он духтари некхоҳ дода буд, гум шуда буданд! Кимкадом ноинсоф онҳоро ҳангоми аз истгоҳ баромадан аз кисаам кашида гирифтааст. Ман хеле афсӯс хӯрдам, аз бепарвогии худ, вале дигар илоҷ набуд. Ман қоил шудам, ки пуламро дуздиданд, аробакаш одами меҳрубон будааст, ба ҳоли ман раҳмаш омада, розӣ шуд, ки то Нисбат Ровд мебарад. Хушбахтона суроғаро дар хотир доштам. Ақаллан мусофирони он тараф мерафта набуданд, ки пули нисфи роҳашро барорад, ӯ оҳиста аспро бо ҷилав зада, ба пеш ҳаракат кард.

Ӯ маро ба Нисбат Ровд оварда фуровард, барои меҳрубониаш ташаккури зиёд гуфтам. Ман боз дар худ ғамхориро ҳис намудам, бинобар ин дуои кӯтоҳи шукрона хондам.

Барои ман пурсидани ҷои зисти зани бегона аз роҳгузарон хеле мушкил буд, чунки дар Покистон ин расм вуҷуд надошт. Агар ин ягон мард мебуд, аз ҳар дӯкондоре пурсидан мумкин буд. Аммо ман роҳи дигари ҷустани ин хонаро наёфтам.

Чунин намуд, ки ӯро касе намедонад. Чӣ кор карданамро надониста ҳайрон мондам. Каме пештар рафта, ба чорроҳаи серодаме баромадам, ки Лакшми Чавк ном дошт. Дар атроф тахтаҳои калони эълону огоҳӣ меистоданд, ки ба филмҳои гуногун таклиф менамуданд. Покистон ва Ҳиндустон ду кишвари дар ҷаҳон калонтарини киноистеҳсолкунӣ буда, ин ноҳияи марказии филмбардории Лоҳур буд. Шаҳр бо студияҳои худ шӯҳрат дорад, бисёр ҷавонон бо умеди иштирокчии филме шудан ба ин ҷо гурехта меоянд. Дастгоҳҳои филмнамоишӣ ва [1]тарабхонаҳо дар ҳама ҷо буданд. Гурӯҳи одамон қариб маро зер мекарданд. Ман ба роҳи мошин қадам гузоштам, он ҷо

[1] тарабхона – ресторан

ҳам мардуми зиёде ба пасу пеш равон буданд, қариб буд, ки зери мошин мемондам. Ба қафо ба роҳрав ҷаҳида, ба ҷавонмарде бархӯдам, ки бо лаълии чойникдор ва чанд пиёла меомад. Вақте ки ман ӯро тела додам, ӯ калавида, лаълиро аз дасташ афтонд, чойнику пиёлаҳо пора-пора шуданд.

Ман дар тарсу ваҳм будам, ҷавон маро ҳақорат мекард ва талаб намуд, ки панҷ рупия бар ивази пиёлаҳои шикаста диҳам. Тамоман чӣ кор карданамро намедонистам, чунки пул надоштам. Дар ин ҳолат мардум чун ҳалқа моро гирд мекард, ки ҷанг мешавад, вале ман тамоман хоҳиш ҷанҷол кардан надоштам. Худро гунаҳкор меҳисобидам ва аз шарм сурх шуда будам. Ман ба ҷавон гуфтам:

– Ман пул надорам, агар хоҳӣ кисаҳоямро кофта бин, як пули пучак ҳам намеёбӣ.

Пирамарди дар қафо истода ғурунгос зада гуфт: – Ҳамаи инҳо чунин мегӯянд, яке оворагардон ба ин ҷо меоянд,ки дар ягон студия кор ёбанд, дигаре умед доранд, ки актёр мешаванд, ин ҳам аз ҷумлаи онҳост. Гӯшҳои ман сурх шуда буданд, ӯ аз ҳақиқат дур буд, аммо ман имконияти онро надоштам, ки ба онҳо фаҳмонам, ки ман аз хона гурехтам, чунки ҳаёти ман дар хатар буд. Ман ба ҷавон гуфтам:

– Гӯш кун, хеле афсӯс мехурам, ки чунин воқеъа рӯй дод. Биё ҳардуямон ба ошхонаи ҷои кори ту равем, ман ягон кореро иҷро намуда ҳаққи туро бармегардонам. Ҷавон камтар фикр карда, баъд розӣ шуд. Ва ӯ бо осудагӣ нафаси чуқур кашид, ба хотири он ки ба, ҳар ҳол худаш пул намедиҳад.

Рафтем, – гуфт вай ва ман аз пушташ равон шудам. Ӯ Фаррух ном дошт, ва тахминан ҳамсоли ман буда хеле меҳрубон менамуд. Ман боварӣ доштам, ки мо дӯст мешавем. Ӯ маро пеши соҳиби ошхона овард, ки дар назди дари даромадгоҳ нишаста пул мешумурд. Ошхона нисбатан хурд буд ва асосан бо чойфурӯшӣ дар дохили бино ва дар берун, машғул буд. Ҷавононе чун Фаррух дар ҳама ҷо пур буданд, онҳо лаълиҳоро ба студияҳо ва корхонаҳо бурда меоваранд. Чой ҳама ва ҳамеша менушанд, аз ин ҷиҳат ин машғулияти фоидаовар аст. Ҷавонон барои ин корашон музди каме мегирифтанд, вале диққати онҳоро бештар даромади иловагӣ ҷалб менамуд, ки харидорон бо номи чойпулӣ ба онҳо медоданд. Онҳо аз корашон хафа набуданд,гарчанде ин кори хеле душвор буд.

Хӯҷаин ҳисобу китобро як тараф монда, маро хунук назарона аз назар гузаронид:

– Яъне пас ту ҳам ба ягон духтаре аз ин филмҳо ошиқ шуда аз хона гурехти. Ин духтар ки бошад?

Ман дар ҳолати пурраи парешонӣ будам, зеро аз ин гуна фикрҳо боре чизе ба каллаи ман наомада буд. Ман хомӯш будам, он дам вай дағалона гуфт:

– Бигузор бо ҷавонони дигар рафта, коса шӯяд.

Фаррух маро ба ошхона бурд ва дар он ҷо ман як тӯда косаю-табақро шустам. Ин кор барои ман осон буд, зеро аз хурдӣ бо он ошно будам, вале имрӯз... имрӯз аз чашмонам оби дида мерехт. Ба ғайр аз Фаррух инро касе надид. Вақте ки ошхона баста мешуд, ман ба хотир овардам, ки ҷои хоб ҳам надорам. Ман умеди ёфтани он занро аз Нисбет Ровд гум кардам. Эҳтимол акнун он духтар аз беморхона, гумон мекунад, ки ман ба назди модараш рафтан тарсидам ва ё меҳрубонии вайро қабул накардам. Ин фикр маро ғамгин мекард. Мо аз он ҷо равон шудем. Фаррух дар паҳлӯи ман мерафт.

– Ту ягон ҷои хоб дорӣ ?

Ман сар ҷунбонидам, дилам ба худам месухт.

– Рафтем бо ман, – фармон дод ӯ ва тез ба тарафи боғ рафтан гирифт. Дар вай кадом як қувваи тавонои дарунӣ буд. „Аҷиб, ӯ аз куҷост, дар куҷо ба воя расидааст?“ – фикр мекардам ман, аз пушти ӯ рафта.

Мо дар боғи машҳури Лоуренс ба истироҳатгоҳ даромада, болои хараке нишастем. Маро дар ҳайрат монда, Фаррух гуфт, ки ин хараки вай аст. Ӯ онор барои хоб иҷора мекунад.

– Имрӯз, —гуфт олиҳимматона, – мо вайро тақсим мекунем. Нимаш аз ман, нимаш аз ту!

Ба ман ин ақида хеле маъқул шуд ва ӯро самимона ташаккур гуфтам. Ман назар мекардам, ки ӯ чигуна покети коғазиро кушода, пораҳои хӯрокро бароварда, бо тартиб болои харак гузошт. Чи тавр иҷро кардани ин кораш, дар бораи ӯ маълумоти зиёде медод. Баъдтар ӯ нақл кард, ки дар оилаи бое дар Карочӣ калон шудааст. Ин шаҳри калонтарини Покистон, ки дар 800 мили ҷанубу ғарбии Лоҳур воқеъ буда, барои ман мисли моҳ дур буд.

Фаррух ҷавони боадаб буд. Хӯроки каме, ки мо бо он тақсим намудем, на танҳо меъдаи маро пур кард, ҳамчунин он холигиеро, ки дар дилам баъд аз рафтан аз Рабваҳ пайдо шуда буд, пур намуд. Ман бори дигар боварӣ ҳосил намудам, ки Худо дар бораи ман ҳама чизро медонад. Ин албатта фикри ман буд. Худованд ба ман рафиқи навро дод, то ман имшаб танҳо набошам. Фаррух пурра тоърихи худро нақл кард. Писари ягонаи оилаи бадавлат буда ба Лоҳур бе иҷозати падару модараш омад, то ки ҷойи худро дар олами кино ёбад. Ӯ чизе ба даст наовард, мисли даҳҳо ҷавонони дигар бе яктин монда буд. Инро ба ман нақл намуда, вай хеле бебахт намуд. Ман ҳис намудам, ки барои ӯ шустушӯи коса ва кашонидани лаълиҳо бисёр мушкил аст, вале ӯ аз ман паноҳӣ каме гиря кард.

Мо то бевақтии шаб сӯҳбат кардем. Фаррух, ки пагоҳӣ аз ман дар ғазаб буд, дӯсти беҳтарини ман гардид. Акнун, ки ӯ сухан мегуфт, дар

вуҷуди ман ҳар чи бештар қаҳр бар зидди диндории кӯркӯрона боло мегирифт, ки калонсолон ба гардани мо ҷавонон бор мекарданд. Онҳо танҳо як чизро мехоҳанд, ки урфу одатҳои худро нигоҳ доранд. Ҳақиқат заррае онҳоро ҷалб намекард. Онҳо ҳам барои Худо ва ҳам барои мардум пӯшида буданд. Ҳамаи мо охир ба ин фикру ақида ва амалҳо баста шавем. „Чаро мардум хонадор шуда, фарзанддор мешаванд, танҳо ба хотири он, ки онҳоро бадбахт кунанд!“-фикр мекардам ман. Барои ҷавонон зиндагӣ бисёр мушкил аст. Чун ман ин фикрҳоямро ба Фаррух гуфта додам, ӯ асосан бо ман розӣ шуд, вале гуфт, ки бе муҳаббати падару модар зиндагӣ кардан намехоҳад. Ман пурсидам, ки пас ӯ чаро ба Карочӣ барнамегарданд. Дақиқае фикр намуда гуфт:

– Агар ман баргардам, ту бо ман меравӣ?

Ин таклиф маро бисёр ба ҳаяҷон овард, вале танҳо ғурунгос задам, ки:

– Ман ҳеҷ гоҳ дар Карочӣ набудам. Дар куҷо зиндагӣ мекунам?

Фаррух бовар кунонд, ки ин мушкилоте надорад ва оқибат ман розӣ шудам, ки агар ӯ ба Карочӣ рафтан хоҳад, ман бо ӯ меравам.

Вақте, ки моро хоб бурд, субҳ сар мешуд. Лӯлавор печида шуда, мо дар хараки танге хобидем. Чанд бор дар давоми шаб посбон ба назди мо барои назорат омада моро бедор мекард. Фаррух тангаи панҷоҳ пайсагиро ба вай дод, вале посбон бо чӯбдасташ ба ман нишон дод. Ӯ боз як тангаи дигарро низ ба ӯ дод. Посбон пулро ба кисса андохта, ба назди хараки дигар рафта, ин амалашро бо бехонагони дигар низ такрор мекард. Ман мефаҳмидам ки ин пора буд, ки ба мо иҷозати дар ин ҷо хобиданро медиҳад. Ин амалҳо одатан дар ҷое вуҷуд доранд, ки сатҳи зиндагӣ паст аст. Бо ин роҳ одамон дастмузде муҳаё мекунад. Ман аз нав худамро пӯшондам...

Дар атрофи ман бо садои даҳшатноке хонаҳо ба ҷанг мубаддал мешаванд. Биноҳои калоне хароб мешуданд, замин дудкунон меҷунбид. Дар ҳама ҷо иморатҳои харобшуда буданд. Аз ҳама кубурҳои об ва хатҳои оби ифлос бӯйи бад паҳн мешуд. Дар кӯчаҳо ҷонзоди зиндае наменамуд. Дар осмон лошахӯрҳо чарх мезаданд.

Ман чанд масҷиди харобшударо мебинам. Дар зери девори афтодаи наздиктарини онҳо имоми нимаш дар таги хок шуда мехобад. Ман истода ӯро аз таги хок берун мекунам. Вай чизе намегӯяд, ҳатто маро намебинад вай танҳо дар [1]изтирор аст.

Ногоҳ ман мебинам, ки дар ҳамон самт садҳо одамон равонанд. Ман ба онҳо ҳамроҳ мешавам, то ки бинам дар он ҷо чи кардан мехоҳанд. Дар пеш ман оташи калони бузургеро мебинам, ки аз ҳамаи дидаҳои ман калонтар аст. Абрҳои тираи дуд ба осмон баланд мешаванд. Ба назар мерасад, ки ҳама чизро оташ фаро гирифта аст, тамоми олам дар

[1] изтирор – транс

коми оташ аст! Одамон ба оташ наздик шуда, хомӯшона пушти ҳам ба коми оташ мераванд. Ин бе охир давом медиҳад. Ба назар мерасад, ки ба коми оташ кадом як қувваи зиддитабиии онҳоро мебарад. Ба оташ даромада онҳо нимсӯхта ва ба хокистар табдил меёбанд.

Инро дида ман аз тарс дар ҷоям шох мешавам. Ман ба яке аз

одамони гузаштаистода дод мезанам: „Истед! Чаро шумо ин корро мекунед? Чаро худкушӣ мекунед?“ Ӯ мулоим аз дасти ман озод шуда мегӯяд: „Магар ту намебинӣ, ки рузи қиёмат омадааст. Мо барои ҳар чи ки дар дунё кардем, мукофот мегирем“.

Ман дар даҳшат дод мезанам: „Не! Ман чунин охиратро намехоҳам. Не!“ Ман мешунавам, ки як одам ба ман мегӯяд: „Ту ин ҷо чи кор мекунӣ? Ба ҷануб рав. Рав ба ҷануб!“

Гирён ман аз оташ мегурезам. Ман, то даме, ки қувватам тамом шуд медавам, ва ба замин меафтам. Ҷое, ки ман афтодам, ба беҳтарин боғе монанд аст. Боғе, ки ба ягон боғи олам вайро монанд кардан мумкин нест. Ҳаво ором ва осуда аст. Дар пеши худам ман санги калони сафедеро мебинам. Дар рӯи санг чунин навиштаҷот буд: „Ин ҷо касоне мешаванд, ки дар пешонаашон нишона гузошта шудааст“.

Аз ин хоби ваҳмангез бедор шуда, ман аз масҷиди наздики аҳли суннат азони баландро мешунавам, ки ба намоз даъват мекунад. Чанд дақиқа ман бо шавқ калимоти шиносро гӯш мекунам:

Ашҳаду алло илоҳа илловлоҳ
Муҳаммаду Расуллуллоҳ

Фаррух акнун андаке ҷунбид ва, ман пурра бедор шудам. Ман бархоста ба масҷид рафтам, ки аз он ҷо садои азон меомад. Вақте ки ман таҳорат кардам, ба каллаи ман фикре омад, ки „Ман нодуруст амал карда истодаам. Аҳмадиён ба масҷиди аҳли суннат ва шинит ба намоз намераванд“. Вале ман ин фикрро дур намуда, ба масҷид даромадам. Ҳангоми намоз, имом сураи Қуръонро хонд.

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон
Сипос Худовандро, ки парвардигори ҷаҳониён аст
Он бахшояндаи меҳрубон Худованди рӯзи ҷазо
Худовандо танҳо туро мепарастем, танҳо туро мехоҳем
Моро ба роҳи рост устувор бидор
Роҳи касоне, ки ононро навохтаӣ, на онон, ки аз
назар андохтаӣ.
Ва на гумроҳон!

Ин намозро шунида, ногоҳ аз худ пурсидам: „Ҳамаи мо мусалмонон ин калимаҳоро чандборӣ дар ҳар намоз такрор менамоем. Ҳамеша мо Худоро мепурсем, ки роҳи ростро нишон диҳад. Кадом роҳро мехоҳем,

ки нишон диҳад? Оё мо ҳоло ҳам дар роҳи рост нестем? Оё вай то ҳоло ин роҳро нишон надодааст?“ Ин фикрҳо гаштаву баргашта меомаданд, то даме, ки ман чашмонамро пӯшида, диққатамро ба намоз равона кардам.

Намоз ба охир расид, одамон оҳиста пароканда мешуданд. Нохост замин дар зери поям ларзид, гӯё ҳамаи инро дар хоб дида истода бошам! Ин заминларза буд. Одамон дар кӯча дод мезаданд:

– Бисмиллаҳир раҳманир раҳим! Худовандо моро бубахш. Аз гуноҳамон гузар.

Ман хобамро ба хотир овардаму хун дар рагам шах шуд. Заминларза чанд дақиқа давом карда, баъди он ҳама ҷо ором шуд. Танҳо чанги паҳншуда нишоне аз вай монд. Вале пойҳои ман то ҳоло меларзанд: Пеши манзараи дарунии ман ҳоло ҳам, просеси мардуми ҷазо додашуда ки дар хоб дида будам меистод. Хоб бисёр равшан буд!

Ман пеши Фаррух давидам. Чуноне ки ман андешида будам, вай бедор шуда буд. Ӯ бори аввал заминларзаро дидааст. Мо ба ошхона баргашта, наҳорӣ хӯрдем. Баъди ин хӯҷаин розӣ шуд, ки ман боз як рӯз ин ҷо монам. Ҳама ҷавонон ҳамарӯза музди кори худро мегирифтанд ва бо ин тарз барои хӯрокашон кор мекарданд. Дар дили ҳар кадомашон умеде зиндагӣ мекард, ки дар як рӯзи нек шахсеро вомехӯранд, ки онҳоро ба ҷаҳони дилхоҳашон, кино мебарад.

Ман бо шавқ кор мекардам, вале фикрам аз кор дур буд. Гаштаву баргашта шубҳаҳое ба сарам меомаданд, ки дар масҷид онҳоро яктарафа карда будам. Ман худро фиребида меҳисобидам. „Масъуд, – мегуфтам ба худ, – гӯй чанд бор ту рӯзе намоз мехонӣ ва чӣ қадар дар намоз ин калимаҳоро дар сураҳои Қуръон чун тӯтӣ омӯхта такрор мекунӣ? Ту дар бораи он ягон бор фикр кардаӣ ки дар чи бора бояд дуо кунӣ? Барои ту чӣ маъно дорад, вақте ки ту ба Худо дуо мекунӣ: „Ба мо роҳи ростро нишон деҳ. Агар ҳама мусулмонон медонанд, ки онҳо дар роҳи ростӣ ба Худо писанд бошанд, пас барои чӣ хоҳиш мекунанд, ки роҳро ба онҳо нишон диҳад. Ё онҳо метарсанд, ки роҳро гум мекунанд?“ Гарангона, нохост ман фаҳмидам, ки ман ҳам айнан мисли онҳо мебошам. Мо ҳама дар як ваъзиятем. Магар виҷдон ба ман мегӯяд, ки ман ба Худо хушомад мезанам?

Дар охири рӯз, вақте ки ман охирон оби чиркинро мерехтам, дили ман то ҳоло дод мезад: „Ё Худоё, ба ман роҳи ба сӯи ҳақиқатбарандаро нишон деҳ!“

# 8
# Ба ҷануб

Се рӯз гузашт, вале ман ҳоло ҳам чи кор карданамро аниқ намедонам. Ман кор карданамро бо Фаррух дар ошхона давом медодам ба ҳар чӣ бештар қобилияти ӯро оид ба он, ки дар лаҳзаи зарурӣ ба ёрӣ мерасад, бештар қадр мекардам. Хӯҷаин аниқ ба ӯ бовар мекард ва дӯст медошт ва супоришҳои гуногун медод.

Ман рӯзи чорум рӯзи кориро ба охир расонида, дастонамро пок кардам ва барои дидани Фаррух рафтам. Мо бо дигарон хайрухуш карда, дар салқинии бегоҳирӯзӣ ба ҳавохӯрӣ баромадем. Фаррух ногоҳ гуфт:

– Рафтем, Маъсуд, мо бояд ба истгоҳи роҳи оҳан равем.

Ман дар ҳайрат, аз пушти дӯстам давидам, ки ба сӯи истгоҳ зуд қадам мезад. Ман ӯро аз остинаш дошта, пурсидам:

– Ту чи гуфтӣ? Мо ба ягон ҷо меравем? Мо пул надорем. Фаррух ба қафо нигоҳ накарда, тез рафтанро давом медод.

– Хавотир нашав, Маъсуд. Ман моҳона гирифтам. Ман сад рупия дорам.

Ба ҷавоби ман мунтазир нашуда, ӯ аробаро нигоҳ дошт ва мо дукаса ба вай нишастем. Суханони вай маро ба ҳайрат оварданд, чунки он чӣ ман медонистам, моҳонаи Фаррух дар ҳеҷ шароит ин миқдор будан наметавонист. Ман ба худ қавол медодам, ки барои кадом хизмат хӯҷаин ин миқдор ҳаққаш дода бошад. Вале барои чунин саволҳо вақт надоштам: Мо аллакай дар истгоҳ будем.

Мо аз ароба парида фуромадем ва Фаррух пули роҳро дод. Вай ба шӯъбаи хабаррасонӣ рафт, ки занони бисёре пешаш буданд. Ӯ хабари зарурӣ гирифта ба зудӣ бо ғалаба баргашт. Ӯ хабар дод, ки поезди Карочӣ баъди ним соат мешавад ва вай аллакай билет гирифта аст. Мо дар зали интизор нишастем. Ин ҷои васеъе буд, ки соҳибони билетҳои арзони дараҷаи севум бо бастаҳои калони бор ва чомадонҳои арзон менишастанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ман аз хусуси он фикр мекардам, ки чаро дар Покистон ин одамон ин қадар асбобу анҷомро бо худ ба воситаи поезд мекашонанд? Бори мо назар ба ҳамаи ин чунон фақирона менамуд, ки ман худамро руҳафтода ҳис мекардам. Мо ҳатто асбобҳои дар роҳ лозими ҳам надоштем.

Ман хостам, ки дар ин бора ба Фаррух фикрамро гӯям, вале ба назарам расид, ки фикраш парешон аст ва пурсидам:

Фаррух, чӣ гап шудааст? Туро чизе хавотир мекунад? Ӯ чашмонашро дигар тараф карда, чизе нагуфт. Ман ӯро маҷбур кардан нахостам ва мо хомӯш нишастем. Ниҳоят, бо садои гӯшкаркунанда ва вижжоси тормуз ба истгоҳ поезди дарозе омад ва мо барои ҷой гирифтан ба мисли садҳо шахсони дигар, ки мисли мо ба худ роҳ кушода ҷой мекофтанд, шитоб кардем.

Мо се истгоҳро гузашта, танҳо акнун Фаррух ба ман сабаби ташвишашро баён намуд. Овозашро барои он ки касе моро нашунавад, паст намуда, ба ман хабар дод:

– Ин сад рупия аз они ман нестанд. Хӯҷаин пул дод, ки барои ошхона чой харам ва ба сари ман фикри ба Карочӣ рафтан омад.

Дар дилам ман ӯро барои ин таъна накардам, бо вуҷуди он, ки ин кораш маро нороҳат кард. Қатора моро ба сӯи шаб мебурд, Вогонҳо бо чархҳои вазнинашон туқ-туқ мекарданд. Тамоми шаб ва рӯзи дигар қатора ба ҷануб мерафт. Мо ҷойҳоеро мегузаштем, ки пеш аз ин ман дар он ҷо набудам. Ба зудӣ, баъди Мултон, субҳи барвақт мо дарёи калони Сатлеҷро гузаштем, ки маро купруки калонаш ҳайрон кард. Акнун мо бо ҷои хушки ҳаракат мекардем, ки мисли биёбон буд ва даруни қатора ҳам гарм шуд. Бо вуҷуди ин барои ман ҳама чиз нав буд. Баъди зиндагонии оромонаи Рабваҳ ин ба ман таъсири сахт карда буд. Фаррухро рӯҳ баландии ман хурсанд шуд ва мушкилоти худро фаромӯш карда, бо муҳаббат дар бораи ҷойҳое, ки мо мегузаштем маълумот медод. Ҳар соати гузашта ӯро ба хона наздик мекард, бо вуҷуди ин, ки ӯ ҳоло намедонист, ки оилааш ӯро чӣ гуна пешвоз мегиранд.

Дар ними рӯз қатора якбора дар ҷояш қарор мешавад ва мо бо дигар мусофирон барои донистани воқеъа берун баромадем. Аз афти кор, кадом одаме бо велосипед хостааст, ки аз роҳи оҳан гузарад ва қатора ӯро задааст. Велосипеди ӯ ба оҳанпораи нодаркор табдил шуда, дар паҳлӯи роҳ хобида буд, дар атроф одамони гуногуне дар бесаранҷомӣ буданд. Баъди чанд вақт поезд ба ҳаракат даромад ва он вақте, ки мо аз паҳлӯи шикастапораҳои велосипед мегузаштем, ман дар бораи он фикр кардам, ки зиндагии одам дар Покистон хеле беқадр аст. Бе ҳеҷ дудилагӣ ҳар одам ҳақ дорад, ки бо қадр бимирад, новобаста ба он ки дар зиндагӣ ба қадру қимате соҳиб нашуд. Вале ҳаракати қатора беш аз пеш сахттар мешуд ва фикрҳои ғамангези ман дар қафо монданд.

Қариби бегоҳ поезд дар истгоҳе истод ва мо моҳиву биринҷ харидем. Моҳӣ бамазза набуд, вале мо ӯро хӯрдем. Фаррух аз нав хомӯш гардид, намехост чизе гӯяд. Мо дарёи тезоби Ҳиндро дар назди Ҳайдаробод гузашта, баъди чанд соате ба Карочӣ омадем. Поезд аз вақташ дертар

омад. Сафари дароз моро монда кард, вале чун аз истгоҳи сермағал баромадем мондагии, мо парида рафт. Фаррух маро ба хиёбони марказӣ овард ва ба ман бо суханони зерин рӯй овард:

– Хуб аст дар хона будан. Донистан мехастам, ки падару модари ман дар чӣ андеша бошанд?

Мо ба истгоҳ омадем ва баъди чанде барои даромадан ба автобус, ки моро ба хонаи падару модари Фаррух мебарад, талош доштем. Ман хеле монда шуда будам ва ҳеҷ намехостам, ки ба автобус, ки пур аз мардум буд, савор шавам. Ман ба Фаррух пешниҳод кардам, ки мошини дигарро интизор шавем, вале ӯ маро шунидан нахост.

– Не, бо ҳамин меравем. Ин ҷо автобуси бисёр нест; дигараш ҳам, пур мешавад. Беҳтараш ҳозир меравем.

Маҷбуранрозӣ шудам. Ҳоло, ки интизори равон шудан будем, ман дар фикри он будам, ки падару модари Фаррух маро чӣ гуна пешвоз мегиранд. Ман дар бораи худ ба онҳо чӣ мегӯям. Вақте ки ману Фаррух вохӯрдем, ман хеле кам дар бораи сабабҳои ба Лоҳур омаданам гуфта будам ва ӯ ҳам бо қатъият чизе напурсид. Ӯ гумон мекард, ки ман ҳам мисли ӯ аз хона гурахтаам. Барои ман ин бас буд. Оё барои падару модари ӯ ин басанда мешавад? Ба сари онҳо фикри бо падару модари ман бо Рабваҳ алоқа барқарор кардан, намеомада бошад. Оё ба онҳо дар хонаашон қабул кардани аҳмадия, ҳатто ба замони кӯтоҳе ҳам, хуш бошад? Ман ба чунин саволҳо ҷавоб пайдо кардан вақт надоштам ва қарор додам, ки то ба миён омадани ин масъалаҳо, сабр мекунам. Вале ман ба ин сахт бовар доштам, ки онҳо дар бораи он фикр намекунанд, ки Фаррухро ман аз роҳи рост берун кардаам. Қариб ним соат автобус дар роҳи ноҳамвор ғиҷиррос мезад пешаз он, ки Фаррух ба ман ишора намуд, ки наздик омада истодаем. Он чи баъд ба амал омад, то ба андозае аҷиб буд, ки дар бораи он фикр намуда, мефаҳмам, ки танҳо Худо чунин карда метавонад.

Чун Фаррух аз автобус ба поён парид, он бо суръати ҳайратовар ба ҳаракат даромад. Ронандагони Покистонӣ бештари вақт чунин мекунанд. Онҳо нақшаи ҷиддии ҳаракати худро дошта онро сахт риоя мекунанд автобусҳо бошанд ҳамеша лаболаб пури одаманд. Агар чунин автобус тамоман қарор гирад, вақти зиёде зарур мешавад, ки суръати пештараро барқарор намояд. Бинобар ин онҳо каме тормуз мекунанд ва мусофирон ҳаёти худро дар хатар гузошта, ба поён меперанду савор мешаванд. Чун хоҳишмандони мефуромаданӣ танҳо мо ду нафар будем-ману Фаррух-ва касе интизори саворшавӣ набуд, ронанда хаёл мекард, ки андаке паст намудани суръат кифоя аст. Ман бо тарс дидам, ки Фаррух ба замин парид, вале ман аз девонавор суръат гирифтани автобус инро аз тарси афтида лат хурда кардан, натавонистам. Ман ба кондуктор дод задам, то мошинро нигоҳ дорад, вале ӯ бо хашм ғурунгос зад.

– Ту чӣ хобӣ, хар? Натавонистӣ аз автобус фуроӣ?

Худамро гум карда ман ҷавоб додам:

– Дӯсти ман ҳозир фуромад. Ман бори аввал ин ҷоям ва роҳҳоро намедонам. Акнун ман бо ӯ чи тавр вомехӯрам?

Кондуктор дасти кушодаашро боло карда, китфҳояшро ҷунбонда гуфт:

– Дар истгоҳи оянда мефуроӣ ва ба қафо бар мегарди, шояд вай туро мунтазир шавад.

Ва вай ба байни саворагони автобус рафт, бо қарс-қарси компустар ба мусофирон додани пули роҳро ба хотир меовард.

Истгоҳи оянда тахминан як мил буд; ин даф ман пешакӣ тайёр шудам. Чун автобус ба истгоҳ наздик шуд, ман парида фуромадам. Чанд вақт ман истода, ба чароғҳои сурхи дар ғавсии чанги роҳ паҳншавандаи мошин нигоҳ кардам. Овози мотур хомӯш шуд ва ман бе рафиқам яккаву танҳо дар кӯча мондам, ва намедонистам, ки ӯро чи гуна ёбам. Дар ин дам роҳгузаре пайдо шуд, ман ӯро нигоҳ дошта, куҷо будани истгоҳро пурсидам. Ӯ ба ман нишон дод ва ман даррав ба тарафи нишондодаи ӯ равон шудам, бо уммеди он, ки Фаррух то баргаштани ман сабр мекунад. Ман хостам, ки ба автобуси дигари ба қафораванда савор шавам, вале пул надоштам. Дар бораи масофае, ки бояд тай кунам, фикр намуда, ман давидам.

Фаррух набуд. Ман дар торикӣ истода гиря мекардам. Дар роҳ сели мошинҳо равон буд. Дар истгоҳ мардум интизори автобус буданд, ки ба хонаҳояшон то ба хуроки шом бурда расонад. Ман дар ин шаҳри бегона ба ҳеҷ чиз умед дошта наметавонистам. Фаррух нопадид шуд ва ман дар фикри девонашудан будам. Ҳафтаи охирини моҳи сентабр соли 1969 тамом мешуд, ман ҳаждаҳсола будам. Ба ақидаи ман дар хатти каҷи зиндагии ман ин нуқтаи поёнтарин аст.

Вазифаи наздиктарини ман ёфтани ҷой барои шабгузаронӣ буд. Шаб сар шуда буд, ман пул надоштам. Агар ба масҷид равам, фикр мекардам, ки имом ё ягон каси дигар донистан мехоҳад, ки чаро ман яккаву танҳоям. Ба ғайр аз ин дершуда буд ва метавонистанд полисро даъват кунанд ва аз он ҷо албатта маро ба назди падару модарам бар мегардонанд ва ваъзияти ман аз ин ҳам бадтар мешавад. Агар барои шабгузаронӣ ба ягон боғ равам, аз ман пул талаб мекунанд, ман бошад чизе надорам, кор аз нав боз ба полис мекашид.

Вақти намози хуфтан фаро мерасид ва ман ба қувваи одат итоат карда, ба масҷид рафтам. Чун намоз ба охир расид, ба кӯча баромада, ба куҷо рафтанро надониста гаштам. Баъди ягон дусад метр роҳ канда шуд, аз пешам дарёчаи хушкшуда баромад. Дар соҳил қубурҳои калони битонӣ хобида буданд. Ва якбора дар сари ман фикре пайдо шуд, ки онҳо чандон калонанд, ки дар онҳо хоб кардани ман мумкин аст.

Дар ҳақиқат дар чунин қубурҳо аксар вақт камбағалон зиндагонӣ мекунанд, баъзан моҳҳо ва ҳатто солҳо то даме, ки онҳо дар ягон сохтмон истифода нашаванд. Ин барои ман ҷои хеле мувофиқ буд. Ман ба дараҷае монда шуда будам, ки ин қубури аз роҳ дур истода барои ман ҷойгоҳи мулоимро иваз кардан метавонист. Ман аз каҷдум ва морҳо камтар тарс доштам, зеро онҳо дар чунин вақти гарми сол, ҷойи хунуктар меҷӯянд.Ман дигар илоҷе надоштам. Ҷойи дигаре барои шабгузаронӣ ёфтан наметавонистам ва Худо гуёки ин қубурро махсус барои ман тайёр карда буд.

Ман дар қурбури худ нишаста, ба чароғҳои мошинҳои аз роҳ гузаранда, нигоҳ карда, садои пасти мотури онҳоро гӯш мекардам. Ҳама воқеаҳои рӯзҳои охир дар пеши назари ман аз нав меистод ... ва ҳисси ноумедӣ маро фаро гирифт. Ман ҳама касеро, ки маро ёрдам мекарданд, аз даст додам. Аввал духтари меҳрубон аз бемористон ба ман мактуб дод, аммо ман онро гум кардам. Баъд дар шаҳри бегона ягона дӯстамро гум кардам. Ман тамоман яккаву танҳо мондам. Вале якбора ба сари ман фикре омад, ки Худо албатта ҳамаӣ инро медонад. Ва маро тарс фаро гирифт, ки ногоҳ ягон хел шуда, ӯ ҳам маро гум кунад?

Ман бо овози баланд ба осмон фарёд кардам: „Эҳ Худоё, ту бо ман бозӣ мекунӣ? Ин ҳама чи маънӣ дорад? Чаро ман зиндагӣ мекунам? Ман бояд чӣ кор кунам? Ба ман нишон деҳ, ки ту чӣ гуна нақша барои ҳаёти ман дорӣ? Ман аз ту онро напурсидаам, ки мисли пайғамбарҳо бо ман сухан гӯии, бале ман ҳам фарзанди туям. Мардум маро лоадрияи (агностик С.Н.Б.) якрав, будпараст ва кофир меномад. Худоё, бибар маро чи хеле ки аз ин пеш дустоштагонатро бурдӣ. Ман мехоҳам ҳама чизеро ки бо ман рӯӣ дода буд нақл кунам, ба ту ҳама чизеро, ки бо ман мегузарад, қисса кунам. Худоё, ба ман нигоҳ кун! Ман ҳазорон милро дар ҷустуҷӯҳоям тай кардам. Ман медонам, ки ту дар ман, чун рагҳои хунгард дар вуҷудам ҳастӣ. Бо ман сухане гӯй!

Ман ибодатро бо гиря тамом кардам. Дар лаҳзаи дигар ман аз ҷой хестам. Ман шунидам, ки овози нарму меҳрубоне мегӯяд:

– Ту ҳаққӣ! Ман дар ҳар ҳиссаи мағзу дили ту зиндагӣ мекунам!

Дили ман девонавор мезад. Ман зуд атрофро аз назар гузаронидам лекин албатта, ин овози одамӣ набуд. Хушбахтӣ ва сулҳу осоиш дили маро пур кард. Ман худамро дар осмони баланд парвозкунанда ҳис намудам. Худо маро ғамхорӣ мекунад! Ӯ бо ман сухан гуфт! Ӯ ҳама чизро медонад! Вай маро дӯст медорад!

Вале ба зудӣ ман ба замин бар гаштам. Ҳиссиёти иштироки Худо рафт. Маро фикрҳои аҷибе фаро гирифтанд. Кӣ бо ман дар ин ҷо буд? Ман аз нав атрофро аз назар гузаронидам. Ҷоеро, ки ман менишастам, дарахтон фаро гирифта буданд, дар торикӣ ман ба ман чунин намуд, ки ман дар канори ҷангалам. Оё Худо дар ин ҷо пайдо шуда метавонист?

Ин чи фикрҳои бе маъно. Метавонист Худои, покиза, Худои дастнорас ба ин ҷои ифлос, нолозим, пеши ҷавони чиркини пӯшокаш арақин шуда, биёяд. Ман аз ин фикрҳо худамро гум кардам, вале ин Овоз!.. Овозе, ки гуфт: „Ман дар ту мебошам... “

Ин аз доираи қувваи ман берун буд. Ман аз қубур баромада рост шудам, вале рафтан натавонистам, зеро борон сар мешуд. Ман шамол хӯрдан намехостам. Нохост ман дар назди пойҳоям намӣ ва хунукиро ҳис намудам. Ман аз тарс ҷаҳидам, вале ин саг буд. Ман дар қубур дароз кашида, хеле ғел задам, то даме ки хобам набурд. Вақте ки ман бедор шудам, субҳ буд. Дарёча пуроб шуда, об ба қубур даромаданро сар карда буд. Замини атроф ба лой табдил шуда буд. Аз қӯбӯр баромада, ман ба сӯи масҷиди наздиктарин рафтам. Баъди намоз ман бемақсад дар кӯчаҳо мегаштам, намедонистам, ки чӣ кор кунам. Ман чунон гурусна будам, ки тайёр будам, таъоми боқимондаи косачаҳои сари роҳро хӯрам. Ба хӯрок нигоҳ карда, ман Фаррух ва зиндагиамон дар Лоҳурро ба ёд овардам. Ман бисёр мехостам донам, оё падару модараш аз баргаштани вай хурсанд шуданд ё не? Падару модари ман чӣ? Онҳо хурсанд мегарданд, агар ман ба хона баргардам? Ман ин фикрро аз сарам дур кардам, чунки ман барбир пул надоштам. Ман бе мақсад гаштанро давом медодам. Кунҷкобӣ маро ба он қисми шаҳр овард, ки дар замони ҳукмронии Бритониё минтақаи ҳарбӣ буд. Дарахтон он ҷо бисёр буданд. Дар як тарафи кӯча боғи калони „Ҷаҳондор“ воқеъ буд. Ва дар рӯ ба рӯяш ман лавҳаеро дидам, ки дар он „Калисои Шотландӣ“ сабт шуда буд. Дар ҳар ду тарафи кӯча бо ғавғо фурушандагон ва харидорони мошинҳои истифодашуда савдо мекарданд. Ман кӯчаро гузашта ба калисо наздик шудам. Дар калисо касе набуд, дараш қулф буд. Дар кунҷи ҳавлӣ болои хараке марде менишаст, чанд кудак дар паҳлӯяш бозӣ мекарданд. Онҳо бозиро бас карда, хомӯшона ба ман нигоҳ мекарданд. Мард ба саломи ман ҷавоб надода, пурсид:

– Ту кучо меравӣ?

Ман гуфтам, ки кашишро дидан мехоҳам. Вай дағалона ҷавоб дод, ки кашиш нест ва агар вайро дидан хоҳӣ рӯзи дигар биё. Ман шунидам, ки яке аз бачаҳо гуфт: „Вай мусулмон аст!“ Дигараш розӣ нашуд: „Не вай аз ҷумлаи полиси махфӣ аст!“ Мард дасте ба онҳо афшонд ва онҳо хомӯш шуданд.

– Ин замини шахсӣ аст. Ин ҷо бе иҷозат гаштан мумкин нест. Мо намедонем, шумо кистед? Шумо ҳатто номи кашишеро, ки дидан мехоҳед намедонед.

Дар ин дам ба мо зане наздик шуд, шояд зани ӯ буд, ки аз ман пурсид: – Ту кистӣ? Ту ё ҷосусӣ ё ғоратгар. Магар ту набудӣ, ки дина бегоҳӣ, бо рафиқот духтари маро дашном додед. Чаро ту ин ҷо омадӣ? Рав аз ин ҷо!

Вай ҳамин тариқ давом медод. Ман хостам ӯро ором кунаму гуфтам:

– Бибӣ хонум, ман намедонам, ки шумо дар бораи чӣ мегӯед? Ман аз Панҷоб омадам, ки кашишро ёбам, ки ба ман ёрӣ диҳад.

Вале ӯ гӯш намекард. Мард ҳам ба ман дарафтод ва ман саросима рафтам.

Ман ба боғ даромада, каме нишастам. Баъд ман китобхонаро дида қарор додам, ки он ҷо даромада, рӯзмомаҳои навро дида бароям, вале дар ҳар саҳифа ҳамин як калимаро: „гуруснагӣ“, – медидам бинобар ин хеста рафтам. Рӯз мегузашт ва ман бепарвоёна ба сели одамон нигоҳ мекардам, ки гуруснагиро фаромуш кунам. Бегоҳ наздик мешуд. Ҳисси газандаи гушнагӣ дар меъдаам ба дарди сахте табдил шуд. Ман медонистам, ки ҳатман чизе бояд хӯрам, вале роҳи пайдо кардани хӯрокро намедонистам. Садақа пурсидан наметавонистам. Ман дар боғ нишаста, дидам, ки ду кас аз хараки ҳамсоя хеста, дар болои вай покети ҷигарирангеро, ки хеле калон ва холӣ набуд, монда рафтанд. Ман ба ин харак наздик шуда, назди покет нишастам. Бори дигар ба атроф нигоҳ карда, бовари ҳосил намудам, ки касе ба ман диққат надорад. Бо дастони ларзон покетро кушодам ва дидам...пӯсти мева! Дарди шикамам сахт шуд ва ман покетро дар ҷояш гузоштам.

Дар ин вақт паҳлӯи ман марде нишаст. Вай шахси ботамкин менамуд, ки либоси олуфтаи Аврупоӣ аз матоъи хокистарранги қиммат дошт. Гарданбанд ҳам дошт. Ман ҳама инро дидам ва зуд аз пакет ба дигар тараф нигоҳ карда, вонамуд сохтам, ки ба ҷои дигар нигоҳ мекунам.

– Дар пакет чист? – сард пурсид вай.

Ман тарсидам. Ин мард кист? Намуди ӯ таъсирбахш буд.

– Гуфтам, ки дар покет чист? —такрор кард вай, – ё полисро ҷеғ мезанам.

Калимаи „полис“ – ро шунида боз зиёдтар тарсидам ва пакетро гирифта кушода нишон додам.

Мард абрувонашро ба ҳаракат оварда, ба дарун нигоҳ кард. Ба назар мерасад, ки ӯ чизи дигарро умеди дидан дорад.

– Ин чист? ъ пурсид вай. Ба фикри ман, вай гумон намуд, ки ман аъзои ким-кадом гурӯҳ буда, тарафдоронам бо ин покат чизи муҳимеро дода бошанд. Акнун ӯ бо ман ба чашмони дигаре назар мекард.

– Ту бисёр гуруснаӣ? – бо меҳрубонӣ пурсид вай. Ман сар ҷунбондам, аз шарм ба рӯяш нигоҳ накардам.

– Рафтем бо ман, ъ фармон дод вай, маро аз дастам гирифта бо худ бурд. Мо ба меҳмонхона омадем ва ӯ маро паси миз шинанд.

– Хуб ту чӣ мехоҳӣ? ъ пурсид вай.

– Ман каме хӯрдан мехоҳам, – оҳиста гуфтам ман. Ман гумон кардам, ки аз гуруснагӣ мемурам.

– Чи хӯрдан мехоҳӣ? ъАз нав пурсид вай, вале ман ҷавоб додан наметавонистам, бинобар ин ӯ биринҷ бо гапатис – нони ҳамвори Покистонӣ, бирёнӣ ва чанд хӯроки дигаре фармуд. Миз чун дар рӯзи ид пур шуда буд. Аз бӯи хуши хӯрок, оби даҳони ман ҷорӣ шуд; ӯ бо ишора ба сар кардани хӯрдан таклиф кард. Токи ман мехӯрам, вай оромона нигоҳ мекард ҳеҷ чиз напурсида, ки аз тарафи вай кори меҳрубонона буд.

– Вақте ки ман хӯрокро хӯрдам, ӯ барои ҳардуямон чой фармуда, пурсид:

– Ту чи ном дорӣ? Аз куҷоӣ ва ин ҷо чӣ мекунӣ?

Аз рӯи виҷдон гӯям ман нахостам, ҳамаро ба ӯ нақл кунам. Вале вай ба ман чунон меҳрубон буд, ки ман қарор додам ҳама чизро ба вай гӯям. Фикр намекунам, ки ӯ ба ҳама гуфтаҳои ман бовар карда бошад, вале чун ба охир расонидам, вай гуфт:

– Маъсуд агар хоҳӣ, метавонӣ бо ман кор кунӣ. Барои ман одаме барои корҳои хона зарур аст. Гумон мекунам, ба ту дар хонаи мо хуб мешавад. Ман оила ва се фарзанд дорам. Хайр, ту розӣ ҳастӣ?

Меҳрубонии вай бар ман маъқул шуда буд. Ба ман аз нав чунин намуд, ки Худо ин одамро ба ёрии ман фиристод ва бе дудилагӣ розӣ шудам. Ва магар ман имкони интихоб карданро доштам?

Ӯ Рашид ном дошт ва хонааш аз он ҷо дур набуд. Маро ба зану фарзандонаш шинос карда, ӯ тахтахобро дар долон нишон дод, ки ман бояд хоб мекардам. Ин ҷойи салқин буд, ки ба ман хеле маъқул шуд. Фикр мекунам, ки муносибати дағалонааш ба ман ӯро ғам медод. Ман бошам хеле хурсанд будам. Ман аз нав дар болои сарам бом доштам ва илова бар он касе буд, ки ғами маро мехӯрд. Ман ба ӯ аз самими дил раҳмат гуфтам. Ӯ табассум кард:

– Медонӣ Маъсуд, мо хизматгоре доштем, вале ин маккор гурехт ва эҳтимол аст, ки бар намегардад. Бинобар ин ҳам ҳамаи ин чизҳо дар ихтиёри туст.

Пагоҳи ман дар бораи некукори худ боз бештар донистам. Ӯ ҳимоятгар буд ва дар шаҳр кор мекард, занаш бошад муаллима буд. Ӯ аз сидқидил ба ҷавононе. ки мисли ман бе сарпаноҳ мемонанд ҳамдардӣ мекард, авалин кори кардаи ӯ он буд, ки ба онҳо дар хонаи худаш кор медод. Барои кор ба ман музд намедоданд, илова бар он маро хуб мехӯронданд. Ман ҳис мекардам, ки ҳамаи аъзоёни оила бо ман муносибати хуб доранд. Худованд бори дигар барои ман ғамхорӣ мекунад ва ӯ дар фикри гум кардани ман нест.

Ба фикри ман ҳимоятгар аз кори ман қаноатбахш буд. Боре гуфт, ки ӯ ҳамеша маҷбур буд ба корҳое, ки ҷавонон дар хонаи ӯ мекарданд, назорат кунад, лекин аз кори бовариноки ман хеле хурсанд аст. Ба фикри ман ӯ одамшинос аст ва мефаҳмад, ки ман аз он, ки дар хонаи

ӯ зиндагӣ мекунам хурсандам ва ӯро маҷбур мекунам, ки аз он , ки маро ба хонаи худ овардааст пушаймон нашавад.

Дар хона, мисли ҳамаи хонаҳои сарватмандони Покистон, тартибот ҳамеша риоя мешавад. Яке аз вазифаҳои ман чойи саҳарро тайёр кардан буд. Ман чойро пеш аз он, ки барои наҳорӣ мебаромаданд, ба ҷойгоҳашон меовардам. Баъди наҳорӣ ман бачаҳоро ба мактаб мебурдам. Ба онҳо дар гузаштани роҳ ёрӣ медодам ва нимрӯзӣ аз нав ба хона меовардам. Ин хеле зарур буд, чунки дар назди мактаб ҳамеша кимкадом шахсиятҳои шубҳанок тоб мехурданд ва ба бачаҳо чаққа мешуданд; ҳатто воқеъаҳои дуздидани бачаҳо низ рӯй медод. Бачаҳо маро „бародар" меномиданд ва ман ҳам ба онҳо дил баста будам. Ба ғайри ин ба вазифаҳои ман нигоҳ доштани тозагӣ дар хона, либосшӯӣ, ба мағоза ва бозор барои овардани мева ва сабзавот дохил мешуданд. Баъд аз нимирӯзӣ барои ман каме вақти холӣ мемонд. Ба зудӣ ман ҳисиёти қаноатмандӣ пайдо намуда, чунин ба назарам мерасид, ки ман ба хурсандӣ метавонистам тамоми ҳаётамро ҳаминтавр бигузаронам.

Имрӯз барои ман мушкил аст, ки муносибати ин шахсро ба худам яктарафа қадр кунам. Аз як тараф ӯ ба бачаҳо ёд медод, ки маро „бародар" номанд, вале аз тарафи дигар, ман барои меҳнатам чизе намегирифтам. Эҳтимол аст, ки вай фикр мекард, ки ман худамро аъзои оила ҳис мекунам ва аз ӯ пул пурсида наметавонам. Вале ман бисёр мехостам, ки барои дарсҳоям китоб харам. Ман ба дом афтода будам, гарчанде дар он худро на онқадар бад ҳис мекардам. Вале истиқлолияти худро аз даст дода будам. Ман умед доштам, ки ӯ ягон бор ба ман пуле медиҳад, вале ин умедам амали нашуд.

Чанд моҳ гузашт. Ман акнун Карочиро хуб медонистам. Боре ҳатто ногаҳон, бо бародарони ҳамхуни худам, ки он ҷо зиндагонӣ мекарданд, вохӯрдам!

Ҳар рӯз ман ба хӯҷаин хӯрок мебурдам. Ин дар бисёр шаҳрҳои Покистон қабул шудааст, ки хуроки саҳарии дуввумро ба корхонаи хӯҷаин хизматгорон дар контейнерҳои махсус баранд. Ин хӯҷаинҳоро аз ташвиши бо худ бурдани наҳории дуввум озод мекард, илова бар он хӯрок хеле дертар таёр шуда, вайрон намешавад. Боре ман аз корхонаи хӯҷаин бо контейнери холӣ бармегаштам. Дар он рӯз ронандагони автобусҳо барои боло намудани музди кор коршиканӣ карда буданд. Ман дар истгоҳ истода чӣ кор карданамро намедонистам. Мошине аз назди мо мегузашт ва ронанда якбора таклиф кард, ки маро барад. Ӯ гуфт, ки дар қишлоқ зиндагӣ мекунад дар панҷ милдуртар аз Карочи ва ваъда дод, ки на он қадар дур аз хона маро мефурорад, то ман пиёда ба хона расам. Ман аз таҳтидил ба ӯ ташаккур гуфтам. Рӯзи дуввум ӯ аз нав маро дар истгоҳ дид ва тормуз дод.

– Имрӯз боз дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Ба хӯҷаинам хӯрок бурдан мехоҳам – ҷавоб додам ман.

– Парида савор шав, мебарам.

Ман аз имкони халос шудан аз талотупи автобус хурсанд шудам. Коршиканӣ тамом шуд ва мусофиркашонҳо чун ҳамеша, серодам буданд: одамон чун хӯшаҳои ангур ба дар часпида овезон буданд. Роҳравон вай пурсид:

– Хӯҷаин ба ту чӣ қадар музд медиҳад?

Дар Покистон чунин пурсиданҳо расм набуд ва ман ҳам ҳеҷ хоҳиши ҷавоб додан надоштам, аммо ҷавоб додам, ки ба ман чизе намедиҳанд. Ӯ ҳайрон шуда гуфт:

– Ин хуб нест. Чаро ту бо ман кор карданро санҷида намебинӣ? Якҷоя пул кор мекунем. Ман фикр накарда, розӣ шудам.

Супоришро иҷро карда, ман ба хона баргаштам ва эълон кардам, ки коре бо фурӯхтани дору вобаста бударо пайдо кардам. Ба ҳимоягар ин на он қадар хуш омад, бачаҳо аз ман хоҳиш карданд, ки наравам, вале ман қатъиян майли рафтан доштам. Ба ҳар ҳол ман бо онҳо беш аз нӯҳ моҳ кор кардам, вале ман наметавонистам тамоми умри мондааморо бе пул кор кунам. Баъди ду ҳафта ман ба қишлоқ ба назди ҳамон одам рафтам.

Бегоҳӣ, атрофро дар ҷойи нав тамошо карда дар хонаи нав сӯрати падари худамро дида хеле ҳайрон шудам! Ин сӯрати кӯҳна буд, вале хато кардан мумкин набуд. Аз эҳтиёт нахостам гӯям, ки вайро шинохтам ва ҳамту пурсидам, ин кист?

– Ин падари мо аст

Инро шунида ман карахт шудам. Ман медонистам, ки зани падари онҳо модари ман нест! Ба зудӣ ман фаҳмидам, ки онҳо фарзандони падари ман аз зани пешинаш буданд! Маълум мешавад, ки онҳо чанд сол пеш аз ман таваллуд шудаанд ва фарзандони зани севвуми падарам, ки соли 1947 хонадор шудааст мебошанд.

Ман ба онҳо кӣ буданамро гуфтам. Мо тамоми шаб сӯҳбат кардем. Онҳо ба ман қиссаи ғамангези онҳоро партофта ба шимоли Покистон рафтани падарро баён карданд. Ман ба онҳо қиссаи хонадоршавии падарамро бо модарам ва зиндагии бадбахтонаамонро нақл кардам. Дар рафти ин сӯҳбат ман дар бораи золимии системаи исломӣ фикр мекардам, ки ба мард иҷозат медод чанд зан гирад. Чӣ андоза барои занҳо ин мушкил аст ва чи масъалаҳои зиёде аз ин бар мехезанд! Модари бародарони ҳамхуни ман, қариб тамоман дар сӯҳбат иштирок намекард. Ман қаҳри ӯро зидди худам, ки саргузашти вазнини ӯро аз нав зинда кардам, бедор намудам. Яке аз бародаронам инро ҳис намуда, бо мулоимӣ гуфт:

– Модар, вай гунаҳгор нест. Ту ҳақ надорӣ ӯро бад бини.

Афсӯс, ин таҷрибаи бо бародарони ҳамхун кор кардан, ягон фоида

наовард ва баъди ду моҳ ман ба хонаи ҳимоягар бар гаштам. Оилаи вай маро гарму ҷӯшон пешвоз гирифт.

Якуним сол гузашт. Ман гӯё дар як ҷои шах шуда будам. Ман ҳамчунон мехостам хоҳиши Худоро фаҳмам лекин, эҳтимол ман аз ҳад зиёд ором шуда будам. Ман чун пештара панҷ бор рӯзе намоз мехондам, вале ин бештар аз рӯи одат буд. Поквиҷдонии ман ба хӯҷаин таассуроти муайян гузошт. Ҳангоми рамазон ман ҷидди рӯзаро риоя мекардам. Оилаи ҳимоягар суннимазҳаб буданд ва ба он эътибор намедоданд, ки ман пайрави аҳмадия будам. Ман ба масҷиди онҳо мерафтам ва онҳо зид набуданд.

Ман бисёр серкор будам. Ба назар мерасид, ки доираи вазифаҳои ман дар хона васеътар мешуд, вале мисли пештара дастмузд намегирифтам ва ман барои ин ғам намехӯрдам. Ман ҳамеша ба масҷид мерафтам, бо имом бисёр сӯҳбат мекардам, аз ҷумла дар бораи он ҳам, ки маро солҳо ташвиш мекард. Вале ин одами накукирдор ба саволҳои ман қаноатбахш ҷавоб дода наметавонист. Дар дили ман мисли пештара ноором̄ӣ ҷой дошт. Имом ба ман китобҳо медод. Ман онҳоро дар вақти холӣ мехондам ва онҳо танҳо маро нороҳат карда, ҳисси ғайриқаноатбахшро бедор мекарданд.

Дар ошхона кор карда, гоҳҳо дам гирифта фикр мекардам, ки „магар барои ҳамин ман аз хона рафтам? Магар Худо ҳамин ҷо аст?“

Боре бегоҳӣ ман дароз кашидам, вале хобам набурд. Ҳароратам баланд шуд. Рӯҳам вазнин буд. Ман ғелида фикр мекардам: „Чаро парешонҳол мешавӣ? Ҳаёти ман ягон аҳамият надорад. Мисли он аст, ки Худо ба ман кор надорад. Вай бо ман бозӣ мекунад, чунон мекунад, ки гӯё ба ман ғамхурӣ мекунад ва ҳамон замон аз ман пинҳон мешавад“. Вале якбора ман иштироки Худовандро аз нав ҳис кардам ва суханонеро мешунидам: „Ту чӣ хел зуд таслим мешавӣ“.

Ман дар болои ҷойгоҳ нишаста, атрофро аз назар гузаронидам, вале касе набуд. Ман худамро партофташуда ҳис мекардам. Ба тезӣ маро хӯҷаин фарёд кард, ки барои меҳмон чой тайёр кунам. Ман бехоҳиш бархоста ба ошхона рафтам, танҳо онро мехостам, ки манро ором гузоранд. Аз назди дар гузашта истода ман овози шиносро шунидам. Ин падари Аҳмад буд! Вай ин ҷо чи кор мекунад? Барои чи чунин роҳи дарозеро аз Рабваҳ тай карда омадааст? Ман дар пушти дар истода, шунидам, ки падари Аҳмад мегуфт:

– Ба шумо ташаккур. Падари ӯ фардо меояд. Писар дар куҷост?

Хуҷаин ҷавоб дод:

– Вай ҳозир омада, чой меорад ва шумо метавонед ӯро бинед. Шумо дар пушти он ҷевон истеда Вонамуд кунед, ки китоборо дида истодаед? Вай шуморо намешиносад.

Бо дили девонавор зананда ман аз он ҷо дур шудам. Ман аз ин садо

аз гузашта ҳавотир ва дар тарс будам. Вале чи кор карданро надониста, ба ошхона барои овардани чой рафтам. Ин кори ошно маро хеле ором кард ва ман худро ба даст гирифтам. Вале ҳангоме, ки ба меҳмонхона чой овардам, дастонам меларзиданд.

– Маъсуд чӣ шудааст? – пурсид ҳимоягар.

Бо канори чашм шахси пеши ҷевон истодаро дидам. Падари Аҳмад қариб дигар нашуда буд.

– Хӯҷаин, ҳарорати ман баланд шудааст, – ҷавоб додам ман ва хурсанд будам ки ин ростаст. Ӯ ба сарам даст расонда бовар кард, ки ман дар ҳақиқат тасп дорам.

– Ба хонаи хоб рав ва аз ҷевон доруи аспирин гир, – фармон дод ӯ. Ман ба падари Аҳмад назар накарда баромадам. Зани хӯҷаин дар хонаи хоб бо хондани маҷалла машғул буд, вақте ки ман ба дар тақ-тақ кардам:

– Даро Маъсуд, – ба шодӣ ҷавоб дод вай. – Чӣ шудааст?

Чун донист, ки чӣ шудааст, ба ҷевон ишора намуда, гуфт:

– Аспирин, мана дар он ҷо. Чун ту дар ин ҷо ҳастӣ, марҳамат карда аз шишачае, ки дар паҳлӯи аспирин аст, як дору бидеҳ. Ман бояд як дона хӯрам, хобам намебарад.

Ман аз шиша доруро гирифта, чи хеле, ки ӯ пурсида буд, додамаш. Ӯ онро фурӯ бурда, дароз кашид. Ман ба ӯ назар кардам-чашмонаш хоб буданд. Намедонам, чи тавр шуд, вале ман беихтиёрона шишачаро бо доруи хоб ба кисса гузошта, аз дар баромадам. Соҳибхоназан чизе пай набурд.

Ман ба хоначаи худам баргашта, дар тахтакат нишастам ва шишачаи ҳамворро дар дастам чарх занондам. Ман доруҳои сафеди даруни вайро шумурда, фикр кардам, ки чӣ хел аст ҳамаи онҳоро якбора фурӯ бурда, ба хоби абадӣ рафтан. Ин андешаи ба хоби абадӣ рафтан, ногоҳ барои ман шавқовар намуд. Суҳбати соҳибхонаро бо падари Аҳмад ба хотир оварда, ман то чӣ андоза бадбахтона будани ҳаёти худро тасаввур намудам. Маро ягон кас аз таҳти дил дӯст намедорад. Ҳама дар орзуи онанд, ки ба ман дарде расонанд. Мана акнун падарам ба Карочӣ меояд, ки маро ба Рабваҳ барад. Дар он ҷо маро чи мунтазир аст -ҷазои бераҳмона ва ҳатто марг ҳам. Аз ҳама тараф ба ман бо қаҳр душманон нигоҳ мекунанд ва садои онҳоро мешунавам: „Марг“, „Марг“! „Ту ҳуқуқи зиндагӣ надорӣ. Чаро ту намемирӣ?“

Чанд бор дар ин шаб ман шишачаро ба даҳонам наздик бурдам, то ҳамаи доруҳои фурӯ барам. Ман аз марг наметарсидам, маро танҳо ин ба тарс меовард, ки ҳамаи онҳоро фурӯ бурда, ман зинда монда, ба чанги падарам меафтам. Ба ман гурехтан даркор. Оқибат, хурӯсҳои ҳамсоя фарёд карданд ва равшании сусти субҳи апрел ба хонаи ман даромад. дер кардан мумкин набуд. Ман портфели кӯҳнашудаамро

баровардам, ки аз хизматгори пешин мондааст. Ман дар вай шишачаро ва, ким-кадом қоғазҳои худро гузошта нӯк-нӯки по ба сӯи дар равон шудам. Дар хона ҳама хобида буданд, касе маро надид. Дарро кушода, аз он ба боғ баромадам ва баъди дақиқае дар кӯча будам. Ман дар ин торикии субҳ меистодам, – қариб бист сола будам, вале на оила, на кор ва на оянда доштам. Боз як боби ҳаёти ман ба охир мерасид.

# 9
# Дар пушти остонаи худкушӣ

Ман, аз хунукии пагоҳирӯзӣ ғунча шуда таваккалӣ мерафтам. Шаҳр бедор шуда, ба рӯзи нави барои ман тамоман холи таёри медид. Фикр дар бораи омадани падарам ноумедӣ меовард. Ман аз нав дар бораи шишачаи хурд фикр кардам, ки доруи сафед дошта, дар потфел мехобид. Дар мағзи сарам аз нав овози ҳилагар садо дод: „ ... ҳамаашро фурӯ бар... Бихоб, бихоб..."

Наздикии соати даҳ ман ба ошхонае хурде даромадам, ки дар Покистон чунинҳо ҳар куҷо, ки зарураташон буд, пайдо мешуданд. Ин ба коргарони сохтумон хизмат мекард, ки ин ҷо барои чизе хӯрдан ва чой нӯшидан меомаданд. Вай дар як пора замини хурди миёни иморатҳои калон сохта шуда буд. Дар он ҷо танҳо нишаста, фикр мекардам, ки барои ба поён расонидани зиндагӣ бисёр ҷойи мувофиқ аст, „чунки қарори ман дар он бора қатъӣ буд. Супориши чой дода, ман шишачаро бо дору аз потфел баровардам. Чун ба онҳо аз нав нигоҳ кардам, ба ман чунин менамуд, ки марг ба рӯи ман механдад. Андак вақт ман дар андеша ва интизори он будам, ки кай чой ва, чунон ки дар миёни мо расм шудааст, пиёлаи об меоранд. Оқибат ман қарор додам, ки тарсро дар пеши он, ки шояд ман намемурам, дур кунам. Ман дар бораи он заррае фикр намекардам, ки баъди марг чӣ мешавад. Ман мехостам, бо ин роҳ аз зиндагӣ гурезам.

Дигар фикре накарда, даҳони шишаро кушодам ва ҳамаашро ба доҳонам рехта, аз болояш об нӯшидам. Лаҳзае маро воҳимаи тарс фаро гирифта, баъд бепарвогии умумӣ вайро иваз кард. Ман бесаросемагӣ чойро нӯшидам. Ва баъд қоғазеро гирифта, бо қалам навиштам: „Ман умедро гум кардам. Дигар чора надорам. Ман қарор додам, ки ин ҷаҳонро тарк кунам. Медонам, ки дар ким куҷое Худо ҳаст, вале ман ба ӯ даркор нестам. Дигар роҳе барои ман нест".

Ман имзои худро зери ин навиштаи ғамовар монда, варақро ба кисаам гузошта, пули чойро дода, баромадам. Фикри ман сари он буд, ки баъди мурдани ман ин навиштаро меёбанд ва ақалан касе донистан метавонад, ки чаро ин воқеъа шудааст. Вале пеш аз ҳама ман мехостам ҷои беодаме ёбам, ки пеш аз вақт касе маро наёбад ва пеши табиб набарад.

Вақте ки ман аз роҳ мегузаштам, ба назарам мерасид, ки хонаҳо рақс мекунанд, чун мастон, яъне таъсири дору сар шудааст. Ман медонистам, ки чӣ шуда истодааст ва чун ҳайвони захмхӯрда, ҷои мурдан мекофтам. Ман ба кӯчаи дигар гузашта, ба чапу рост назар кардам,вале ҷои дароз кашидан набуд. Кӯча васе ва дарон дарахтҳо шинонда будан; Хонаҳои шахсии баланд нишони он буданд, ки ин ҷо хонаҳои одамони боӣ аст. Дарбонҳои баъзе хонаҳо бо шубҳа ба ман назар мекарданд, эҳтимол маро аз ҷумлаи дуздбачаҳо гумон мекарданд.

То он замон, ки ман ба кунҷи хонае расидам, дигар рост истодан бароям мушкил буд. Чӯберо дошта, овози занонаро шунидам, ки хавотир шуда пурсид:

– Чи шуд? Ҳоли шумо хуб нест?

Ман ба овоз рӯ гардонда дар болои боми ҳамворе зани ҷавонеро бо рӯи дилкаш дидам. Гар чанд ин ғамхорӣ таъсирнок буд, алаккай дер шуда буд.

– Шояд ин гармӣ ба шумо чунин таъсир мекунад. Марҳамат, ба ин ҷо дароед, – гуфт вай.

Ман дидам, ки вай аз бом фуромада дар поён дар кушода шуд. Вай пеши дарвоза омад. Акнун ман дар ҳақиқат тарсида, хостам гурезам, вале ҳаракат кардан натавонистам. Пойҳои ман чун биринҷи пӯхта буданд. Ман кӯшиши қадам гузоштан кардам ва лаҳзае гумон намудам, ки ман дар ҳаво қадам мегузорам. Ва баъд торикӣ фаро расид.

Вақте ки ман аз нав чашмонамро кушодам, ҷаҳони атроф пур аз соя буд. Дар сари ман фикри норавшане гузашт, ки ман дар ҷаҳони дигарам, вале ақли ман равшан шуд ва ман фаҳмидам, ки дар хонаи салқине мебошам, ки ба ғайри ман боз занону кӯдакон низ будан. Пеши тахтакати ман духтур менишаст. Ӯ табассум кард ва пиёлаи калонеро бо об ба ман дароз карда, гуфт :

– Ку ҷура, инро нӯш.

Ман кӯшиши нӯшидан кардам, вале натавонистам. Баъд ӯ ҳамаро хоҳиш кард, ки аз хона бароянд. Боз як каси дигар наздик шуд. Эҳтимол ин ёрдамчии духтур буду маро дастгири мекард ва духтур рӯдаи дарозеро ба ҳалқи ман медаровард, то меъдаамро шӯяд. Ман бисёр зӯр мезадам ва ба худам марг мехостам. Ман намедонистам, ки духтур мумкин чи кор медонист ман кардам.

Ин амалиёт понздаҳ дақиқа давом кард, вале барои ман аз понздаҳ соат дарозтар намуд. Дар охир духтур ба ман сӯзандору гузаронида, ба занон иҷозат дод, дароянд. Онҳо бо шитоб ба хона медаромаданд, то меҳмони ногаҳониро бинанд. Дар сурати яке аз онҳо ман ҳамон зани меҳрубонро шинохтам, ки маро даъвати даромадан карда буд ва фаҳмидам, ки ман дар хонаи ваям. Дар атрофи вай кӯдакон ҷамъ шуда, воқеъаи гузаштаро баланд муҳокима мекарданд. Онҳо ӯро Апи

мегуфтанд. Ӯ духтурро самимона ташаккур гуфт, ки дар ҷавоб вай гуфт:

– Ман ҳеҷ кай инро ба хотири каси дигар намекардам. Агар ин ҷавон мемурд, ман аз касби табобатӣ маҳрум мешудам. Ин воқеъаи ҷиноятӣ буд.

Танҳо акнун фаҳмидам, ки ин мардум барои ман худро дар хатар гузоштаанд. Духтур баъди чанде рафт ва ман дар тахтакати бегона, миёни мардуми ношинос мондам.

Онҳо пурсупоси манро сар карданд, вале ман аз сӯзандоруи духтур хоболуднамо будам, то аниқ чизе гӯям. Маро алакай хоб мебурд, ки овози мардонаро шунида, рӯяшро дидан наметавонистам. Ман аллакай хоб будам.

Вақте ки ман бедор шудам, аллакай торик шуда буд. Ман худро хеле беҳтар ҳис намудам. Фикрам хеле рӯшан шуда буд, ки атрофиёнро фарқ намоям. Ман дар хонаи калоне мехобидам, ки зебо оро ёфта буд. Ман фикр кардам, ки худи Худованд мани мурда истодаро ба хонаи ин мардуми меҳрубон оварда, то онҳо маро ёфта ба зиндагӣ баргардонанд. Ин фикр ба ман маъқул омад ва бо вуҷуди он, ки чанде пештар ман маргро орзу мекардам, акнун барои ҳаёт онҳоро офарин мегуфтам.

Ман аз ҷойгоҳ бархостам, чунки худро хеле беҳтар ҳис менамудам. Бархостани маро шунида, ду мард ба хона даромада, худро шинос карданд. Яке аз онҳо соҳиби хона, ҷаноби Курешӣ буд. Ман ӯро аз тахти дил барои меҳрубонияш ба худам ташаккур гуфтам. Ӯ табассум намуд ва ба саволи ман, ки кай метавонам равам ҷавоб дод, ки дар ин бора дертар сӯҳбат мекунем.

– Алҳол, Маъсуд ту бояд ин ҷо монӣ. Агар ҳама чиз хуб шавад, ту пагоҳ метавонӣ биравӣ.

Дар ин бегоҳ мо хеле сӯҳбат кардем. Қиссаи ғамангези ман дар тамоми бино паҳн шуд. Ман мешунидам, ки мардум оҳиста дар бораи ман бо ҳамдигар сӯҳбат мекарданд. Вақте ки ман нақл мекардам, ки ман Худованди ҳақиқи ва пайравонашро чӣ гуна меҷустам, ҳама ҳайрон мемонданд. Занон хавотир шуда рӯяшонро бо даст мепушонданд. Пеш аз он, ки барои хобидан равад, ҷаноби Курешӣ ба ман гуфт:

– Маъсуд, хонаи мо барои ту ҳамеша кушода аст. Мо хурсанд мешавем агар ту бо мо зиндагӣ карда, яке аз фарзандони мо бошӣ. мо мусулмонем ва бо ин фахр мекунем, барои он, ки ҳақиқат ин ислом аст, чӣ тавре ки ту ба ин дар оянда бовар мекунӣ. Танҳо ислом метавонад, хурсандӣ ва қаноатмандӣ биёрад. Ин ҷо ту метавонӣ, ки бутпарастии (аҳмадия) худро фаромӯш карда, ҳақиқатро пайдо кунӣ.

Ӯ инро бо қаноатмандии калон талаффуз намуд ва Апи бо ӯ розӣ буд.

– Ин ҳақиқат аст, Маъсуд, бо эътиқод ва ғайрат ҷустуҷуро давом кун ва аз ҳеҷ чиз натарс. Ба ту омад кардааст, ки Худо ба ту роҳи

ҳақиқати ҳаётро нишон додааст. Ту аз бутпарастон ҷудо шудӣ, дар ин ҷо душворие барои ҷустуҷӯи ту нест. Акнун, барои ҳама вақти хоб шуд. Дер шудааст.

Писарчаи хизматгор ҷои хобамро ба ман нишон дод. Лаҳзае дар даргоҳ шах шуда мондам. Ба ман чунин намуд, ки ман дар хобам. Хона ба хонаи беҳтарини меҳмонхона монанд буд. Ин ҷо тахтаи нарми хоб, миз, ки дар рӯи вай ман навишта ва хонда метавонистам буданд. Ҳуҷра ҳатто ҳамоми ҷудогона дошт. Фикри ман аз нав ба Худованд шуд. Вай чӣ қадар пешгӯинашаванда аст! Чанде пеш ман дар роҳ чун саги мурда мехобидам, акнун ман серупур,фаровон ва бороҳат ҳаёти нав сар мекунам.Дар ҷевони назди девор, ба хушбахтии худ ман бисёр китобро дидам. Ман шитобон аз хона гузашта, ба номи китобҳо назар кардам.Инҳо китобҳои таълимоти исломӣ бо муқоваҳои пурқиммат буданд. Шарҳи Қуръон бо Ҳадис (китоби воқеъаҳои ҳаёти Муҳаммад (с)) ва дигарон буданд. Ман барои соатҳое, ки ба омӯхтани ин китобҳо бахшида мешуд, шодӣ мекардам. Чашмонам аз ашк пур шуданд ва ман Худоро аз тамоми дилу ҷон офарин гуфтам, барои он, ки ба ман ба ҷои иҷозати мурдан диҳад, бароям ҷаҳони наверо кушод.

Рӯзи дигар ман саҳари барвақт бедор шудам. Дар ҳамоми шахси шустушӯй карда, ман ҳис намудам, ки ҳама фикрҳои омехтаи дирӯза парида рафтаанд. Ман бо ҳамаи оила наҳорӣ хӯрдам ва баъд аз он, ки ҷаноби Курешӣ ба кор рафт, ҳамсари ӯ ба ман гуфт:

– Ману ту имрӯз ба бозор меравем. Ба ту пӯшоки нав харидан даркор.

Ман аз меҳрубонии ин зан дар ҳайрат монда будам ва фикре дар хотирам барқ зад, ки инро ҳам Худо мекунад. Вақте ӯ меҳрубон аст, ҳама ҷаҳон меҳрубон мешавад. Агар Худованд касеро боло мебардорад, касе ӯро паст карда наметавонад. Барои ман фаҳмидани ин мушкил буд, як чизро хуб мефаҳмам, ки Худованд бо кадом сабабе хост ба ман меҳрубонии худро ва чӣ гуна ғамхори ман аст нишон диҳад. Пайи ин дигар андешаи ташвишовар омад, ки дар ҳақиқат ӯ ҳеҷ кай ба ман меҳрубониашро кам накардааст, ва ман танҳо акнун роҳи ӯро пайдо карда истдаам. Ман аз пушти хонум Курешӣ мерафтам, пур аз шодию хурсанди. Ба назари ман менамуд, ки тамоми мардуми саросимаи пурғавғои бозор ба ман табассум мекунанд. Вақте соҳиби мағоза фаҳмид, ки ман бо ин хонуми боэҳтиром омадаам, ӯ ҳамаи ҳунарашро нишон медод, ки ба ӯ маъқул шавад. Кутоҳ карда гӯям, вақте ки ман ба хона бар гаштам, худро мисли сару либоси шоҳона пӯшида, тасаввур мекардам.

Курешиён аз рӯзҳои аввал маро дӯст доштанд. Касе ҷустуҷӯҳои маро маҳкум намекард, баръакс ҳама ба ман меҳрубон буданд ва кӯшиш мекарданд, ки ёрӣ расонанд. Акнун он замонро ба хотир оварда, Худоро

шукр мегӯям, ки ба ман он чиро ки дар ҳамон дам бароям зарур буд, дод. Бешубҳа, барои он, ки ман ӯро пайравӣ кунам, муҳити мунназами пур аз муҳаббате лозим буд, ки дар ин хона онро ёфтам.

Дар Рабваҳ ман маҷбур будам, ки танҳо китобҳои аҳмадияро омӯзам, ҳатто тавсирҳои Қуръон аз нуқтаи назари таълимоти аҳмадия навишта шуда буданд. Акнун ман имконият пайдо кардам, ки ба ин чизҳо аз тарафи дигар ҳам нигоҳ кунам ва ман бо дилгармӣ ба ин сар кардам. Ҳар рӯз ман вақти зиёдеро пушти миз дар хонаи худам дар омӯзиш, муқобил гузорӣ, таҳлил ва қайди фикрҳоям мегузаронидам. Бегоҳиҳо ман тадқиқотҳои худро бо Ҷаноби Курешӣ муҳокима мекардам. Ман ба хулосае омадам, ки вай марди бисёр маърифатнок ва дар ақидаҳои худ истувор аст. Ва тамоми ин давр дили ман ба сӯи Худо нигаронида шуда буд.

Ҳамин тавр бисёр мувофиқ барои ман ду моҳ гузашт. Курешиҳо маро пурра қабул карда ҳатто дӯст доштанд. Онҳо маро дар хона кор карданд намемонданд, бо вуҷуди он, ки ман бисёр мехостам, коре хубии онҳоро баргардонам.

– Оҳ, не Маъсуд, – мегуфт Апи, – ту метавонӣ чӣ қадаре, ки хоҳӣ ин ҷо монӣ ва омӯзиши ҳақиқати исломро давом диҳӣ. Хизматгорони мо зиёдад, ту барои мо чун писарӣ, на хизматгор. – Ва ӯ меҳрубонона ба ман табассум мекард.

Боре ҷаноби Курешӣ маро барои гуфторе даъват кард.

– Мо дар бораи ту маълумот ҷамъ кардем, Маъсуд, – ба сухан сар кард ӯ ва дилам гӯё афтод. Наход ба ман аз ин ҷо рафтан лозим мешавад? Ман бо заҳмат давоми сухани ӯро мунтазир будам.

– Ман падару модари туро огоҳ кардам, Маъсуд, ки агар онҳо туро қарорр намонанд, ба нохушӣ дучор мешаванд. Бовар дорам, ки ту барои ба онҳо чунин сухан гуфтанам, хафа намешавӣ. Ман фикр кардам ки ин бароиояндаи ту хуб мешавад.

Ман нафаси чуқур кашидам. Ӯ ҳолати беқарории маро ҳис карда, оромона ба дасти ман расид.

– Ака, шумо бисёр меҳрубонед, – гуфтам ман, – вале ба ҳар ҳол агар шумо зид набошед, ман мехостам, ки ягон кор пайдо кунам.

Ӯ абру чин кард.

– Маъсуд чӣ гап аст? Ба ту пул лозим аст?

– Ин сабаби асоси нест, – оҳиста ҷавоб додам ман, – ман мехоҳам, худамро таъмин карда тавонам ва бори шумо нашавам.

Шояд ӯ маънии сухани маро, ки ман мустақил шудан мехоҳам, фаҳмид, чунки дар сухани ӯ гармии пештара вуҷуд дошт, ӯ ҷавоб дод:

– Хӯш Маъсуд, ки хоҳиши ту қонунӣ аст. Ман барои ту ягон кор меёбам.

Дар соли 1971 зиддият байни Ҳиндустон ва Покистон барои статуси Покистони Шарқӣ ба нуқтаи олӣ расида, ки дар декабри ин сол ба

саршавии ҷанг ва таъсис ёфтани давлати Бангладеш овард. Чанд моҳи пеш аз ин ҳодисаҳо дар шаҳр нооромӣ ҳис карда мешуд. Чеҳраи мардум ташвишомез буд ва онҳо бовари доштанд, ки ҷанг сар мешавад. Ман доимо ба кор мерафтам ва ҳама вақти холии худро ба машғулият ва гуфтугу бо олимони исломӣ, ки ҷаноби Курешӣ бо ман шинос карда буд, мегузаронидам.

Ва мана зимистон ҷанги ҳақиқӣ сар шуд. Қариб ҳар шаб ҳуҷумҳои ҳавоӣ мешаванд, бонги хатар баланд садо медод, мардум ба паноҳгоҳ саросема мешуд.

Боре шабона ман дар таҳхона менишастам, мешунидам, ки дар кимкуҷои на он қадар дур бумбоҳо метаркиданд. „Шояд ин лётчикҳои ҳиндӣ хеле ҷасуранд“, – фикр кардам ман, гӯшҳоямро бо ангуштон маҳкам мекардам, ки садои таркишҳоро нашунавам. Чун ҳарвақта ман бо калимаҳои ошнои арабӣ аз ибодати мусулмонӣ дуо мекардам. Дар он шаб ман Имои Мофасиро аз тавбаи динӣ мехондам. Вале дар ин дафъа баъди ҳар оят фосилае гузошта, ба худ саволҳо медодам.

– „Ман ба Худо бовари дорам“, – баланд мехондам ман. – Оё ин чунин аст? Магар дар ҳақиқат ман бовари дорам? – Дар дилин медонистам, ки бовари дорам. Ман ба қисми дигари матн мегузаштам.

– „ ...ва фариштаҳои вай“, – мехондам ман. – Албатта ман ба онҳо бовари дорам.

– „ ...ва китобҳои вай“. Ҳа, гуфтам ман бо боварӣ ба хотир овардам, он чиро, ки ба ман дар хурдӣ омӯхта буданд.

Вақте ки садои хатари ҳавоӣ хомӯш шуда воситаҳо аз поёни хатар огоҳ карданд, ман бо фикри чуқур аз таҳхона баромада, ба хонаи худ даромадам. Пеш аз он, ки равшаниро фурӯзон кунам, пардаҳои тирезаро овехтам, ки аз берун рӯшанӣ дида нашавад, ман ба ҷойхоб даромадам. Вале хобам набурд. Аз ҷойгоҳ бархостам ва чароғи рӯимизиро фурӯзон кардам, ӯро бо дастпоккун печондам. Тавакалӣ саҳифаҳоро гардонида, ба ногоҳ хондам: „Ай касоне, ки имон овардаед ба Худованд ва ба пайғамбари ӯ ва китобе, ки бо Ӯ фиристодааш ва китобе ки аз ин пеш фиристодааст, имон биёваред. Ҳар кас ки ба Худованд ва ба фариштагонаш ва китобҳояш ва пайғамбаронаш ва рӯзи бозпасин бовар намекунад, ба гумроҳии дуру дарозе афтодааст“ (4.136)

Ман болои ин калимот шах шуда мондам, дилам ба шиддат мезад.Инҳо чӣ маънӣ доранд? Ман медонам, ки маҳз барои калимоти Худо дар Рабваҳ бо волидайнам нофаҳми пайдо кардам. Онҳо тасдиқ мекарданд, ки ба Китоби Худованд бовари доранд, вале дар ҳақиқат ба ҳеҷ восита ба ӯ бовар намекарданд. Онҳо танҳо дар гуфтор иқрори забонӣ доштанд, вале бовари худро дар ҳаёт тадқиқ намекарданд. Ман бошам аниқ медонистам, ки Худованд гуфтааст, Инҷиле, ки дар малакут аст, ҳаст-китоби: „ ...равшангар ва раҳнамое барои мардум“

(сураи 6.91, сураи 40.53) ва „китобҳои равшангар“ (Сураи 37.177). Баъд калимоте аз сураи 5.46 „Ва ба дунболи ишон Исӣ бинни Марямро фиристодем, ки гувоҳидиҳанда бар ҳаққонияти Таврот буд, ки пешопеши ӯ буд. Ва ба ӯ Инҷил додем, ки дар он раҳнамуд ва нуре ҳаст ва далели ҳақиқати Таврот аст, ки пешопеши он равона шуда аст ва роҳнамо ва пандомӯзи барои худотарсҳо аст“.

Бонги хатари ҳавоӣ фикрҳои ларзонаки маро қатъ намуд ва ман дили нохоҳам чароғро хомӯш кардам. Дар торикӣ нишаста, фикр кардам: „Чанд маротеба ман ин калимотро чун тӯтии сухангуӣ такрор кардам, вале танҳо имрӯз, вақте, ки ҳама диққатамро ба он равона кардам ба маънояш сарфаҳм рафтам“. Ногаҳон дар сари манхоҳиши гарми хондани Китоби Муқаддас бо назари нав пайдо шуд. Ҳа ман медонам, ки олимони исломӣ вайро таҳрифшуда ва дигаркарда меноманд. Вайҳо на якбор маро хабар карда буданд, ки омӯзиши Китоби Муқаддас дини моро беэътибор ва вайрон мекунад. Вале дилам ба ман тамоман чизи дигарро мегӯяд.

Агар эътиқоди ман ягон қимате дорад, вай бемалол зиндагӣ мекунад. Вай чун рег сусту бемадор нест ва агар аз даст афтод ба садпора ҷудо намешавад! Агар ту дар ҳақиқат ба Худои ҳақиқӣ эътиқод дорӣ, ман ба худам гуфтам, ҳама чиз мувофиқи мақсадат мешавад. Ман ҷиддӣ омӯхтани ин саволро қарор додам. Ба ман зарур буд, ки Китоби Муқаддас ва Қуръонро муқоиса кунам.

Дар охирон, муҳокима мекардам ман ғурроси марговари дастгоҳҳои зенитиро гӯш карда, агар Қуръон ба ман эътиқод кардани Китоби Муқаддасро маслиҳат диҳад, пас дар даври Муҳаммад (с) вай таҳрифшуда набуд. Ва агар ман гӯям, ки вай дертар таҳриф карда шуд, ман саркаши карда ба Худо бовар надоштанамро баён мекунам. Оқибат, агар Худованд бовар дошт, ки гуфтори ӯ минбаъд таҳриф мешавад, онро чунин баланд намегузошт. Чунин буданд фикрҳои ман.

Дар ҳар ҳол, ба ман зарур буд, ки аз нав Китоби Муқаддасро ба даст оварам.

# 10

# Китоби Муқаддас ва Қуръон

Вақте ки ман рӯзи дигар бедор шудам, аввалин фикри ман ин буд, ки Китоби Муқаддас пайдо кардан даркор. Ҷойи беҳтарин барои ба даст овардани вай ҳамон калисои шотландӣ буд, ки ман дар рӯзӣ аввали ба Карочӣ омаданам даромада будам. – Калисои Шотланӣ Лидрояи шимоли

Даррав баъди наҳорӣ ман он ҷо шитофта, умед доштам, ки касеро меёбам, ки ба ман ёрӣ расонад. Вале маро дар он ҷо ноумедӣ фаро гирифт, зеро калисо маҳкам буд. Ман ҷасоратеро надоштам,ки касеро кобам. Ноумедона ман ба кӯча мерафтам, то даме, ки аз тарафи рост калисои дигареро бо унвони Методикаи марказӣ надидам. Бе дудилагӣ, бо фикри он, ки дар ин ҷо Китоби Муқаддас ба даст меорам.ман ба дарвозаи кушодагӣ даромадам,

Чор марде, ки назди даромадгоҳ сӯҳбат доштанд, бо наздикшавии ман хомӯш шуданд. Аниқ онҳо донистанд, ки ман мусулмонам, зеро назарашон он қадар меҳрубонона набуд. Ман салом карда ба шахси ба ман наздиктар буда, муроҷиат кардам:

– Мебахшед, шумо наметавонед дар пайдо карданӣ Китоби Муқаддас ёрӣ диҳед?

Яке аз онҳо ҷавоб дод:

– Чаро шумо ба Ҷамъияти Китоби Муқаддас муроҷиат намекунед? Онҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд.

Ман бори аввал дар бораи чунин ҷамъият шунидам, бинобар ин суроғаашро пурсидам. Ба ман куҷо рафтанро гуфтанд, вале ин ноҳияи Карочӣ ба ман ошно набуд ва ман бошад ҳар чи зудтар мехостам Китоби Муқаддасро пайдо кунам.

– Шумо наметавонед барои якчанд муддат Китоби Муқаддасро ба ман диҳед? – бо умед пурсидам ман. – Хамин, ки хонда шудам ба шумо бар мегардонам.

Одам ғазабнок шудан гирафт.

– Чун шумо дар ҳақиқат Китоби Муқаддасро хондан хоҳед, чаро вайро намехаред? Вале ҳамаи шумо якхелед. Шумо ҳама хондан мехоҳед, вале касе харидан намехоҳад, -гуфт вай ғазаболудона.

Маро чунин ранг гирифтани кор ба ҳайрат овард.

– Ман пулашро медиҳам, – сард ҷавоб додам ман. Дар ин маврид боз ду нафар омада сӯҳбатамонро гӯш мекарданд.

– Эй Ҳазрат, ба вай Китоби Муқаддас диҳед, – масхараомез гуфт яке аз онҳо. Ман дидам, ки ӯ ба рӯи ман механдад, вале дигарон маро ҷидди гӯш мекунанд ва ман хостам фаҳмотар ба онҳо нақл кунам, ки баррои чӣ ба ман Китоби Муқаддас зарур аст. Кашиш бодиққат маро гӯш карда, номамро пурсид.

– Рафтем бо ман, Маъсуд, дар ҳуҷраи ман сӯҳбат мекунем.

Ӯ маро ба нишастан даъват кард ва ман қиссаро дар бораи ҷустуҷӯҳоям давом додам. Ӯ маро бо диққат гӯш карда ва вақте, ки ман аз нав хоҳиш кардам ки ба ман Китоби Муқаддас диҳанд, ӯ бе дудилагӣ аз ҷевон китобро гирифта, дар дасташ дошта гуфт:

– Масъуд, ин китобро муҳофизат кун. Ин сухани ҳаёт аст.

Ман бо ташаккур китобро гирифта, ба ӯ пул додан хостам, вале ӯ сарашро ҷунбонид:

– Сӯхани ҳаёт бе пул дода мешавад ба касе, ки сидқан ӯро меҷӯяд,— гуфт вай бо нармӣ ва бархост. – Ин китобро гир, бо диққат хон, вай рӯҳи туро пур мегардонад.

Ман бо таҳсин Китоби Муқаддасро ба синаам зер кардам. Дар ин вақт ҷаноби солхӯрда, ки инчунин дар ҳуҷра буд, маро ба ибодат ба якшанбеи дигар даъват кард. Ман ваъдаи омадан додам ва ба онҳо хайру хуш карда, рафтам.

Бегоҳӣ аз ахбор шунидем, ки дар бораи анҷом ёфтани ҷанг эълон шудааст. Ҳама дилҳо аз шодӣ ва хурсанд лабрез гаштанд. Вале қоидаи равшаниро паноҳкунӣ ҳоло амал мекард ва пеш аз он, ки ба хондани Китоби Муқаддаси нав сар кунам, тирезаро бо матои ғафс ва чароғи болоимизиро бо дастпокун боэҳтиёт пӯшондам. Инро карда, хонданро сар кардам. Ман китоби Муқаддасро таваккалӣ кушодам ва аз китоби Ҳастӣ сар кардам. Калимоти нахустин диққати маро ҷалб намуд. Дар ин ҷо ҳам ҳамон қувваи осоишкоронаи Худованд буд, ҳамон офаридани замину осмон ва ғайра: „Ҳамаш чи хел, ки дар Қуръон“ фикр кардам ман ва навиштаҷот ба ёдам мерасид: «Вақте ки ӯ чизеро офаридан мехоҳад, ҳамту оддӣ мегӯяд: „Шав“ ва он мешавад“.

Дар он бегоҳ ман пурра бо хонданам овара шуда аз ҳаршаба хеле дарозтар машғулият кардам,. Замоне ки дар охир китобро пӯшидам, чашмони ман медурахшиданду,Ы фикрҳо меҷӯшиданд. Ба ман чунин намуд, ки дар пеши ман маросими оқсақолҳо ҷилвагар мешуд. Ҳамон пайғамбароне, ки дар Китоби Муқаддас ёдоварӣ мешаванд, бо ман аз хондани Қуръон ошно буданд. Ҳамон Нӯҳ, Иброҳим, Лӯт. Ҳамон Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб ва Юсуф. Ҳамон тоърихи Мӯсо бо Фиръавн. Ҳамон Ҳорун.

Ҳамон Довуди Забурхон, навиштаҷоти қадимӣ ...
Ҳамон Сулаймон ва ҳиммату дониши ба ӯ дода ...
Ҳамон Айуб ва ҳатто ҳамон Юнус.

Дар он бегоҳӣ ба ман чунин намуд, ки ҳамаи Аҳди Қадим тафсири Қуръонро ба хотир меорад.

Чанд рӯзи баъди ин ҳам бо шавқ омӯхтани Китоби Муқаддас пур шуд. Ҷаноби Курешӣ ҳис намуд, ки ман бештари вақти худро дар хонаам мегузаронам ва каме хавотир шуданд, аммо бо вуҷуди он чизе намегуфтанд. То он замон чанд масъалаи муҳим барои ман кушода гардид. Масъалан, Ислом таълим медиҳад, ки пайғамбарон комилан ҳаёти бегуноҳона ба сар бурданд, вале чи қадар бештар Китоби Муқаддасро меомӯхтам, бештар бовар мекардам, ки дар ин ҷо онҳо дар шакли тамоман дигар, чун одамони маҳкуми марг ва сустиҳои табиати одамӣ дучоршаванда нишон дода мешаванд. Барои ман аҷиб буд тасвири [1]шаҳвати Довудро хондан, ғазаби Ирмиё ба зидди

Худованд ва гапнодаронии Мусо. Ман аз он дар ҳайрат монда будам, ки дар ин бора ҳаққонӣ ва руирост навишта шудааст, вале ин маро хурсанд ҳам намуд. Ин одамон ҳам мисли мо тарафҳои суст доштанд, ҳамчун ман, вале бо вуҷуди ин, Худо онҳоро истифода менамуд. Ман омӯхтанро давам медодам.

Дар ин бора фикр намуда, ман ҳиссиёти гуногунро дарк мекардам. Ба ман чунин менамуд, ки дар ин бора навиштан мумкин нест, аз тарафи дигар, ман дар ин шаҳодати ошкорои ҳақиқатро

медидам. Як қисми ман садо мекард, ки: „Ин Худоношиносист!“ Як ва ҳатто ду бор ман Китоби Муқаддасро пӯшидам ва вайро дигар тараф мемондам. Вале овози пасти ботини ман мегуфт: „Агар мазмуни ин китобҳо дигаргун карда шудаанд, чаро исроилиён ин қиссаҳоро аз онҳо берун накардаанд? Дар сурате, ки онҳо ба гузаштагони худ ифтихор мекунанд. Чаро ин қиссаҳо то алҳол ин ҷо ҳастанд“.Ин барои ман бисёр боварибахш буд.

Бо ин фикрҳо ман Қуръонро кушодам, то бидонам, ки оё дар он чизе дар бораи бахшидани вобаста ба ҳаёти пайғамбарон ва пешгузаштагон ҳаст ё нест. Ман аз он дар ҳайрат мондам, ки дар Қуръон ҳам дар ин бора гуфта шудааст. Бисёре аз ин Одамони Худо ба

гуноҳ роҳ дода, аз Худованд бахшиш мепурсиданд. Масъалан Одам (сураи 7, ояти 23, 24), Нӯҳ (сураи 11, ояти 47), Иброҳим сураи 28, ояти 16), Довуд (сураи 38, ояти 23,24).

Барои ман ин кашфиёте буд, зеро мусулмонон ҳамаи онҳоро бегуноҳ меҳисобанд.

[1] Шаҳват – похотЬ

Дар ин замон Курешиҳо аз хусуси машғулиятҳои ман дар ташвиш монда буданд. Боре бегоҳӣ хонум Курешӣ ба ман гуфт:

– Масъуд, ту албатта медонӣ, ки чунин дуру дароз машғулият гузаронидан зарарнок аст. Ту бояд, ки бештар сайр кунӣ.

Ман аз ӯ шукр намуда, гуфтам, ки машғулиятҳои ман бо муваффақият пеш мераванд. Ҷавоби ман ӯро қаноатбахш накард.

– Масъуд, ту бояд ҳаёти Муҳаммаду Исоро бо ҳам муқоиса кунӣ. Ту мебинӣ, ки Муҳаммади мо намунаи беҳтарин барои пайравӣ ва фотеҳаи Ягона барои ҷаҳон мебошад.

Дар рӯзи якшанбе, ман ваъдаи додаамро ба марди кӯҳансоли масҷиди методии марказӣ ба ёд оварда, нимрӯзӣ ба ибодат аз ҷой хеста рафтам. Вақте ки ман омадам, ибодат наздики саршавӣ буд. Ман оҳиста ба қатори охир даромадам. Ибодат ба ман таасуроти калоне набахшид, ба ғайразон қисме, ки ба Исо бахшида шуда, ҳама ӯро Худо ва Наҷотдиҳанда меномиданд. Як тарафи вуҷуди ман ба муқобили ин исён бардошт лекин қисми дигар инро бисёр фоиданок ва наҷотбахш медид. Сухангӯмаро дар канори охирин дида, баъди ибодат бо шодӣ маро даъват кард. Номи ӯ мистер Винсент буд ва бо ӯ мистер Мессӣ, ҳамон марде, ки маро ба ибодат даъват намуд, буд. Мистер Винсен маро ба ҳуҷраи худ даъват кард. Мо хеле дуру дароз сӯҳбат кардем. Ман бисёр саволҳо доштам ва дар охир аз ӯ пурсидам, ки ман метавонам онҳоро пурсам. Мистер Винсент бо розиги сар ҷунбонд.

– Дар Қуръон, – гӯфтам ман , – мо қонунро дар бораи таввлид,таълимот, мӯъҷизотҳо, ба болорафтани Исо меёбем, вале дар он ҷо калимоте „падар“ ё „писар“ нест. Чун дар Қуръон гуфта шудааст: „На фарзанд орад на аз касе зодааст“.

Мистер Винсент бо диққат ба ман нигоҳ мекард, то ман мегуфтам, баъд посух дод:

– Ту ҳақ ҳасти, Масъуд. Дар Қуръон Худо номи бисёр муҳим дорад – „Алваддуд“. Ҳамон касе, ки дӯст медорад, – вале дар таврот ва Инҷил гуфта мешавад, ки Вай натанҳо дӯст медорад, балки Ӯ худи Муҳаббат аст. Дигар хел гӯем ӯро натанҳо Алваддуд ном дорад балки вай худаш маҳзи Алваддуд аст.

Китоби Муқаддаси мо калимоти „Падар“ ва „Писар“-ро барои инъикос ва барқарор кардани муносибат миёни Худованд ва одам истифода мебарад. Ислом таълим медиҳад, ки Аллоҳ ин соҳиб асту мо ҳама ғуломони вай. Вале Инҷил ва Китоби Муқаддас дар бораи Исо мегӯяд: „Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад“ (Юҳанно 3; 16).

– Мана ҳамин аст масъалаи ман,-гуфтам ман. – Чи гуна Исои Масеҳ метавонад писари Худо бошад?

Мистер Винсент ба бетоқатии ман табассум намуд.

– Мо дар бораи хешовандии рӯҳи мегӯем, Масъуд ва ту инро бояд равшан фаҳмӣ. Ин ҳеҷ муносибате ба таваллуди ҷисмӣ надорад ва маҳз ҳаминро мусулмонон наметавонанд ва ё намехоҳанд бифаҳманд. Мо дар бораи хешовандии рӯҳонӣ мегӯем.

Кушиш мекунам инро фаҳмо созам. Вақте, ки мо Муҳаммад Алии Ҷинноҳаро „падари халқи худ“ меномем, магар ин маънӣ дорад, ки вай ҳамаи халқи Покистонро ба дунё овардааст, яъне аз ӯ ба дунё омадааст? Албатта не! Ва айнан мо насрониён ба он бовар мекунем, ки Худо мегӯяд: „Дар бораи Писари Худ, ки ба ҳасби ҷисм аз насли Довуд таваллуд шудааст, ва бо ҳасби рӯҳиқудсият, ба воситаи эҳё шуданаш аз мурдагон, чун писари Худо маълум шудааст“ (Ба Румиён I: 3–4).

Чеҳраи ӯ дурахшон буд, вақте ки ин калимоти қудсиро ба забон меовард ва ман медидам, ки барои ӯ онҳо чи аҳамияте доранд.

– Вале ба гуфти Қуръон, -давом дод вай, – Масеҳ „Қавли Худо“ ва „Номи Худо“ номида мешавад. Ин истилоҳот дар Китоби Муқаддас ҳам истифода мешаванд, дар он ҷое, ки вай „Писар“ номида мешавад.

Агар мо бовари дорем, ки Худо абадӣ аст , пас Рӯҳи Вай ҳам, бе ҳеҷ шубҳа бояд абадӣ бошад ва Масеҳ ин Рӯҳи Худо аст. Ин далели равшан бар он аст, ки Исо ҳам абадӣ аст ва ин моро маҷбур мекунад, ки ба Худоияти Исои Масеҳ бовар кунем. Вай бешубҳа абадӣ аст.

Ман карахт шуда будам. Ҳеҷ гоҳ пеш аз ин, чунин баёни пурраро нашунида будам. Ман бисёр вақт гуфтори мусулмононро дар бораи Исо мешунидам, вале бори аввал баёноти ин масъаларо аз нуқтаи назари масеҳӣ шунидам. Ман ҳис намудам, ки тамоман бо далелҳои баёншуда шикаста шудам. Ҳама мероси назарии мусулмонии ман давъат мекард, ки ин фикрро радъ намоям, вале дар айни ҳол дили ман гарм мешуд. Ман ба ногоҳ ба ёд овардам, ки аз тарафи касе шеъри шӯхиомези шоир хонда шуда буд: „Баъди хондани Инҷил мусулмон аз ислом рӯй мегардонад“.

Находин бо ман ҳам амалӣ шуда метавонад!?...

Мистер Винсент, ба назар мерасид, ки азоби маро мефаҳмад. Вай маро саросима намекард. Оқибат, вай пурсид, ки ман боз саволи дигаре дорам ё не. Ман оҳиста сарамро ҷунбонидам, зеро қалъаи асосии таълимоти исломии ман шикаста буд.

– Агар шумо муқобил набошед, ҷаноб, – гуфтам ман, – ман саволҳои дигарро дафъаи оянда мепурсам. Аввал ман бояд саволеро, ки мо имрӯз муҳокима намудем, нағз омузам.

Ӯ аз пушти миз бархоста, пеши ман омад.

– Масъуд, ман хуб мефаҳмам, – гуфт вай. Ҳамеша барои ман дидани ту хурсандиовар аст.

Чанд рӯзи минбаъдаро ман ба таҳлили чизҳои дар калисо шунидаамро бо олимони исломӣ бахшидам, вале қудрати суханони Винсент ҳамеша дар гӯшам садо медод. Ман калимоти ӯро фаромӯш намекардам. Ман ҳатто донишманди машҳури таълимоти исломии Мавлоно Фазлуро Раҳмонро роҳбари, маркази умумиҷаҳонии исломии Карочиро хабар гирифтам. Ин одами серкоре буд, бо ӯ вохӯрдан кори хеле мушкил буд. Боре бегоҳӣ баъди намоз ман, мактуботи муаррификунандаи худро гирифта, ба пеши ӯ рафтам, вале далелҳои ӯ боварибахш набуданд.

– Ту бовари дорӣ, ки Худо офаранда? – дар хол пурсид вай.

– Албатта, бешубҳа, Худо офаранда аст.

– Акнун, – давом дод вай, агар ту хоҳӣ мусалмони ҳақиқӣ бошӣ ту бояд дар бораи Худо саволи дигар надошта бошӣ. Ва дар бораи Муҳаммад чӣ? Ту бовари дорӣ, ки ӯ пайғамбари Худо ва фотеҳаи ҷаҳон аст ва ба он, ки ислом дини ҳақиқи аст?

Ин саволҳои бисёри шуда марро саргум кард. Ӯ равшан ба ман фаҳмонд, ки дар бораи ин чизҳо баҳс кардан зарур нест, танҳо имон доштан зарур аст.

– Ҷанол, -пурсидам ман, – ман бояд кӯркӯрона бовар кунам?

– Ҳатто дар насрония ҳам бояд кӯркӯрона бовар намуд, ҷавоб дод вай.

– Мумкин , – гуфтам ман, вале дар масеҳӣ бисёр далелҳое ҳаст, ки ин ё он ҳақиқатро исбот карда мешавад. Ман мехоҳам чунин шаҳодатро ислом ҳам дошта бошад.

Ӯ маро бо сели [1]догмаҳо равон кард. Ман бояд бовар кунам, талаб мекард вай. Ман бояд ба панҷ [2]постулати ислом бовар кунам, саволе надода. Ҳама ин далелҳо ба ақли ман равона карда шуда буданд, дили ман беиштирок шуда буд. Агар ман аз назарияи масеҳии се воҳид (таҷассуми писари Худо, худи Худо ва Рӯҳи муқаддас С.Н.Б.) дар бораи Исо чун писари Худо сухан мегуфтам, ӯ ҳатто маро намешунид.

Оқибат, ман бахшиш пурсида, аз ҷой хестам. Дар ин давра вай худаш ҳам таёр буд, ки маро аз дар берун кунад. Ӯ ба ман якчанд мақола дод, ки (баъзеашро худаш навишта буд) ман бо диққат хонам. Ҳамаи онҳо дар бораи он буданд, ки чӣ гуна насрония дигаргун карда шудааст ва хушку холӣ чун чанги роҳ буданд. Ман ҷиддӣ қарор додам, ки ҳаёти Исо ва Муҳаммадро бо диққат омӯхта бо ҳам муқоиса кунам. Ман маслиҳати хонум Курешиpo ба хотир оварда, қарор додам, ки зуддтар вайро амалӣ намоям. Бегоҳӣ рӯзи дигар ман таваккалӣ Китоби Муқаддасро кушода, хондам:

[1] Догма – ҳолате, ки ҳақиқат ҳисоб шуда дар ягон шароит таъғир намеёбад.
[2] Постулат – қоедае ҳамчун ҳақиқат қабил мешабад.

„Боз бисёр мӯъҷизоти дигаре Исо дар назди шогирдонаш нишон дод, ки дар ин китоб навишта нашуд. Аммо ин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред,ки Исо Масеҳ ва Писари Худост ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбад“. (Юҳанно 20:30–31)

Ин суханон гӯё махсус барои ман гуфта шуда буданд, вале аз нав Худовандии Исо дар гулуям рӯст монд ва ман ӯро ҳеҷ қабул карда наметавонистам. Муъҷизот! Дин! Ҳаёти ҷовидонӣ! Вай чӣ гуна одам буд, Исои Масеҳ? Ман қарор додам, ки ҳаёти бузурги ӯро омӯзам ва бинам, ки ин маро ба куҷо меорад. Ман медонистам, ки дар Қуръон дар бораи мӯъҷизаҳои Исо ёдоварӣ мешавад лекин на он чизе, ки дар Китоби Муқаддас хотиррасон шуда аст.Дар Ҳадис хабар дода мешавад, ки Муҳаммад моҳро ду пора карда аст ва боз дар он ҷо қиссаи табобати бемор, сер кардани хонандагон ва ғайра аст. Оё мӯъҷизотҳои Исо аз он чи ба Муҳаммад (с) нисбат дода мешаванд фарқият доранд? Вале Қуръон аниқ тасдиқ мекунад, ки Муҳаммад (с) мӯъҷизаҳо нишон надодааст. Наход ки мусулмонон маҷбур шуда дар бораи мӯъҷизоти ӯ мегӯяд, то ки Муҳаммад (с) бо Исо баробар шуда тавонад?

«Ман ояти 7 аз Сураи 13 ба хотир меорам, ки навишта шуда аст: Ва кофирон гӯянд: „Агар ӯ дорои нишонаи парвардигораш бошад, ту дар фақат хушдордиҳандаӣ ва ҳар халқ роҳнамое дорад!“».

Ва баъдтар дар ояти 50 Сураи 29 дар бораи Муҳаммад гуфта мешавад: «Онҳо гуфтанд: „Агар ба ӯ нишонаи Худои ту дода мешуд!“ Бигӯ: „Соҳиби нишона танҳо Оллоҳ, ва ман танҳо сухан расонам“».Бо суханҳои дигар, Муҳаммади пайғамбар, ҳеҷ гоҳ даъвои мӯҷизакорӣ надошт. Вале ин аён аст, ки барои Исо мӯъҷиза кори оддӣ буд, мисли нафас кашидан! Ман вақте, ки ин ҳамаро фикр мекардам, худро беҷо ҳис мекардам.„Мӯъҷизот фақат дар ихтиёри Худованд аст“. Масеҳ мӯъҷизаҳоро мекард. Пас ман метавонам, ба хулосаи мантиқӣ оям, ки Масеҳ Худо аст?

Дили ман ҳангоми намоз ба ҳаяҷон омад: „Ай офаридаи бузург! Моро ба роҳи рост устувор бидор. Роҳи касоне, ки ононро навохтаӣ, на онон ки аз назар дур кардаи ва на гумроҳон“. Ман сидқан ибодат мекардам. Дар чашмонам ашк буд.

Дар ин ҳолат ман ҳис кардам, ки дар хона касе ҳаст ва мехоҳад, ба ман чизе гӯяд. Ман зуд хонаро аз назар гузаронидам, вале касеро надидам. Ман Китоби Муқаддасро кушода, ки дар болои миз мехобид, нигоҳ кардам. Ба чашмонам бовар накарда, ман хондам:

Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд; биҷӯед, хоҳед ёфт; дарро бикӯбед, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд; Зеро ҳар кӣ биталабад, мегирад, ва ҳар кӣ биҷӯяд, меёбад, ва ҳар кӣ дарро бикӯбад, он ба рӯяш кушода мешавад (Матто, 7: 7–8).

Худо бо ман мегуфт! Маҳз ӯ ба ман ин калимаҳоро нишон дод. Ман ба ҳаяҷон омадам, ки ӯ ибодати маро қабул кард ва ба ман ҷавоб гуфт.

Тамоми ҳафтаи оянда, ман мӯъҷизотҳоро омӯхтам, ки дар Китоби Муқаддас сабт шуда буданд. Ман бисёр фарқиятро дар байни мӯъҷизоти пайғамбарони яҳудӣ ва мӯъҷизоти Исо дарёфтам. Ба ман чунин менамуд, ки пайғамбарон қудрати худро барои манфиатҳои шахсӣ истифода мекарданд, вале Исо ин корро боре накардааст. Масалан, Илёс ба бевазани Сареп мегӯяд: „Ва Илёс ба вай гуфт: „Натарс, бирав ва он чӣ гуфтӣ, бикун; аммо аввал кулчаи хурде аз он барои ман пухта, назди ман биёр ва баъд барои худат ва писарат бипаз“ (3 Под. 17:13). Рӯшан аст, ки пайғамбарон баъзан қудрати Худовандиро бар зидди душманони худ истифода мекарданд

(4 Под. 1: 9–14).

Вале Исо қудратро аз Худованд дошта, боре ҳам қувваи фириштагонро барои халосии ҷони худ ва шикаст додани душманон истифода намекунанд.

Пайғамбарон мегуфтанд: „Чунин мегӯяд Худо...“ Исо ҳамеша мегӯфт: „Ҳақиқат, ҳақиқатро мегӯям ман ба шумо...“

Муҳаммад (с) дар бораи худаш мегӯяд: «Бигӯ: „ман одам монанди шумо ҳастам; (бо ин фарқ), Ваҳӣ Ӯ ба ман ато шудааст, ки Худои Шумо – Худои ягонааст, (Бо ин фарқ), ва он ки умеди воҳ хурдан бо Худованд дорад, бигузор кори хайр кунад ва дар парастиши Худои худ касеро ба Ӯ шарик накунад“» (Сураи 18, ояти 110).

Исо бошад, дар бораи худаш чунин мегӯяд: „Назди ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва дар ташвиш мондагон ва ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид“ (Матто 11: 28). „Ман ва падар як ҳастем“

(Юҳанно, 10: 30), „Касе наметавонад назди падар ояд, магар он ки ба воситаи ман“ (Юҳанно 14:6).

Мусалмонон медонанд, ки Муҳаммад ки „Хайрхоҳи тамоми Олам“ намуда мешавад, дар бораи худ гуфтааст:

„Барои худ ихтиёри фаидаю зараре зиёне надорам, магар он чи Худо бихоҳад. Ҳар уматеро аҷале ҳаст, пас чун аҷалашон фаро расад, на соате пас муранд ва на соъате пеш муранд“ (Сураи 10, ояти 49).

Исо бошад мегӯяд: „ ...Ба ман тамоми қудрат дар осмон ва дар замин дода шудааст“ (Матто, 28:18).

Ҳамаӣ ин маро пурра баҳайрат овард. Дар рӯ ба руям Муҳаммад (с) меистод, ки чунон ки ба ман омӯхта буданд, ба ҷаҳон фотиҳа додааст, вале ин фотиҳаро барои мо бо кадом қудрат додааст? Ӯ марде буд оддӣ мисли мо ва маҳкуми марг, ва ҳар мусулмон метавонад гӯри ӯро бинад фикр мекардам ман. Ӯ ба мо наҷот бахшида наметавонад. Аз тарафи дигар Исо , ки Ислом ба ӯ имкониятҳои маҳдудеро вогузор мекунад, дар бораи худ метавонист, гӯяд:

„Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам ...“ (Юҳанно, 11:25).

Пайғамбари бузурги ислом дар Мадина ба хоби абадӣ рафтааст, гӯри Исо бошад, ки дар вай ҳамаги се шабонарӯз хобида буд, холӣ аст ва бисёрҳо дидаанд, ки Ӯ ба осмон гирифта шудаст.

Муҳаммади пайғамбар таҷассуми амнияту сулҳ барои милионҳо одамон аст. Вале ӯ худ ба дуо ва саҷдаи мо барои вай мӯҳтоҷ аст. Панҷ бор ҳаррӯз ҳар мусалмони комили олам ба Худо саҷдаи мекунанд, ки ба Ӯ амони диҳад!

Аниқ буд, ки ман ба нуқтаи ҳалкунанда расидам. Мавлавӣ, ки ман бо мушкилотҳои худ ба пешаш рафта будам, ҷавоби қаноатбахш надод. Ӯ танҳо асабӣ мешуд, гарчанде ман чизеро вайрон кардан намехостам, ман танҳо донистан мехостам. Акнун ман бовар дорам, ки мусалмонони зиёде дар олам ҳастанд, ки мисли ҳамон давраи ман ҳақиқатро донистан мехоҳанд.

# 11 Нур дар торики

Мистер Месси ҷавонмарди сарсафед, танҳо зиндаги мекард ва ҳамеша аз дидани ман шод буд. Дар он рӯз вай хеле меҳрубонона пешвоз гирифт. Ман дар ошхона мунтазир будам, то даме ки вай чой тайёр мекард. Пиёлаҳои чойдорро гирифта, мо ба толор гузаштем ва он ҷо беташвиш нишаста, чойи сӯзони ширин менӯшидем. Дар болои мизи паҳлӯи ман китобчаи хурдеро бо унвони „Наҷотдиҳи“ дидам. Ман вайро кушодам, чанд саҳифа хондам.

Дар ин китоб ким чие буд, ки маро ба мистер Месcӣ савол додан маҷбур кард:

– Мусулмонон бовари доранд, ки моро диндорӣ, эътиқод ба Оллоҳ ва корҳои неки мо наҷот медиҳад. Масеҳиён низ чунин бошанд?

Мистер Месcӣ сар ҷунбонд.

– Не Масъуд. Мо боварӣ дорем, ки „ҳама гунаҳкорем ва аз шарафи Худованд маҳрумем“. Мо худро бо корҳои нек раҳо дода наметавонем. Дар зери осмон ҳамагӣ як ном аст, ки моро наҷот дода метавонад. Ин Исо Худованди мо аст. Ин ягона роҳе ҳаст, ки аз Худо бахшиш ва наҷотро бинем.

Дар он рӯз ман аз ӯ бисёр чизҳое шунидам, ки бо шунидам зуд бовар кардам. Мо дуру дароз сӯҳбат кардем ва ман ҳис намудам, ки оқибат ба бисёр саволҳои худам ҷавоб пайдо кардам.

Мистер Месси дар таҷрибаи зиндагии худ бисёр ҳақиқатҳоеро пайдо карда буд, ки онҳоро акнун ба ман медод. Ӯ ба Покистон баъд аз ҷудошавии соли 1947 аз Ҳиндустон омад ва бисёр солҳои ҳаёти вай дар анборхонаи ҳарбӣ ки дар он ҷо кор мекард гузашта буд. Дертар ӯ ба Карочӣ омада то ҳол дар ин ҷо зиндагӣ мекунад. Дар ҳаёти ӯ ғам бисёр буд. Зани ӯ чанд сол қабл аз ин вафот карда буд ва то ҷое ман медонам, онҳо фарзандҳо низ доштанд, ки ҳамаи онҳо вафот карда буданд. Ба ин нигоҳ накарда, рӯи ӯро ҳамеша нури имон ба Исо дурахшон мекард. Ман медидам, ки ӯ арзиши ҳақиқии он чиро ки мегуфт, хуб медонист.

Пеш аз рафтан ман аз ӯ пурсидам, ки адабиёте ба ман додан

метавонад, ки ба муқоисаи ислом бо дини насронӣ бахшида шуда бошад, вале ӯ гуфт, ки чунин китоб надорад.

– Имрӯз дар Покистон дарёфт намудани чунин китоб душвор аст, Масъуд. Ҳукумати Покистон нашрчоп кардани чунин китобҳоро манъ кардааст, лекин онҳо ҳастанд. Одамоне, ки чунин китобҳоро пинҳон мекунанд, ба ҷаримаи калон гирифтор мешаванд.

Ман бори аввал дар ин бора шунида, бисёр ҳайрон шудам, зеро ҳамеша гумон доштам, ки дар чунин масъалаҳо одам бояд озод бошад, ки ба майли худаш, ҳамачиро, ки мехоҳад, омӯзад, хусусан агар ин ба дин дахл дошта бошад. Мистер Мессӣ ба ман чанд китоби насронӣ дода, маро то назди дар гусел кард.

Пеш аз он, ки ман бароям, вай дасташро ба сарам гузошта гуфт:

– Худо туро шарафманд гардонад, писари ман.

Дар хона маро ҷаноби Курешӣ интизор буд. Ӯ хабари тозаи хуб дошт. Ӯ ба ман гуфт, ки дар идораи почта ҷойи холии кор будааст ва ман бояд варақа пур кунам. Ман бисёр шод будам.

– Ташаккур,Апа, – аз шодӣ дармонда, гуфтам ман. Ӯ табассум намуд.

Ту бояд бо тезӣ аризаро фиристи, – гуфт вай ба ман суроғаро дода, – вале аввал хӯрок хӯр, кайҳо хунук шуд.

Ҳама димоғи хуш доштанд. Хонум Курешӣ ногаҳон гуфтанд:

– Масъуд, рӯзҳои охир ту чанд бор бо масеҳиён хӯрок хӯрдӣ. Вақте ки бо мо хӯрок хӯрданӣ шавӣ, аввал хуб шустушӯй кун, ва дуохон, то ягон нохушӣ ба дастархони мо наёрӣ.

Ман сухани ӯро ба шӯхӣ гардонидам.

– Апи ман гумон мекунам, шумо бояд дуртар равед!

Вай бо тааҷҷуб ба ман назар кард. Ман косаи холиро бардошта тагашро ба ҳама нишон додам.

– Чунон ки шумо мебинед, ин косаҳо дар Республикаи Халқии Хитой сохта шудаанд. Дар он ҷо ҳама коммунистанд, ин аз масеҳиён хеле бадтар аст. Онҳо умуман ба Худо бовари надоранд. Ба фикри ман, мо пеш аз он, ки аз ин косаҳо хӯрок мехӯрем, бояд тамоми Қуръонро пурра хонем. Ё шумо розӣ нестед? Ҳама хандиданд.

Моҳи феврали соли 1972 хабарнома гирифтам ки маро ба почта ба кор қабул карданд. Вале пеш аз ин ман бояд тайёрии се моҳа гузарам, ки вақти маро тамоман мегирифт ва дар натиҷа имконияти дигар ягон машғулият кардан надоштам. Баъди он ман корро сар карда, баъд аз ҳашт соати корӣ, метавонистам омузиши худро давом диҳам.

Ман ҳама китобҳои масеҳиро, ки ба даст оварда будам хондам. Ман ҳатто дар вақти корам ҳам, чун вақти холӣ пайдо шавад хонда мехостам, вале ин аз имкон берун буд. Кори ман асосан аз назорат кардан иборат буд. Ман бояд назорат мекардам, ки мактубҳои пӯшида

кушода нашуда бошанд, дар онҳо чизҳои манъ кардашуда набошанд ва ғайра. Ин кори масъулиятнок буд, вале ман бо беқарорӣ, охири рӯзи корро мунтазир будам, то ки машғулиятҳои муҳими худро давом диҳам.

Боре бегоҳи ман масъалаи гуноҳ ва пайдоиши ӯро меомухтам. Маро дар ҳайрат гузошт, ки дар Қуръон ҳатто ишорае ба гуноҳ доштани Исо набуд. Вай албатта метавонист аз душманонаш пурсад: „Кист аз шумо, ки маро ба гуноҳе таъна зада тавонад?“ (Юҳанно8:46) Дуруст аст, ки Қуръон аз гуноҳи Муҳаммад ҳам чизе намегӯяд, бо вуҷуди он, ки сураҳое ҳаст, ки мисли сураи 110, ояти 3, ки дар он гуфта мешавад: „Пас сипосгузорона Парвардигоратро таъриф кун ва аз Ӯ бахшоиш бепурс, ки Ӯ бас тавбапазир аст!“

Ё Сураи 48,1–2:

„Мо кушоиши ошкор дар кори ту падид овардем, то саранҷом Худованд гуноҳи нахустин ва ояндаи (умати) туро бубахшад ва неъматашро бар ту ба камол бирасонад ва туро бо роҳи рост барад“.

Ин сураҳоро хонда, ман аз фарқияти таълимоти имрӯзаи ислом дар бораи бегуноҳии Муҳаммад (с) ва он чи дар Қуръон ҳаст, дар ҳайрат мондам.

Ба ман ҳамчунон фарқи калони байни назариёти Исо ва ислом дар масъалаи занон ошкор шуд. Масъалан, таълимоти ӯ дар бораи талоқ (Матто 5: 31–32) ба таълимоти ислом пурра зид аст. Дар замоне, ки Исо бо таълимоти худ занонро ҳимоя мекунад, Қуръон тамоман чизи дигарро таълим медиҳад: „Ва аз занони шумо касоне, ки гуноҳи ношоиста мекунад, бар зидди онҳо чаҳор шоҳид аз худ (мардони мусулмон) бигиред. Ва агар онҳо шаҳодат доданд, ононро дар хонаҳо маҳбус нигоҳ доред, то марг фаро гирадшон, ё Худованд роҳе бар ишон муқарар кунад“ (Сураи 4, ояти 15).

Агар ҳамин аст „баробарии“ машҳуре, ки ба занони мусулмон додашуда аст, вай ба чӣ меарзад! Дар таҷриба ислом ба мардон бартари дода мешавад. Занон бошад ҳамчун моликияти шахси ҳисоб мешаванд. Ҳатто дар биҳишт барои занон ягон хурсандӣ ба назар гирифта намешавад. Ба мардон ваъдаҳои зиёд дода шудааст – ҳатто ваъдаҳои кайфиятҳои ғайриахлоқӣ, вале дар бораи занон Қуръон хомӯш мемонад. Маро ин фалсафа ба шӯр овард, ки занонро дар пеши мардон тобеъ месозад.

Ман ба фикр фурӯ рафта, дар курсӣ хомӯш менишастам. Ногоҳ дар назари ман, бод осонакак ба варақҳои Китоби Муқаддас расида, саҳифа гардонид. Ба тааҷҷуби ман, китоб дар он ҷое кушода шуд, ки мустақиман муроҷиате ба дили ман буд:

„Аз вай берун ояед, эй қавми Ман то ки дар гуноҳҳояш шарик нашавед ва ба балоҳояш дучор нашавед. Зеро ки гуноҳҳои Вай то ба осмон расидааст, ва Худо зулмҳои вайро ба хотир овардааст“ (Ваҳӣ 18, ояти 4–5).

Ин калимотро хонда хомушона ба тапиш даромадам. Ман чӣ бояд кунам? Ман ҳатто дуо кардан наметавонистам. Дар як тарафи тарозу таълимоти ислом буд, дар дигараш сухани оддии Исо: „Зеро ҳангоме, ки аз мурдагон эҳё мешаванд, на зан мегиранд ва на ба шавҳар мераванд, балки монанди фириштагон дар осмон мебошанд" (Марқӯс12:25).

Ба ман чунин менамояд, ки шахсоне, ки исломро ҳамчун системаи қонунҳо ва қоидаҳои ҳамаи тарафҳои ҳаётро хато мегузаронанд. Онҳо дод мезананд, ки ислом занонро озод кард. Магар дар ҳақиқат ин ҳамон озодие ҳаст, ки Худованд барои занони офаридааш тайёр карда буд? Ман аз он дар ғазаб шудам, ки зани мусулмон ҳатто ҳуқуқи аз шавҳараш ҷудо шудан надорад, дар сурате, ки барои ба шавҳараш танҳо се бор гуфтани ин кофӣ аст: „Ман туро талоқ кардам" ва озод мешавад. Ман мехостам, ба кӯча баромада, дод занам: „Эй мардуми мусулмон, ба занҳои талоқшудаи ҷамъияти исломии мо назар кунед. Назар кунед ба занҳое, ки умри худро дар хонаи падару модари худ мегузаронанд. Ба онҳо нигоҳ кунед, ки садақа мепурсанд ё танашонро мефурӯшанд, ки онҳоро мардон партофтаанд. Ба фарзандони дар азоб монда назар кунед. Ба ин занон назар кунед мардони ислом: онҳо аз хонаҳои худ ба берун партофта шудаанд ва наметавонанд, зиндагии сазоворе баранд. Ба онҳо назар кунед ва бигузор шумо шарм кунед, барои ҷамъияти исломиамон! Ба заноне назар кунед, ки шавҳаронашон чанд зан дошта, ба ҳадди кофӣ онҳоро таъмин кардан наметавонад. Магар ин беқонунӣ нест, ки бо мақсади тозагии ислом карда мешавад? "

Ман нотавонии худамро ҳис намудам. Ба ки метавонам ман ҳама инро гӯям? Кӣ маро гӯш кардан мехоҳад? Ман нолакунон ба Худованди ҳақиқӣ нидо кардам: „Ай Худои ман, ба ман роҳи ҳақиқиро нишон деҳ!"

Дар ҳама ин вақт ман ёрдамчии инспектори Покистонии хизмати почта, кор мекардам. Ман вазифадор будам, ки ба воситаи почта маводи ғайрирасмӣ нагузарад. Баъди андак муддат ман фаҳмидам, ки бисёр ҳамкорони ман амалҳои бисёр шармовар мекардаанд. Масалан, дар даруни мактубҳо пулро ёфта вайро ба бонки давлатӣ намесупоранд, чӣ хеле ки дар қонун навишта шудаааст. Ҳамчунин онҳо бо аксҳои хилофи худотарс муносибат мекарданд. Маҷаллаҳое, ки чунин аксҳо доштанд дар байни роҳбарони пешонаи почтаҳо эътибори баланд дошт ва валюта ҳам инчунин.

Инчунин ман бояд маводи зидди исломиро ошкор намуда, дар бораи онҳо маълумот диҳам то ки онҳоро нест кунанд. То ин замон диққати ман ба масеҳиён зиёд шуда, маҷаллаҳои масеҳӣ мехондам, ва аз онҳо суроғаҳоро навишта гирифта, минбаъд ба онҳо мактуб менавистам. Бо ин роҳ ман маҷалаҳоеро, ки ақидаҳои гуногуни теологӣ (илми олиҳиёт)

мегирифтагӣ шудам. Акнун ман фаҳмидам, ки ин барои ман фоида надоштааст, вале ман дар он вақт шод будам аз ҳамаҷо дониши ёбам. Бо ин роҳ ман ақидаҳои бефоидаро соҳиб шудам. Миёни ҳама ин адабиёти равияҳои гуногуни масеҳиёни дурӯғин ба монанди мормонӣ ва Иеговӣ будану.

Вале чун ман асосан бо адабиёти солими масеҳӣ парвариш меёфтам, Худованд маро ва кӯшиши маро дар роҳи ҳақиқат ҳифз намуд ва ин минбаъд меваҳои худро дод.

Ман ҳамеша бо муқоиса машғул будам. Ман кӯшиши исломии бо расму русуми тоза расидан ба Худоро бо боварии насронии пок доштани дили худ муқоиса мекардам. Инҷили Юҳаннои набӣ бисёр тоза дар ин бора ба ман мегӯяд: „Худованд ин рӯҳ аст, бинобар ин касе ки ба Ӯ саҷда мекунад бояд ба рӯҳ ва ҳақиқат саҷда кунад“.

Ба фикри ман, маҳз ҳалли масъалаи таслиби Худованд ба ман ёд дод, ки Худо метавонад, рӯирост ба ҳақиқат ишора кунад. Ман доир ба ин масъала чанд китоб хондам, вале фаҳмиши ҳақиқии инро ба ман Худо дод. Рӯҳи ӯ ба ман имконияти онро дод, ки дар Қуръон исботи онро ёбам, ки Исо таслиб шуд, мурд ва ба осмон бурда шуд. „Ё Худоё, агар ин ҳақиқат бошад, он рӯз дур нест, ки ман масеҳӣ мешавам ва ба он даъват мекунам, ки Ту Худои ҳақиқи ва Падари Исои Масеҳ ҳасти“.

Ман ба се аққида вохӯрдам. Якӯм таълимоти масеҳӣ, исбот мекунад, ки Исои Масеҳ ба ҷаҳон омад, таслиб ва гӯронда шуд, дар рӯзи севум эҳё гардид ва баъд аз чил рӯз ба осмон бароварда шуд. Ин ба ман фаҳмо аст. Баъд таълимоти назарияи исломӣ, ки мегӯяд: Исо таслиб нашуд, аммо зинда ба осмон бурда шуд.

Ва ахиран, он чӣ ба ман аз хурдсолӣ маълум аст, назарияи аҳмадия: Масеҳ таслиб шуд, вале дар салиб намурд, танҳо ҳушаш рафт. Бади ин ба ёд оварда шуд ва чандин солҳо дар Кашмир зиндагӣ кард.

Аз ҳама пештар маро таълимоти ҳар ду равияи исломӣ дар ҳайрат мегузорад, ки дар „исботи“ фикри худ ба Қуръон такя мекунад.

Дар таълимоти Аҳмадияи нуқтаҳои зидди якдигар буданд, ки ба нуқтаҳои хурди он такя накарда, мегӯям, ки назариётчиёни аҳмадия се нуқтаи назарро дар бораи марги Исо пешниҳод мекунанд, вале бо ҳам муросо намуда, бо як қарор омада наметавонанд. Аз ин сабаб ман ба таҳлили онҳо рози нашудам.

Қуръон чи мегӯяд? Дар сураи 4, ояти 157–158 гуфта шудааст: „Ва аз барои сухан мо Исои Масеҳро бинни Марями пайғамбар Худоро куштаем, ҳол он ки Ӯро накуштанду на бар салиб карданд, балки (ҳақиқати амр) бар онон тасаввур шуд; ва касоне, ки дар ин амр ихтилоф карданд, аз он дар шӯбҳаанд: дар ин бора чизе намедонанд, балки пайрави ба гумон мекунанд. Онҳо Ӯро накуштаанд, – шояд, не, балки Худованд Ӯро ба сӯи хеш бар кашид: чунки Худо бузург ва хирадманд аст.

Таълимоти исломи дар он аст, ки барои пайғамбар кушта шудан шармандаги аст, бинобар ғайри имкон аст, ки Исо таслиб карда шудааст. Вале сураи 155 равшан мегӯяд, ки яҳудиён пайғамбаронро куштаанд: „Он гоҳ ба сабаби паймоншиканишон ва ба нишонаи Худо бовар накарда пайғамбаронро бе ҳуқуқ мезаданд, ва мегуфтанд: „Дилҳои мо дар пӯшиш аст (лаънаташон кардем), балки Худованд ба сабаби куфрашон ба дилҳояшон мӯҳр ниҳод, ки ҷуз андаке имон намеоварад“ (Сураи 4, ояти 155). Вале чӣ гуна пайғамбар метавонад, танҳо ба хотири он пайғамбар набошад, ки дар хизмати Худо ҷонашро фидо кунад? Балки баръакс, ин боиси эҳтиром аст.

Ҳақиқати марги Исо аз чи иборат аст? Равшан аст, ки ҷавоби ин дар Китоби Муқаддас аст, дар худи ҳамон Китоби Муқаддас, ки мусулмонон раъд мекунанд, ва дар айни замон барои шарҳ ва тафсирашон истифода мекунанд, ва аз он иқтибос меоранд. Ҷавобашро метавон дар Аъмол 2:22–36 пайдо намуд:

„Пас, эй тамоми Исроил, яқинан бидонед, ки Худо Ҳамин Исоро, ки шумо маслуб кардед, Худованд ва Масеҳ гардондааст“ (Аъмол 2:36).

Ман медонистам, ки мусулмонон бо ин розӣ намешаванд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ба ҷои Исо, Яҳудои Исқариотус таслиб шудааст ва дигарон, мегӯянд ки чунин нест. Агар ин Яҳудои Исқариотус мебуд ва инро Худо чунин кард ба қавли мусулмонон ӯ зоҳиран ба Исо монанд буд, магар ин маккорӣ намешавад? Чаро Яҳудо дод назад? Магар Худо фиребгар аст, ки дар ин ивазкуниҳо иштирок кунад? Тамоми вуҷуди ман ин ақидаро қабул кардан намехоҳад.

Аммо бо Симони Кириянин чӣ? Мусулмонони зиёде бовар доранд, ки чун ӯ салиби Исоро мебурд, мардум ӯро Исо гумон карда, таслиб намудаанд! Аммо ақли ман инро қабул намекунад. Чи хел метавонад Исо, пайғамбари ҳақиқӣ ба чунин фиреби даҳшатнок розӣ шавад. Ин ба ақл қабулнашаванда аст. Ба ғайри ин агар тоърихи таслиби Исо танҳо бофтаи хайёл бошад, пас мо шогирдони вайро ки бояд ҳисоб кунем. Онҳо чи тавр тавонистанд муҳаббат ва фармонбариро ба Худо тарғиб намоянд, ба чунин дурӯғи касношунида розӣ шуданд? Ин боварибахш нест. Чи гуна тавонистанд ин мардони дурӯя дар замин ва коинот насл дошта бошанд.

Не, хулоса намудам ман, ҳам Қуръон ва ҳадис ҳам бар он розианд, ки Исо таслиб шуд, мурд ва Худо ӯро гирифт. Ва ба қаноати комил ман ба хулосае омадам, ки дар шахсияти Исо пешгӯиҳои пайғамбаронаи Аҳди Қадим таҷассум шуд. Ман китобро пӯшидам. Ҷустуҷӯҳои ман ба охир расиданд, вақти дар бораи қадами оянда андешидан, фаро расид.

# 12

# Ба сӯи рушноии писар

Дар якшанбеи наздиктарин ман дар калисо будам ва бо насрониёни дигар аз самими дил [1]ҳамдия – „Ту чи гуна бузургӣ"-ро сурудем. Калимоти ҳамдия дар ҷони ман садо доданд, маро ба бовиҷдон будан бо худи-худам даъват мекарданд.

– Масъуд, – гуфтам ба худам, даме ки ҳамду сано ба охир расид ва ҳама нишастанд, – мумкин нест дар як ғилоф ҷо додани ду шамшер, дар як дам ба ду хуҷаин хизмат кардан мумкин нест. Ту бояд ба қароре биёӣ. Ту аз пушти кӣ меравӣ: аз пушти Муҳаммад (с) ё Исо? Дар ҳар ҳолат бояд ту интихоб кунӣ ва ҳар чӣ зудтар".

Ман зарурияти интихобро мефаҳмидам, вале ваъзияти ман хеле душвор буд. Барои ман равшан буд, ки агар ман аз пушти Масеҳ равам, то ба абад радкардашудаи оила ва дӯстон мешавам. Илова бар ин ман умеди хурдакаке доштам, ки дар ислом истода, пайрави Исо бошам.

Вале дар ин ҷо масъалаи худшиносӣ ба миён омад. Ислом маро

ба эътирофи Худои ягона ва Муҳаммад пайғамбари вай ва ҳавасманди корҳои нек будан, барои наҷоти худ даъват мекард. Вале агар ман пайравии Исо кунам, ӯ Худаш ин корҳоро барои ман мекунад, чунки ман худам танҳо аз ӯҳдаи ин намебароям. Ислом ба ман мефаҳмонад, ки чӣ гуна ман метавонам корҳои писанди Худоро кунам, вале масеҳӣ таъкид мекунад, ки Исо аввалу охиринбор барои сулҳкунонии одам ва Худоро кардааст. Ман медонам, ки табиати гуноҳписанди ман барои писанд омадан ба Худо халал мерасонад.

Қуръон барои ман чун роҳнамо барои боинсофон намудор мешавад,барои онҳое ки накӯкоранд. Китоби Муқаддас бошад, комилан рӯшан мегӯяд, ки вай гуфтори ҳаёт аст барои гунаҳкорон, ки миёни онҳо ҳавворӣ Павлус худро „бадтарин" номид.

Марказ ҳамеша шахсияти Масеҳ буд. Бе вай тамоми бинои Китоби Муқаддас чун хоначаи коҳгилиӣ ҳангоми заминларза хароб мешавад. Муҳаммад бошад, чунин тасвирдода мешавад: „Ва Муҳаммад – фақат

[1] Ҳамдия/Ҳамдусано – гимн

пайғамбар аст, ки пеш аз ӯ ҳам пайғамбароне будаанд“ (Сураи 3, ояти144).

Миёни ин ду шахсият фарқи бузурге буд!

Ибодат давом мекард, вале пеши назари ботини ман тамоми ҳаётам мегузашт. Ман ҳама чизро партофта, ба ҷустуҷӯи ҳақиқат шитоб кардам. Ва акнун даме, ки ман вайро ёфтам, ман миёни ду қувваи бузург пора шудам. Ман метарсидам ба пеш ҳаракат кунам, вале чун ба қафо назар мекардам, танҳо исломи хушкшуда ва қонунписандро медидам. Ман мешунидам, ки чӣ тур Масеҳ маро даъват мекунад: „Бо ман биё, ман ба ту оромиро медиҳам“.

Ва дар айни замон, ман бо тарс дар бораи он фикр мекардам, ки Курешиён чи фикр мекунанд. Оё ман дар назари онҳо одами кӯрнамаке, ки барои меҳмондорӣ ва муҳаббаташон бо бади ҷавоб мегардонад, намоён намегардам? Пеш аз ин ҳеҷ кай ин қадар муҳаббату меҳрубониро надида будам чун дар хонаи онҳо. Онҳо барои ман „фариштагон“ – фиристодагоне Худо буданд, ки ба ҷисми ман ёрдам оварда, мисли зоғон, ки барои Илёс нон меоварданд, ки аз Ахав паноҳ бурда буд. Чӣ мешавад, агар ман ба онҳо изҳор кунам, ки ман масеҳӣ мешавам. Дили ман аз номуайянӣ аз кор мемонд.

Ман Китоби Муқаддасро ва Қуръонро мехондам, бо умеди он, ки аз ҳар ду сарчашма ҷавобе пайдо кунам. Ман ба калисо мерафтам ва ҳамчунин доимо ба масҷид мерафтам. Ман кашишҳои насронӣ ва мавлавиро гӯш мекардам. Ва ҳамеша ҳис мекардам, ки вақти ба қароре омадан расидааст. Кабинети ман родио дошт. Курешиён бо муҳаббат ба ман иҷозат доданд, ки чун ба хонаи онҳо омадам, вайро истифода барам. Ман мунтазам барномаи пахшшавандаи ширкати шарқидурии радиошунавониро, пас аз он, ки мистер Мессӣ дар бораи ин барномаҳо ба ман гуфт, мешунавам. Курешиён низ ин барномаро мешуниданд, вале ин бароящон шавқовар набуд, илова бар ин барномаҳои бегоҳирӯзӣ аксар аз тарафи родиои Маскав пахш карда мешуданд. Боре пагоҳирӯзӣ ман ба кор тайёрӣ дида, радиоро мешунидам. Кадом як таблиғгар аз Салтанати Малакутӣ муҳокима мекард. Ман бо ним гӯш вайро мешунидам, вале дар охир қисме аз Китоби Муқаддасро хонд, ки маро сахт такон дод:

„Аз ин рӯ ғамхӯрӣ накунед ва нагӯед: „Чӣ бихӯрем“ ё „Чӣ бинӯшем?“ ё „Чӣ бипӯшем?“ Чунки халқҳо дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд, лекин Падари шумо, ки дар осмон аст, медонад, ки шумо ба ҳамаи ин чизҳо эҳтиёҷ доред. Аммо аввал малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд“ (Матто, 6: 31–33).

Ин калимот рост ба дили ман равона шуда буданд. Падар дили фарзандони худро медонад, фикр кардам ман. Танҳо ӯ дониста

метавонад, ки ман аз он,ки аз хонаи Курешиён ба кӯча партофта ва аз нав беғизо ва сарпаноҳ монданметарсам. Танҳо ӯ медонист, ки ин тарс ба ман чӣ гуна фишор меорад. Акнун ман медонистам, ки агар лозим шавад ман инро қабул карда метавонам.

Ман аз кор рухсатии серӯза гирифтам ва ҳама ин вақтро барои шунидани каломи Инҷили Матто, ки дар гӯшам ҷарангос мезад сарф намудам. Ман не ки ибодат кунам, ман мунтазир будам, ки Худованд худро дар зиндагии ман намудор кунад (гӯё вай инро алҳол накарда бошад). Акнун ман фаҳмидам, ки ин фикр аз Худо нест. Ногаҳон ба ёди ман ин калимаҳо аз Китоби Муқаддас омаданд: „... Ин қадар вақт ман бо шумо будам ва ту маро нашинохтӣ?“ (Юҳанно, 14: 9).

Ман Китоби Муқаддасро кушодам, ин калимаҳоро аз Инҷили Юҳанно ёфта бо диққат се сураро (Юҳанно14: 5: 9) хондам. Ин калимаҳо гӯё рост ба ман равона шуда буданд ва ман худро тамоман шикаста ҳис карда, қобилияти худро пурра ба ихтиёри Ӯ додан надоштам.

Дар рӯ ба рӯям оина буд, вале ман ба рӯи худам нигоҳ карда натавонистам. Ман мешунидам, ки дар хона одамон гаштугузор доштанд, ким-кӣ меомад, ким-кӣ мерафт, вале ман бо фикрҳо худ ва тарсам танҳо будам. Фикрона, ман ҳамаи шубҳаҳои худамро аз нав аз назар гузаронда, дидам, ки чора нест. Ҳама чӣ рӯшан буд.

Он Худое, ки ҳанӯз дар ҷавонӣ гуфта буд: „Дар ин мактаб хон ва вақте ки мактаби худро тамом мекунӣ, ман туро мегирам“, маро мунтазир буд, вале ман метарсидам. Он Худое, ки бо дасти меҳрубон маро бурд, то ки ман ҳақиқатро пайдо кунам, маро мунтазир буд, ман бошам ба қафо рафтан мехостам. „Мумкин ӯ аз мунтазир шудан, монда шуд“, – баногоҳ саросема фикр кардам ман ва тамоман дилгир шуда, гиря кардам.

Ман дар нотавонии пурра будам ва шояд хобам бурда бошад, зеро ҳуҷра бо чароғи баланд равшан шуд ва гӯё деворҳо аз байн рафтанд. Дар мағзи сари дардманди ман, саҳнае аз лаҳзаи тасвиршудаи боби 20 Инҷили Юҳанно ба миён омад. Ман Туморо дар миёни ҳаввориёни дигар нишаста дидам. Ӯ ба ман ғамгин ва шубҳакунанда менамуд. Ба ногоҳ ман миёни онҳо Исоро дидам, ки мегуфт: „Сулҳ ба шумо“. Ман дидам, ки аз ҳайронӣ даҳони Тумо кушода буд.

Исо ба Тумо гуфт: „Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастони Маро бин; ва дасти худро биёр ва барои қабурғаи ман бигузор ва беимон набош, балки имон дошта бош“ (Юҳанно 20:27).

Тумо худро ба зери пои Исо партофта фарёд кард: „Парвардигор ва Худованди ман!“ Исо бо чунин калимаҳо ӯро бардошт „ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон обардӣ; Хушо касоне ки надида, имон меоваранд“ (Юҳанно 20–29).

Оҳиста-оҳиста манзара гум шуд. Ман дар миёни хона истода, дар бораи он фикр кардам, ки чанде пеш дар хоби дида дар дили худ шунида будам. Ман бисёр хуб фаҳмидам, он чӣ фиристода буд. Ман ба Тумо монанд будам, шӯбҳакунанда ва нобовар, ва Исо ба ман нишон дод, ки Вай ҳоло ҳам маро дӯст медорад ва ба худ мехонад.

Баногоҳ ман андӯҳи бузургеро ҳис кардам. „Ӯ дар назди дари дили ман ҳама ин вақт буд ва ман ба ӯ накушодам“, – оҳистакак гуфтам ман. Шайтон ғалабаи осоне ба даст овард, чунки ман роҳашро набастам. Ман чӣ гуна метавонистам Ӯро гӯш кунам, замоне, ки Худованди тамоми коинот ба дари дили ман истода буд?

Ман ба зону истода, нидо кардам: „Ё Худоё, ман бовар дорам. Бовари надоштана ва гарданшахиамро бубахш ва маро қабул кун“.

Ман дар ботин садои пастро шунидам: „Ҳар киро Ман дӯст дорам, мазаммат мекунам ва ҷазо медиҳам. Пас ғаюр бош ва тавба кун“ (Ваҳӣ 3:19)

Ман аз зону чун шахси дигар бархостам. Ба назарам чунин мерасид, ки тамоми вуҷуди ман месарояд „Ту чигуна бузурги“. Бештар ман ҳеҷ гоҳ чунин ҳисси оромӣ надоштам, чун он шаби 26 – апрели соли 1973. Ҷустуҷӯ ва омӯзиши ду сола ба охир расид. Рӯҳи ман дар охир фаҳмид, ки Исои Масеҳ парвардигор ва Худои ман аст, ба шарафи Падархудо.

Рӯзи дигар ман ба пеши мистер Мессӣ омадам. Вай дар хона набуд ва ман ӯро мунтазир шуда, қарор додам, ки дар тарабхонаи назди хонаи ӯ чой нӯшида шинам. Дар дилам имрӯз равшание буд. Мистер Мессӣ бо занги ман дарро кушода, ҳайрон шуд.

– Масъуд, ту имрӯз тамоман дигар шудаӣ, – қайд намуд вай ва ман хурсанд будам, ки имрӯз ҳақиқатан ҳам дигар шудаам. Ӯ аз дасти ман гирифта, ба меҳмонишин бурд, ки деворҳои вай бо ранги равшан ранг шуда буданд.

– Пешравии ту дар омӯхтани Китоби Муқаддас чӣ гуна аст, Масъуд? – пурсид мистер Мессӣ.

Ман рост ба чашмонаш назар намуда, бо калимаҳои хоҷасарои Ҳабашистонӣ оддӣ ҷавоб додам: „Инак, об; ба таъмид гирифтанам чӣ чиз манеъ мешавад“ (Аъмол 8:36)

Ӯ маънии суханони маро фаҳмид, вале дар назари ҷавобиаш табассум набуд.

– Масъуд, ту медонӣ ин чӣ маънӣ дорад?

– Мефаҳмам, – гуфтам ман, – ва Худо ба ман ёрӣ медиҳад.

– Ва ё агар марг, Масъуд? – истодагарӣ намуд вай. – Дар хотир дорӣ: „...ҳар ки шуморо бикушад, гумон кунад, ки хизмате ба Худо мекунад“ (Юҳанно 16: 2).

Бо вуҷуди ин ҷаҳони Худованди дар дили ман дар айни замон бисёр ҳаётӣ буд.

– Хайр чӣ, ман Масеҳро ба хотир меорам, ки гуфта буд: „Эй падар, инҳоро бубахш, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд“ (Луқо, 23:34).

Ин калимаҳоро шунида ӯ маро сахт ба оғӯш гирифт ва маро дар оғӯшаш нигоҳ дошта, барои ман дуо хонд.

– Ин барои ман, – Масъуд, – рӯзи хушбахтӣ аст, – гуфт вай баъд аз дуо.

Мо дар бораи ба дини насоро даромадани ман сухан кардем. Мистер Мессӣ гуфт, ки ӯ бо кашиш дар ин бора сӯҳбат мекунад, вале ман истодагари карда гуфтам, ки мо ҳозира худаш дукаса ба назди кашиш равем. Мо ҳар ду ба калисо рафтем ва бо мистер Винсент сӯҳбат кардем.Ӯ хурсандии худро оид ба ҷустуҷӯҳои ман баён намуд ва қарор додем, ки [1]таъмид рӯзи якшанбеи наздиктарин мешавад. Мистер Винсент пешниҳод кард, ки ҳангоми таъмиди ман миқдори ками насрониён иштирок кунанд, вале ман бо якрави хоҳиш намудам, ки таъмид бояд баъди ибодати рӯзи якшанбе шавад. Чунон ҳам шуд.

Рӯзи якшанбеи 29 -апрели соли 1973 буд. Калисо аз масеҳиён пур буд, зеро эълон намуданд, ки имрӯз таъмид мешавад. Мардум ба атрофашон нигоҳ мекарданд; Ман бархоста ба [2]минбар наздик шудам. Аз пушти ман мистер Мессӣ меистод. Мистер Винсент маро кӯтоҳ муаррифӣ намуд. Вай дар бораи ман каме нақл кард, вале маълум буд, ки ман мусулмонам, ва қарор додам таъмидро қабул кунам ин худ аз худ хеле ғайри оддӣ буд. Ин охирин таъмиде буд, ки мистер Винсент

дар Карочӣ гузаронид. Баъди чанде вай ба Калисои Покистонии ба яке аз ноҳияҳои Лондон – дар Саутхолле, ки то охири ҳаёташ хизмат кард, гузаронида шуд.

Ҳангоми ба амал овардани [3]фарзи таъмид, ман шогирдони Исоро ба хотир овардам, ки фармон шуда буд:

„Пас биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Руҳулқудус таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, ҳар он чиро ки ба шумо фармудам...“ (Матто, 28:19–20).

Ман овози аз дур оянддаи мистер Винсентро мешунавам: „Таъмид медиҳам туро бо номи Падар ва Писар ва Руҳулқуддус“. Ҳамаги чанд сол пеш ин калимот барои ман арзише надоштанд, вале дар ин рӯз ман калимоти Навиштаҷотро пурра ҳис намудам ва фаҳмидам:

„Оё намедонед, ки ҳамаи мо, ки дар Исои Масеҳ таъмид ёфтаем, дар марги ӯ таъмид ёфтаем. Пас мо дар маргаш таъмид ёфта бо Ӯ дафн

?????? хоҷасароӣ – евнух

[1] таъмид – крестится

[2] минбар – кафедра

[3] фарзи таъмид – таинство крешения

шудаем, то ки чунон ки Масеҳ бо шарафи Падар аз мурдагон эҳё шуд, он чунон мо низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем“
(Ба Румиён 6:3–4).

Баъди ибодат ҳама дар гирди ман ҷамъ шуданд, то ки табрик намоянд. Мистер Месси̅ ба рафиқони нав маро муаррифи̅ кард ва ба муддате аз ман ҷудо шуд. Вақте ки ҳама пароканда шуданд, ман ҳам аз калисо баромадам, қарор додам, ки ӯро мунтазир шавам. Дар ин замон ман се ҷавонмардро дидам, ки дар бораи чизе сӯҳбат мекарданд. Ба онҳо шахси чорум наздик шуда, ба гӯши ман канда-кандаи суханонашон расид:

– Ман дар ин ҷо хеле шуд шуморо мунтазирам, – сар кард ӯ ба атрофаш назар карда. – Чи̅ гап аст? Ибодат дер тамом шуд?

– Ҳа, дӯстам, – ҷавоб дод яке аз ҷавонон. – Имрӯз Мусла (лақаби таҳқиромези мусулмон) насрони̅ шуд.

Диққати ҷавон ҷалб шуд.

– Ҳоло вай дар куҷост? – пурсид вай. – Мехоҳам ӯро бинам.

– Мо дар ибодат набудем, – ҷавоб дод ба ӯ. – Мо навакак омадем ва ӯро надидем. Ягон бор вомехӯрем.

Чи хел зуд рӯҳафтода шудан мумкин! Вақте ман шунидам, ки маро бо калимаи баъд номиданд, дилам таҳ хурд ва тайёр будам, ки гурехта равам, вале аз кунҷ мистер Месси̅ намоён шуд. Ӯ ба пеши ман шитоб кард.

– Ана ту куҷои Масъуд! – гуфт вай бо табассум. Биё рафтем, ман туро бо ин ҷавонон шинос кунам.

Маълум буд, ки онҳо бо мистер Месси̅ хуб шиносанд ӯ маро ба онҳо муаррифи̅ намуд. Онҳо аз хиҷолат пойҳояшонро зуд-зуд иваз карда меҷунбиданд, медонистанд, ки ман суханашонро шунидам.

Он бегоҳ ба хона баргашта истода, ман андаке аз пурсупоси ҷанобон Курешиҳо метарсидам, вале ҳама чиз чун ҳарвақта буд.

Ҳуҷраи ман чун ҳамеша тоза ва озода буд. Китобҳое, ки ман беэҳтиётона болои тахтакат партофта будам, бо тартиб ҷогузори̅ шуда буданд. Ман дар бораи он фикр мекардам, ки оё минбаъд ҳам дар ин ҷо ки хеле хушбахт будан худро чун пештара дар хонаи худ ҳис карда метавоман ё не. Аз ҳамом баромада, ман дар пушти курси̅ ҷойнамозро дидам. Ман ба хотир овардам, ки чи̅ қадар ман дар болои ин ҷойнамоз ибодат карда ва боз меҳрубонии хонум Куреши̅, ки ин ҷойнамозро тӯҳфа карда аст, ба хотирам омад. Ман дар ин ҷо чи̅ қадар намоз гузоштам: „Худоё, ба ман роҳи ҳақиқатро нишон деҳ“.

Бо қатъият ман ҷойнамозро ба ҷевон гузоштам. Шараф ба Худо, ки ман акнун дар роҳи̅ ҳақиқатам ва дар ҳар лаҳзае, ки хоҳам, дар ҳама ҷо ва ба ҳар вазъият метавонам ба пеши Худо оям. Ман озод будам.

„Бо Қуръон чи̅ кор кунам?“ – фикр кардам ман. Назарам ба китоби бисёр ошнои болои миз хобида афтод. Вайро ҳам ба ҷевон монда

фаромуш кунам? Дар дилам ҳис кардам, ки инро кардан наметавонам. Ин китоб шаҳодат барои дӯстони мусулмони ман буд. Вақте аз дини ман пурсанд, ҷавоб медиҳам, ки ман чи гуна Исои Масеҳро дар саҳифаҳои ин китоб пайдо кардам. Маҳз ба Қуръон такя карда ман ҳақиқатро меҷустам ва вайро чун шоҳиди ҷустуҷӯҳо нишон медиҳам.

Пеш аз он, ки дароз кашам, ман Китоби Муқаддасро кушода, аз Матто хондам 10:16–23:

„Ман шуморо монанди гӯсфандон мефиристам... Зеро ки ба ростӣ ба шумо мегӯям: пеш аз он ки ҳама шаҳрҳои Исроилро тай кунед, Писари Одам хоҳад омад“.

Ман ӯро барои пайғомаш шукр гуфта, паҳлӯ гаштам ва кӯдаквор хобам бурд.

13

# Ба пеш ҳаракат карда

Ба зуди оилаи Курешиҳо ҳис намуданд, ки ман ба масчид рафтанро бас кардам ва дар хона ҳам намоз намегузорам. Онҳо ба гумоне омаданд, ки ман аз дин бар гаштам ва боре ҷанобон Курешиҳо дар ин бора аз ман пурсиданд. Ман инро раъд накарда, қоил шудам, ки дини насрониро қабул кардаам. Ин хабар онҳоро сахт ба хашм овард. Дар гузашти чанд ҳафтаи дигар муносибати онҳо ба ман тамоман дигар шуд.

Дар ин муддат дар ҷои корам ҳам ҳама хабардор шуданд, ки ман ба Масеҳ имон овардам. Баъзе аз ҳамкорони ман дар андешае буданд, ки ман ба доми ҷосусони хориҷӣ афтодам ва бо ваъдаи ба даст овардани кори хуб ё ба хориҷа рафта тавонистан, агар ман аз Қуръон рӯй гардонам маро хариданд. Вале онҳое ҳам буданд, ки ба ин диққати ҳақиқӣ доданд ки ин гузошта, ба ман имконияти аҷиберо медод, ки ба онҳо чӣ гуна будани эътиқод ба Исои Масеҳро нақл кунам.

Вале чӣ дар ҷои кор ва чӣ дар хона шиддатнокӣ ба дараҷае расид, ки Курешиҳо куллан бовар намуданд, ки ман ба Исои Масеҳ фурӯхта шудам ва ба ман эълон намуданд, ки вақти он расидааст, ки хонаи онҳоро тарк кунам ва ташвиши зиндагиамро бар дасти худ гирам. Шаби охиринро дар хонаи онҳо ман дар хонаи хизматгорон гузаронидам. Ман ҳис кардам, ки боз як саҳифаи ҳаёти ман ба охир расида истодааст. Дар он шаб ман зонувонамро барои ибодат қат намуда, ба падари малакутиам гуфтам: „Падар агар ин хоҳиши Ту бошад, ки ман бори дигар ба кӯча партофта шавам, ман норозиги баён намекунам“.

Ман ҳис кардам, ки вай ибодати маро қабул намуд, вале вақте, ки ман бори аввал дар чор соли зиндагиам дар ин хона дар рӯи замин хобидам, маро хотираҳои зиёде фаро гирифтанд. Оқибат маро хоб бурд ва вақте ки бедор шудам, аллакай тамоман рӯшан шуда буд. Беҷуръатӣ аз нав маро фаро гирифт. „Маъсуд, – гуфтам ман ба худам, – ҳоло вақт ҳаст, раву бахшиш пурс ва дар ин оилае мон, ки туро дӯст медорад. Биандеш, ки чиро гум мекунӣ. Дар бораи корат фикр кун, дар бораи ояндаи худат“ ...Вале ба хотири ман Исои Худованд расид, ба хотирам омад, ки вай чил шабу чил рӯзро дар биёбон гузаронид. Ман ҷавоби

ӯро ба шайтон ба хотир овардам: „Ба Худованди худ саҷда кун ва танҳо ба ӯ хизмат намо“.

Ман аз ҷоям хестам, борхалтаро гирифта, аз хона баромадам. Дар пеши дарвоза қадамамро суст карда, ба қафо ба тарафи хонае, ки дер боз паноҳгоҳи ман буд, назар кардам.

Дар солҳое, ки баъд аз насронӣ шудани ман гузаштанд, хешу табор, дӯстон ва ҳамкоронам на як бор маро барои он гунаҳгор карданд, ки ватанамро фурӯхта, ба волидайнам итоат накарда, худоношинос шуда ба се Худо-ибодат мекунам. Ин пура нафаҳмидани дини насронӣ ва Китоби Муқаддасро, ки бисёр мусулмонон ҳатто хондан метарсанд, маро хеле дилозурда мекард. Дар суррате, ки навишта шудааст, ки насрониён ба ҳукуматҳои заминӣ бояд фармонбардор бошанд (1 Петрус, 2:13–14), падару модарро эҳтиром кунанд (Хурӯҷ, 20:12) ва Худованди худро дӯст доранд – Худои ягона ва ҳақиқии худро (Матто, 22:37).

Ҳатто бародарони насронӣ бисёр вақт ба ман бо шубҳа муносибат мекарданд: баъзе барои он, ки аз маҳалли онҳо набудам, дигарон андеша доштанд, ки ман барои беҳтар кардани молиёти худ насронӣ шудам, севумиҳо, маро агенти давлатӣ барои дар калисо ҷосусӣ кардан фиристода шуда ҳисоб мекарданд!

Ба ҳар гуҳое, ки ман меомадам, ман ҳамеша муҳаббати худамро ба Исои Худованд намоиш медодам, ки бисёр вақт барои ин ҷои корамро аз даст медодам. Гаштаву баргашта маро аз кор ва ё хонаи иҷора бо таҳқири: „Аз ин ҷо дафъ шав фарроши палид!“ Вале дар ҳамаи ин ҳолатҳо ман дар дилам сулҳ ва оромиро доштам. Ман ба хотир меовардам, ки Исои Масеҳ чанд бор ронда шуда буд. Рӯҳи Худовандӣ ба ман калимаҳоеро меовард, ки ба ман ороми ва қудрат медоданд: „...агар донаи гандум дар хок афтода намирад, худаш танҳо мемонад; лекин агар бимирад, донаҳои фаровон меоварад“ (Юҳанно, 12:24).

Ташвиш, оворагиҳо, ғамхуриҳо. Албатта, ба ман зарур шуд, ки ҳама инро аз сар гузаронам. Маро мепурсиданд: „Наход туро ҳамин ҳаёти оворагардона қаноат мекунонад? Наход ту то охирин рӯзҳои ҳаётат мехоҳӣ чунин оворагардӣ кунӣ? Магар ҳама ин мақсади ҷустуҷӯҳои ту буд?“

Не мақсади ҷустуҷӯҳои ман ёфтани ҳақиқат, ҳақиқате буд, ки маро аз ҳаёти хушку холии аз аҷдодонам ба ман мерос монда, озод кунад. Худо худаш дили маро кушода, роҳи ҳақиқатро ба ӯ нишон дод, роҳеро ки вай пеш аз офаридани олам интихоб карда буд, роҳи ягонае, ки одамият ба воситаи он метавонад ба оштӣ ба Худо-Исои Масеҳ биёяд. Ӯ бо марги худаш шайтонро мағлуб карда, ва ҳамаи онҳоеро, ки тамоми ҳаёташонро дар занҷири оҳани гузаронанд, озод кард.

Ман масеҳӣ шуда, донистам, ки ман худ ба худ арзиши каме дорам, вале дар айни замон медонам, ки дар чашми Худо арзиши ман азҳад

зиёдаст. Ана барои чи ӯ ба воситаи сухани худ мегӯяд: „Бинобар ин ба шумо мегӯям: барои ҳаёти худ ғамхори накунед кӣ чӣ бихӯред ва чӣ бинӯшед, низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед. Оё ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар нест? Ба мурғони ҳаво нигоҳ кунед, кӣ на мекоранд ва на медараванд ва на дар анборҳо захира мекунанд ва Падари шумо, ки дар осмон аст ба онҳо рӯзӣ мерасонад. Оё шумо аз онҳо хеле беҳтар нестед?“ (Матто 6:25–26).

Ман медонам, ки ҳаёти ман ба ман тааллуқ надорад. Ман ӯро ба Исо ихтиёрӣ додам ва ӯ медонад, ки барои ман чӣ аз ҳама беҳтар аст. Бо вуҷуди он ки ман оиларо аз даст додам, гарчанде маро фишор оварданд, Худои ман маро дилбардорӣ мекунад:

„Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; балки аз Ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад. Оё ду гунҷишк ба як фулус фурӯхта намешавад? Ва ҳол он ки ягонтои онҳо бе хости Падари шумо ба замин намеафтад; Пас, натарсед: шумо аз бисёр гунҷишкон бартарӣ доред“ (Матто 10: 28,29,31).

Дар ҳамаи мусибатҳои ҳаёт, шӯбҳаҳо ва иғво, дар танҳоӣ ва мондашавӣ, ноумедиҳо Ӯ ба ёрӣ меояд ва ман Ӯро таъриф мегӯям ва мушарраф месозам барои ин. Ман ҳамчун ҳаввории Павлус гуфтан метавонам: „Маро заданд, вале намурдам; бисёр ранҷонданд, вале ман ҳамеша шодӣ мекунам; ман камбағалам, вале имкон дорам, ки бисёриҳоро сарватманд гардонам; ман ҳеҷ чиз надорам, вале чун Писари Худо ҳама дар фармони ман аст; ман мемурам, вале абадан зинда мемонам. Ман метавонам ҳамаро қадру қиммат гузорам, вале ҳеҷ донам дар нисбати донистани Худои ман Исои Масеҳ. Ӯ намехоҳад, ки ягон кас нобуд шавад, вале „мехоҳад ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд ва ба дониши ростӣ бирасанд“ (I Тимотиюс 2:4). „Имрӯз агар овози ӯро бишнавед, дилҳои худро сахт накунед“ (Ба Ибриён 4:7);

(Забур. 95:7–8).

# Мундарича


Дар ҷустуҷӯи рӯшноӣ
Изҳори миннатдорӣ .......... 3
I. Хоб дидан .......... 4
2. Аёми кудакӣ миёни аҳмадиён .......... 6
3. Калон шудани ман .......... 15
4. Наздикшавӣ ба ӯ .......... 22
5. ба сӯи ҳақиқат равон мешавам .......... 33
6. Ман мавқеи худро ҳимоят мекунам .......... 43
7. Гурез .......... 49
8. Ба ҷануб .......... 59
9. Дар пушти остонаи худкушӣ .......... 72
10. Китоби Муқаддас ва Қуръон .......... 79
11. Нур дар торикӣ .......... 88
12. Ба сӯи рӯшноии писар .......... 94
13. Ба пеш ҳаракат карда .......... 101